أُصُولُ الإِيمَانِ

УСУЛИ ИМОН

УСУЛИ ИМОН

Нашриёт
тарҳрезӣ ва нашр

Чопи дуюм

Нашриёти «Даур»
Москва
2023

Сайти нашрияи «Даур»
Усули имон / Нашриёти «Даур», чопи дуюм. 2023, Москва, 128-с.

Ин китоб улуми зарурии асосҳои ақидаи исломӣ ва шарҳи ҳар яки онро дарбар мегирад.
Китобе, ки дар даст доред барои хонандагоне, ки таваҷҷуҳ ба улуми исломӣ доранд дар назар гирифта шудааст ва инчунин барои курсҳои шабона ва омӯзиши исломӣ дар масҷиду мадрасаҳо тавсия мешавад.

© Нашриёти «Даур», 2023
Эл. почта: *daura.publishing@gmail.com*

Муқаддима

Дин-маҷмӯаи қоидаҳои бандагии Аллоҳи Мутаъол мебошад

Аллоҳи Мутаъол — Парвардигор, Холиқ, Олим ва Ҳакимест, ки дар асоси илми фарогир ва ҳикмату тавоноияш ин ҷаҳони бузургро халқ кард ва дар он қоидаҳоеро гузошт, то аҳдофи илоҳияш амалӣ гарданд ва онро барои беҳудагӣ ва бозӣ наофарид. Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Мо ин осмонҳову замин ва он чиро миёни онҳост, ба бозича наёфаридаем. Онҳоро барҳақ офаридаем, вале бештаринашон намедонанд».** (Сураи Духон 38–39)

Аллоҳи Мутаъол инсон ва ҷинҳоро халқ кард ва ҳикмату ҳадафи бузург аз офариниши онҳоро баён намуда, фармуд:

— Ҷинну инсро ҷуз барои парастиши Худ наёфаридаам. Аз онҳо ризқе намехоҳам ва намехоҳам, ки маро итъом кунанд (рӯзӣ диҳанд). Ҳаройна, Аллоҳ аст рӯзидиҳанда. Ва ӯст соҳиби нерӯе сахт устувор. (Сураи Зориёт 56–58)

— Эй мардум, Парвардигоратонро, ки шумо ва пешиниёнатонро биёфаридааст, бипарастед. то ки парҳезгор шавед! Он Аллоҳе, ки заминро чун фаршҳое бигустурд

ва осмонро чун биное бияфрохт ва аз осмон обе фиристод ва бо он об барои рӯзии шумо аз замин ҳар гуна самаре бирӯёнид ва худ медонед, ки набояд барои Аллоҳ ҳамтоёне қарор диҳед! (Сураи Бақара 21–22)

Парвардигор бо лутфу карамаш барои инсон дарки ҳақиқати коинотро осон гардонд. Дарки ин ҳақиқат, ки Аллоҳ вуҷуд дорад, Офаридгори тамоми ҳастӣ буда, инсон низ яке аз махлуқоти Ӯ мебошад. Ҳадаф аз офариниши инсон ибодат ва бандагии Алоҳи ягона мебошад. Ин ҳамон вазифаест, ки Аллоҳи Мутаъол бар ӯҳдаи ҳар як инсон гузоштааст ва ба ҳамин хотир инсон новобаста аз хостаҳояш бандаи Аллоҳ мебошад. Ин луфту карами Аллоҳ дар нуқтаҳои зерин баён мегарданд:

1. Аллоҳи Мутаъол инсонро бо фитрате ба дунё овард, ки дар асоси он метавонад дарк намояд, ки танҳо як Худо вуҷуд дорад ва инсон бояд танҳо Ӯро ибодат намуда, фармони Ӯро итоъат намояд. Инсон агар зери таъсири дигар инсонҳо қарор нагирад ҳатман аз фитрате, ки дар вуҷудаш гузошта шудааст пайравӣ мекунад. Вале имкон дорад заъфи инсонӣ ва ё пайравӣ аз ин ё он инсон ӯро аз пайравии фитрати солимаш боздошта, гумроҳ намояд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Ба яктопарастӣ рӯй ба дин овар. Фитратест, ки Аллоҳ ҳамаро ба он фитрат биёфаридааст ва дар офариниши Аллоҳ тағйире нест. Дини поку пойдор ин аст, вале бештари мардум намедонанд**». (Сураи Рум 30)

Ҳазрати Абуҳурайра ﷺ аз Расулуллоҳ ﷺ ривоят намудааст, ки мефармоянд: «***Ҳар як тифл бо фитрат (фитрати шинохти Аллоҳи якто) ба дунё меояд, пас ин падару модараш мебошанд, ки ӯро яҳудӣ, насронӣ ва ё оташпараст менамоянд. Чуноне тамоми ҳайвонот солим ба дунё меоянд, пас оё боре дидаед, ки ҳайвоне бо бинии бури-***

дашуда ба дунё омада бошад?» Сипас ҳазрати Абуҳурайра ﷺ ин оятро тиловат кард: **«Фитратест, ки Аллоҳ ҳамаро ба он фитрат биёфаридааст».** (ал-Бухорӣ 1359, Мулим 2658)

Расулуллоҳ ﷺ мефармояд: «***Аллоҳи Мутаъол маро амр намуд, то барои шумо ончиро, ки имрӯз барои ман омӯхт ва ончиро шумо намедонед биомӯзам. «Неъматҳоеро, ки ман барои бандагонам офаридаам ҳалол мебошанд. Ман тамоми бандагонамро мутеъи худам офаридам, вале шайтонҳо наздашон омада, онҳоро гумроҳ намуданд ва ончиро барояшон ҳалол кардаам ҳаром намуданд ва онҳоро амр намуданд, то ҳамроҳи ман бидуни ҳеҷ далел ва асосе худоҳои дурӯғинро парастиш намоянд…***». (Муслим 4/2197)

2. Аллоҳ таъоло барои инсон ақле додааст, ки ба воситаи он метавонад дарк намояд, ки тамоми ин ҳастӣ барои худ офаридгоре дорад. Инсон метавонад ба тамоми нишонаҳои атрофаш бингарад ва дар бораи онҳо биандешад. Ҳар соҳибақл агар дар бораи коинот, осмон, замин, ситораҳо, сайёраҳо, офтоб, моҳ, куҳҳо, дарахтон, баҳрҳо, дарёҳои рӯи замин ва шабу рӯзе, ки онҳоро иҳота намудаанд ва низоми аҷибе, ки дар ин ҷаҳони ҳастӣ гузошта шудааст ва дар асоси он дар гардиш аст биандешад, бидуни шак яқин менамояд, ки ин ҷаҳон холиқе дорад, ки онро офаридааст ва он ҳамаро идора менамояд. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Ба зудӣ, оёти қудрати Худро дар атрофи олам ва дар вуҷуди худашон ба онҳо нишон хоҳем дод, то барояшон ошкор шавад, ки ҳаройна, Ӯ ҳақ аст. Оё ин ки Парвардигори ту дар ҳама ҷо ҳозир аст, кофӣ нест?** (Сураи Фуссилат 53)

3. Аллоҳ барои бандагонаш пайғамбарон фиристод ва онҳо ба мардум фаҳмониданд, ки Аллоҳ онҳоро офаридааст

ва танҳо Ӯ лоиқ ва сазовори бандагӣ ва ибодат мебошад ва инки аз парастиши маъбудони ботил парҳез намоянд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Дар миёни ҳар миллате паёмбаре фиристодем, (то онҳо барояшон бигуянд:) ки Аллоҳро бипарастед ва аз бут дурӣ ҷӯед.** (Сураи Наҳл 36)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— Мо пеш аз ту ҳеҷ паёмбаре нафиристодем, ҷуз он ки ба ӯ ваҳий кардем, ки ҷуз Ман худое барҳақ нест. Пас, Маро бипарастед. (Сураи Анбиё 25)

Ҳамин тавр бо фазлу карам ва кӯмаки Аллоҳ инсон дар сиришт ва қалбаш метавонад дарк кунад, ки бояд Аллоҳи ягонаро ибодат намояд ва ба ин хулоса дар натиҷаи истифодаи ақле, ки барояш дода шудааст, метавонад бирасад. Ба воситаи пайғамбаронаш Аллоҳи Мутаъол бандагонашро таълим медиҳад, ки Ӯро чигуна бандагӣ ва парастиш намоянд.

Ибодат ва бандагии Аллоҳ — итоъат кардани Ӯ дар тамоми ончи амр намудааст ва дурӣ намудан аз ҳаромкардаҳояш мебошад. Тамоми амалҳои инсон иборат аз гӯфтор ва ё рафтори ӯ мебошанд. Амал дар навбати худ метавонад ошкор бошад, монанди амалҳое, ки дигарон онро дида метавонанд ва ё пинҳон ва махфӣ дар қалби инсон бошад.

Ибодатро метавон чунин таъриф намуд: ***Ибодат*** — *Мафҳуми ҷомеъест, ки тамоми амалҳои пинҳон ва ошкореро шомил мегардад, ки Аллоҳ онро дӯст медорад ва аз он амалҳо розӣ мебошад.* Аллоҳи Мутаъол дар Қуръону Суннат дар бораи он гӯфтор ва кирдоре, ки дӯст медорад дар чорчубаи амру наҳий хабар додааст.

Дин — *маҷмуъаи қоидаҳои бандагии Аллоҳи ягона мебошад, ки шомили авомир ва манъҳамудаҳои илоҳӣ аст*.

Аллоҳ динашро Ислом номидааст, чуноне мефармояд:

— **Ҳар ойна дин дар назди Аллоҳ дини ислом аст.** (Сураи Оли Умрон 19)

— **Ва ҳар кас, ки дине ҷуз ислом ихтиёр кунад, аз ӯ пазируфта нахоҳад шуд ва дар охират аз зиёндидагон хоҳад буд.** (Сураи Оли Умрон 85)

Мафҳуми Ислом — *итоаъат, фармонбардорӣ ва таслим шудан ба тамоми амру наҳйи Аллоҳи Мутаъол мебошад.*

Амали қалб-асоси ибодатҳост

Чуноне зикр намудем мафҳуми ибодат шомили тамоми гуфтор, кирдор ва амалҳои ошкор ва пинҳони инсон, ки Аллоҳ ба мо таълим додааст, мебошад.

Амалҳои ошкор монанди намоз, ҳаҷ, садақа, эҳтироми падару модар, итоъат аз роҳбар, кӯмак ба мусулмонон, қурбонӣ ва ғайра мебошанд.

Амалҳои пинҳон амалҳои қалб мебошанд, ки ба ҳеҷ яке аз махлуқот ошкор нест ва ҷуз Аллоҳ ҳеҷ кас аз он хабар надорад ва танҳо Ӯст, ки аз асрори қалбҳои бандагонаш огоҳ мебошад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Аллоҳ аз дилҳояшон огоҳ аст.** (Сураи Нисо 63)

Аз ҷумлаи амалҳои дил — имон доштан ба Аллоҳ, ба малоикаҳои Аллоҳ, ба китобҳои Аллоҳ, ба пайғамбарони Аллоҳ, ба рӯзи қиёмат ба хубу бади тақдир, муҳаббати Аллоҳ, таваккал ба Аллоҳ, тарс аз азоби Аллоҳ, умед ба раҳмати Аллоҳ, аз Аллоҳ кӯмак хостан, ба Аллоҳ паноҳ бурдан, тавба, садоқат бо Аллоҳ ва аз Аллоҳ дуову талаб намудан, мебошанд.

Асоситарин амали қалб ва асли тамоми дин имон ба Аллоҳ ва ба тамоми ончи, ки Аллоҳ барои имон овардан ба

он амр намудааст мебошад, зеро амал бидуни имон ҳеҷ маъное надорад. Аллоҳ ба мо амр намудааст, ки бо қалбҳоямон ба шаш чиз имон дошта бошем.

1. ***Имон ба Аллоҳ***
2. ***Имон ба малоикаҳои Аллоҳ***
3. ***Имон ба китобҳои Аллоҳ***
4. ***Имон ба пайғамбарони Аллоҳ***
5. ***Имон ба рӯзи қиёмат***
6. ***Имон ба хубу бади тақдир***

Донишмандон ин шаш чизро аркон ва ё пояҳояи имон номидаанд.

— **Эй касоне, ки имон овардаед, ба Аллоҳу паёмбараш ва ин китоб, ки бар паёмбараш нозил карда ва он китоб, ки пеш аз он нозил кардааст, ба ҳақиқат имон биёваред.** (Сураи Нисо 136)

— **Некӣ он нест, ки рӯи худ ба ҷониби Машриқу Мағриб кунед, балки некӯкор касест, ки ба Аллоҳ ва рӯзи бозпасин ва фариштагон ва китоби Худо ва паёмбарон имон оварад.** (Сураи Бақара 177)

— **Ва ҳар кӣ ба Аллоҳу фариштагонаш ва китобҳояш ва паёмбаронаш ва рӯзи қиёмат кофир шавад, сахт дар гумроҳӣ афтодааст.** (Сураи Нисо 136)

Расулуллоҳ ﷺ мефармояд: «***Мақсад аз имон ин аст: имон биёрӣ ба Аллоҳ, ба малоикаҳои Аллоҳ, ба китобҳои Аллоҳ, ба пайғамбарони Аллоҳ, ба рӯзи қиёма ва (инчунин имон биёрӣ) ба хубу бади тақдир***».

Дар забони арабӣ калимаи «имон» баргирифта аз феъли «омана» мебошад, ки ба маънои бовар доштан ва боваринок ва бо эътимод будан мебошад.

Донишмандони забони арабӣ мегӯянд, ки мафҳуми калимаи «имон» тасдиқ ва бовар мебошад. Имони инсон ба ин шаш рукн ҳамоно ба маънои тасдиқ ва бовари қалб ба он

мебошад. Ба ҳамин хотир бовар доштан ба ин шаш рукн аз ҷумлаи амалҳои дил мебошад.

Имон ба шаш рукн — асоси дин ба шумор меравад, ки тамоми ибодати инсон ба он бунёд меёбад. Инсон ин ё он ибодатро дар ҳоле анҷом медиҳад, ки имон ба ин шаш рукн ҳамеша дар қалбаш вуҷуд дорад. Ҳамин имон аст, ки инсон вақте мехоҳад амалеро анҷом диҳад, хоҳ он амали ошкор бошад ва ё амали қалбӣ ӯро ба анҷоми он ташвиқ намуда, ангезааш медиҳад. Дар идома хоҳем дид, ки тамоми амали қалб вобаста ба имони ба Аллоҳ аст ва наметавонад аз он ҷудо гардад.

Анвоъи амалҳои дил

1. Муҳаббати Аллоҳ

Муҳаббат ва дӯстдоштан яке аз муҳимтарин амалҳои қалб мебошад ва бояд танҳо Аллоҳи ягона дӯст дошта шавад ва вуҷуди Аллоҳ мӯҳаббаташро лозим медорад. Муҳаббати мӯъминон замоне қавитар мегардад, ки вориди сарои саодатмандӣ гарданд, чун тарс бо аз байн рафтани сабабҳои он аз байн меравад ва ҳар кӣ дохили биҳишт гардад наметарсад ва ғамгин намешавад.

Дар бораи муҳаббати мӯъминон нисбати Парвардигорашон Аллоҳи Мутаъол ва ҳамчунин Пайғамбараш ﷺ баён доштаанд. Ба таври мисол Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Баъзе аз мардум Аллоҳро ҳамтоёне ихтиёр мекунанд ва онҳоро чунон дӯст медоранд, ки Аллоҳро. Вале онон, ки имон овардаанд, Аллоҳро бештар дӯст медоранд».** (Сураи Бақара 165)

Аллоҳи Мутаъол низ мефармояд:

— …**Ӯ (Аллоҳ) онҳоро дӯст медорад ва онҳо (муъминон) низ Ӯро дӯст медоранд**… (Сураи Моида 54)

Дар саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим омадааст, ки Расулуллоҳ ﷺ мефармоянд: «***Лаззати имонро танҳо ҳамон шахсе чашидааст, ки се хислатро доро бошад: Аллоҳ ва Расулашро аз ҳама бештар дӯст бидорад ва ҳар инсонеро, ки дӯст медорад, танҳо ба хотири Аллоҳ дӯст бидорад ва инки намехоҳад баъд аз онки Аллоҳ ӯро аз гумроҳӣ наҷот додааст дубора ба он баргардад монанди инки намехоҳад вориди оташ гардад***».

Ғайр аз ин Аллоҳ Таъоло фармудааст, ки бандагони фармонбардорашро дӯст медорад:

— **Ва Аллоҳ Иброҳимро ба дӯстии худ баргузид**. (Сураи Нисо 125)

Аллоҳ Таъоло инчунин мефармояд:

— **Ва некӣ кунед, ки Аллоҳ некӯкоронро дӯст медорад**. (Сураи Бақара 195)

Аллоҳ Таъоло инчунин мефармояд:

— …**Аллоҳ парҳезгоронро дӯст медорад**. (Сураи Оли Умрон 76)

Метавон ба монанди ин мисолҳо намунаҳои зиёд овард.

Аллоҳ Таъоло барои ҳақиқӣ будани муҳаббати касоне, ки даъвои онро менамоянд миқёс гузоштааст. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

—**Бигӯ: «(эй Муҳаммад) агар Аллоҳро дӯст медоред, аз ман пайравӣ кунед, то Ӯ низ шуморо дӯст бидорад**…» (Сураи Оли Умрон 31)

Ба ибораи дигар, Аллоҳ Таъоло баён намудааст, ки муҳаббат доштан ба Ӯ ҳатман тақозо менамояд, ки аз Пайғамбараш пайравӣ шавад ва натиҷаи пайравӣ аз Пайғамбараш ﷺ ба ин оварда мерасонад, ки Аллоҳ бандаашро дӯст медорад.

Ҳақиқати муҳаббат дар талош намудан барои ризои маҳбуб нуҳуфтааст ва муҳаббат маънои ҳақиқии худро замо-

не пайдо мекунад, ки инсон ончиро дӯст дорад, ки маҳбубаш дӯст медорад ва ончиро бад бубинад, ки маҳбубаш бад мебинад.

2. Тарс аз азоби Аллоҳ

Аллоҳ Таъоло тарсашро бар бандагонаш лозим доштааст, чуноне мефармояд:

— **Агар имон овардаед аз онҳо матарсед, аз Ман битарсед.** (Сураи Оли Умрон 175)

Инчунин Алллоҳ Таъоло мефармояд:

— …**Пас аз мардум мартарсед, аз ман битарсед.** (Сураи Моида 44)

Аллоҳ Таъоло онҳоеро ба некӣ ёд намудааст, ки аз Ӯ метарсанд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Онҳое, ки аз тарси Парвардигорашон ларзонанд. Ва онҳое, ки ба оёти Парвардигорашон имон меоваранд. Ва онҳое, ки ҳамаи ончиро бояд адо кунанд, адо менамоянд ва боз ҳам дилҳояшон тарсон аст, ки бояд назди Парвардигорашон боз гарданд. Инҳо ҳастанд, ки ба корҳои нек мешитобанд ва дар он ба якдигар пешӣ меҷӯянд.** (Сураи Муъминун 57–61)

Имом Тирмизӣ ва имом Аҳмад аз Ҳазрати Оиша ﵂ ривоят менамоянд, ки фармудааст: «Боре пурсидам: “Эй Расули Аллоҳ, оё ин фармудаи Аллоҳ “**Ва онҳое, ки ҳамаи ончиро бояд адо кунанд, адо менамоянд ва боз ҳам дилҳояшон тарсон аст, ки бояд назди Парвардигорашон боз гарданд…**” ба шахсе, ки зино мекунад ва шароб менӯшад ва дар айни ҳол имон дорад, ишора мекунад?” Посух доданд: “***На, эй духтари Сиддиқ, инҷо сухан дар бораи ашхосе меравад, ки рӯза медоранд, намоз мехонанд ва садақа***

медиҳанд ва дар айни ҳол метарсанд, ки оё аз онҳо қабул мешуда бошад ё хайр”».

3. Умед доштан ба Аллоҳ

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Касоне, ки имон овардаанд ва онҳое, ки ватанро тарк кардаанд ва дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод намудаанд, ба раҳмати Аллоҳ умед медоранд ва Аллоҳ омӯрзанда ва меҳрубон аст.** (Сураи Бақара 218)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Ҳар кас ба дидори Аллоҳ умед дорад бидонад, ки ваъдаи Аллоҳ ҳатман омаданист ва Ӯ шунавову доност.** (Сураи Анкабут 5)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Ҳар кас дидори Парвардигори хешро умед мебандад, бояд кирдори шоиста дошта бошад ва дар парастиши Парвардигораш ҳеҷ касро шарик насозад.** (Сураи Каҳф 110)

Имом Бухорӣ аз ҳазрати Ҷобир ﷺ ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Аллоҳи Мутаъол ва Тавоно мегуяд: “Ман ончуноне хоҳам буд, ки бандаам нисбати ман гумон менамояд, пас бигузор ҳар гунае, ки мехоҳад ба ман гумон дошта бошад***”».

Аллоҳ Таъоло онҳоеро ба некӣ ёд намудааст, ки аз Ӯ метарсанд ва дар айни ҳол умед доранд, чуноне мефармояд:

— **Онҳоеро, ки кофирон ба худоӣ мехонанд, дар садади онанд, ки худ ба даргоҳи Парвардигорашон василае биёбанд ва муқарабтар шаванд ва ба раҳмати Ӯ умед мебанданд ва аз азоби Ӯ метарсанд, зеро азоби Парвардигорат тарснок аст.** (Сураи Исро 57)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Оё он кас, ки ҳамаи соати шаб ба ибодат пардохта ё дар суҷуд аст ё дар қиём ва аз охират бимнок аст ва ба раҳмати Парвардигораш умедвор аст…** (Сураи Зумар 9)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— …**Аз бистари хоб паҳлуҳояшон дур мемонад, Парвардигорашонро бо биму умед илтиҷо мекунанд**… (Сураи Саҷда 16)

Аз тамоми онҷӣ гузашт дониста мешавад, ки мусулмон бояд ҳарду сифатро дошта бошад, ба ибораи дигар бояд аз Аллоҳ битарсад ва дар айни ҳол умед дошта бошад. Яке аз бандагони неки Аллоҳ мефармояд: «*Тарсу умед монанди ду болие паранда мебошанд, ки чун ҳарду баробари ҳам қарор бигиранд дар он сурат метавонад тавозуни худро нигоҳ дорад ва парвозаш бомуваффақият анҷом пазирад ва агар яке аз болҳояш аз дигараш кутоҳтар бошад дар он сурат наметавонад парвози дуруст намояд ва агар ҳардуро аз даст диҳад дар он сурат дар вартари ҳалокат қарор мегирад*».

Тарс ҳатман ба умед оварда мерасонад ва агар чунин намебуд инсон комилан ноумед мегашт. Умед ҳам дар навбати худ ба тарс оварда мерасонад ва дар акси ҳол инсон комилан худро дар амнияту нотарсӣ эҳсос мекард, дар ҳоле, ки ноумедӣ ва инчунин нотарсӣ ва эҳсоси амнияти комил дошта ҳарду нодуруст ва мавриди накӯҳиш қарор гирифтаанд.

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— …**ва аз раҳмати Аллоҳ ноумед машавед, зеро танҳо кофирон аз раҳмати Аллоҳ ноумед мешаванд.** (Сураи Юсуф 87)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Ҷуз гумроҳон чӣ касе аз раҳмати Парвардигораш ноумед мешавад**?! (Сураи Ҳиҷр 56)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Аз тадбири Аллоҳ ҷуз зиёнкорон эмин намебошанд.** (Сураи Аъроф 99)

Тарсе, ки сазовори таҳсин аст ҳамон тарсест, ки инсонро аз манъномудаҳои Аллоҳ боз дорад. Аммо ду намуди умед дуруст ва сазовори таҳсин мебошанд:

1. Умеди шахсе, ки вазифаҳои бандагияшро дар партави дини Аллоҳ анҷом додааст ва умед ба мукофоти Аллоҳ дорад.

2. Умеди шахсе, ки гуноҳ намудааст ва сипас тавба намуда, ба суи Парвардигораш бозгаштааст ва умед дорад, ки Аллоҳ гуноҳонашро мебахшад ва мавриди раҳмат қарораш медиҳад.

Чунин умед доштан далолат ба он мекунад, ки банда аз фаррохии раҳмат ва меҳрубонии Аллоҳ бохабар аст ва аз раҳмати фарогирандаи Ӯ умеди раҳмат дорад.

4. Дуо ва талаб аз Аллоҳ

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Парвардигоратон гуфт: «Дуъову илтиҷо кунед Маро, то (дуъои) шуморо иҷобат кунам. Онҳое, ки аз парастиши Ман саркашӣ мекунанд, ба зудӣ дар айни хорӣ ба ҷаҳаннам дароянд!»** (Сураи Ғофир 60)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Парвардигоратонро бо тазаррӯъ (*зорӣ)* ва дар ниҳон бихонед, зеро ӯ аз ҳадгузарандагони саркашро дӯст надорад!** (Сураи Аъроф 55)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Чун бандагони Ман дар бораи Ман аз ту бипурсанд, бигӯ, ки Ман наздикам ва ба нидои касе, ки Маро бихонад, посух медиҳам. Пас ба нидои Ман посух диҳанд ва ба Ман имон оваранд, то роҳи рост ёбанд!** (Сураи Бақара 186)

Дар Сунани Тирмизӣ аз Нуъмон ибни Башир ﷺ ривоят аст, ки боре Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Дуо худ ибодат***

аст». Баъдан оятеро хонд, ки дар он омадааст: «**Парвардигоратон гуфт: «Дуъову илтиҷо кунед Маро, то (дуъои) шуморо иҷобат кунам. Онҳое, ки аз парастиши Ман саркашӣ мекунанд, ба зудӣ дар айни хорӣ ба ҷаҳаннам даромоянд!**» (Сураи Ғофир 60)

5. Аз Аллоҳ кӯмак хостан

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Танҳо Туро ибодат мекунем ва танҳо аз Ту кӯмак мепурсем.** (Сураи Фотиҳа 5)

Расулуллоҳ ﷺ боре ба ҳазрати Абдулло ибни Аббос ؓ фармуд: «***Агар талаб кардӣ аз Аллоҳ талаб намо ва агар кӯмак хостӣ танҳо аз Аллоҳ кӯмак бихоҳ***».

6. Ба Аллоҳ паноҳ бурдан (истиъоза)

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва чун Қуръон бихонӣ, аз шайтони раҷим ба Аллоҳ паноҳ бубар.** (Сураи Наҳл 98)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Бигӯ: «Ба Парвардигори субҳдам паноҳ мебарам, аз шарри он чӣ биёфаридааст».** (Сураи Фалақ 1–2)

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Бигӯ: «Ба Парвардигори мардум паноҳ мебарам, фармонравои мардум, Худои мардум, аз шарру васвасаи васвасагари ниҳонӣ».** (Сураи Нос 1–4)

7. Дар ҳолати сахтиҳо аз Аллоҳ кӯмак хостан (истиғоса)

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва (ба ёд ored) он гоҳ, ки аз Парвардигоратон ёрӣ хостед ва Аллоҳ бипазируфт.** (Сураи Анфол 9)

Расулуллоҳ ﷺ бо чунин дуо аз Аллоҳ кӯмак хостааст: «***Эй Зинда ва эй Пойдор ва эй соҳиби Ҷалолату бузургӣ ва эй Офаридгори замину осмон ба раҳмати ту паноҳ мебарам***».

8. Таваккал ба Аллоҳ (Таваккал)

Ба ибораи дигар, аз самими қалб боварии комил доштан ба Аллоҳ ва яқин намудан, ки Ӯ бандаашро ҳимоя мекунад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва бар Худо таваккул кунед, агар аз мӯъминон ҳастед!** (Сураи Моида 23)

Аллоҳи Мутаъол инчунин мефармояд:

— **Ва бигузор мӯъминон бар Худо таваккул намоянд.** (Сураи Иброҳим 11)

Аллоҳи Мутаъол инчунин мефармояд:

— **Ва бигузор таваккулкунандагон бар Аллоҳ таваккул намоянд.** (Сураи Иброҳим 12)

ИМОН БА АЛЛОҲ

Имон овардан ба Аллоҳи Қодиру Тавоно аввалин ва асоситарин аркони имон ба шумор рафта, муҳимтарини он мебошад. Инчунин появу асоси дигар рукнҳои имон, монанди имон ба малоикаҳо, ба китобҳои илоҳӣ, ба пайғамбарон, ба рӯзи қиёмат ва ба хубу бади тақдир мебошад ва ин рукнҳо бар асоси имони ба Аллоҳ бунёд меёбанд.

Шарти дуруст шудани имон ба Аллоҳи Мутаъол яқин ва имон доштан ба нуқтаҳои зерин мебошад:

• *Танҳо Аллоҳ Парвардигори барҳақ ва яккаву ягона мебошад;*

• *Танҳо Аллоҳ зотест, ки мустаҳиқи ибодат ва бандагӣ мебошад;*

• *Танҳо Аллоҳ зотест, ки сифот ва номҳои илоҳиро дорост.*

Ин се нуктаи асосӣ ва боварҳои қалбӣ дар якҷоягӣ мафҳуми яктопарастӣ ва тавҳидро ташкил менамоянд, ки асоси тамоми дин мебошад.

Ислом дини комилан яктопарастӣ мебошад, ки асоси он бар ин ақида бунёд меёбад, ки Аллоҳ ба танҳоияш тамоми ҳастиро идора мекунад ва тамоми амалҳои худро бидуни кӯмаки ҳеҷ шарик ва кӯмаккунандагоне ба анҷом мерасонад.

Ӯ танҳо дорои сифатҳо ва номҳои илоҳӣ буда, шабиҳу монанде надорад ва инчунин Ӯ танҳо лоиқу сазовори бандагӣ мебошад ва ҳеҷ касе дар ин сифот бо Ӯ шарику монанд нест.

Аз онҷӣ гузашт дониста мешавад, ки тавҳид-яктопарастие, ки тамоми пайғамбарон барои расонидани он мабъус гаштаанд, дорои се бахш мебошад:

1. **Аллоҳро дар Парвардигор буданаш якто донистан (*тавҳиди рубубият*)** — бовар доштан бар инки танҳо Аллоҳи Мутаъол Парвардигор, Офаридгор ва Идоракунандаи тамоми ҳастӣ буда, ҳаёт мебахшад, мемиронад, нафъу зарар аз ҷониби Ӯст ва танҳо Ӯст, ки дар сахтиҳо дуоро қабул мекунад, бар тамоми махлуқот ҳокимияти мутлақро дорост, тамоми неъматҳо аз ҷониби Ӯст ва тамоми онҷӣ, ки мегузарад ба Ӯ вобастагӣ доранд ва ҳеҷ касе бо Ӯ дар ин ҳокимият шарик намебошад.

2. **Аллоҳро дар ибодату бандагӣ яккаву ягона донистан (*тавҳиди улуҳият*)** — яъне Аллоҳи Мутаъол танҳо лоиқу сазовори ибодат ва бандагӣ мебошад ва тамоми анвоъи ибодатҳо бояд танҳо барои Ӯ анҷом пазиранд.

3. **Аллоҳро дар номҳо ва сифатҳои илоҳияш якка ва ягона донистан (*тавҳиди номҳо ва сифатҳо*)** — яъне Аллоҳро дар тамоми номҳо ва сифатҳое, ки худаш дар Қуръони карим ва ё Пайғамбараш ﷺ дар аҳодиси саҳеҳ сифат кардааст якка ва ягона бидонем ва Ӯро аз тамоми камбудиҳо ва сифатҳои бандагонаш пок ва муназзаҳ эътиқод намоем. Ин ба маънои эътироф ва эътиқод доштан бар инаст, ки Аллоҳ аз ҳама чиз бохабар аст, бар ҳама чиз қодиру тавоност, Ӯ зинда ва пойдор аст ва инки Ӯро на пинак мебарад ва на хоб. Ҳар чӣ хоҳад ҳамон мешавад ва ҳикмати Ӯ беҳудуд аст. Ӯ бино, Шунаво ва Бахшандаву Меҳрубон аст. Ӯ бар Арш истиво намудааст ва молики мулк аст. Ӯ Парвардигор, Пок, Муқаддас, Ҳофизу нигаҳбон, Қодиру Тавоно ва соҳиби иззату бузургӣ аст.

Барои исботи ҳар яке аз ин се бахши тавҳид далелҳои зиёде аз Қуръону Суннат вуҷуд доранд.

Қуръони карим фарогири мафоҳими тавҳиду шартҳои он буда, шомили ваъдаҳои мукофот барои пайравони тавҳид мебошад ва инчунин ширку мушрикон ва муҷозоти онҳоро низ баён доштааст.

Ин се қисми тавҳид ва яктопарастиро уламои ҷаҳони Ислом аз Қуръону Суннат баргирифтаанд. Таҳқиқоти илмӣ ва ҳамаҷонибаи нусуси шаръӣ ба ин натиҷа расидааст ва хулосаи он чунин аст: Имон доштан бар инки Аллоҳ Парвардигори якто буда, зотест, ки лоиқи ибодату бандагӣ аст ва ягона зотест, ки номҳо ва сифатҳои илоҳиро доро мебошад. Ҳар кӣ тамоми бахшҳои тавҳидро қабул надошта бошад муъмин ба шумор намеравад.

Тавҳиди рубубият

Аллоҳро дар парвардигор буданаш якка ва ягона донистан

Таҳиди рубубият, яъне бовар ва яқини қалбӣ доштан, бар инки Аллоҳ Таъоло танҳо афъоли илоҳиро доро мебошад. Тамоми умур, монанди тақсимоти ризқу рӯзӣ, идораи умур, раҳмату меҳрубонӣ, ҳокимият, шаклу сурат додан, бахшидани неъмат ва гирфтани он, нафъу зарар расондан, дубора зинда намудан, миронидан, идора ва ҳукумат намудан бар ҷаҳон, тақдир ва дигар афъоле, ки Ӯ анҷом медиҳад махсуси Аллоҳ мебошанд ва ғайр аз Аллоҳ ҳеҷ каси дигаре тавони анҷоми онро надорад.

Калимаи арабии «рубубият» аз феъли «рабба» гирифта шудааст, ки ба маънои тарбия намудан мебошад. Муштақоти ин калима чун номи «раб» меояд, ки ба маънои «парвар-

дигор» ва «ҳукмрон» мебошад. Парвардигор ва ҳукмрон — сифати Аллоҳи Мутаъол мебошад. Ҳамин тавр калимаи «рубубият» дар забони арабӣ якчанд маъно дорад, ки аз ҷумла: «ҳоким», «подшоҳе, ки ҳама ӯро итоъат мекунанд» ва «идоракунандае, ки низоми тамоми ҳастиро идора мекунад».

Ҳар оқиле дар бораи ҷаҳони ҳастӣ, осмон, замин, ситораҳо, сайёраҳо, офтоб, моҳ, куҳҳо, дарахтон, баҳрҳо, дарёҳо, шабу рӯз ва низоми аҷибе, ки дар ин ҷаҳони ҳастӣ гузошта шуда ва дар асоси он дар гардиш аст биандешад, бидуни шак яқин менамояд, ки ин ҷаҳон холиқе дорад, ки онро офаридааст ва он ҳамаро идора менамояд. Инсони оқил ҳар қадар амиқтар дар офариниши тамоми ин махлуқоти зебо биандешад ва ҳар қадар ақлашро машғули андешидан дар бораи ин ҷаҳон бисозад, ҳамон қадар хубтар дарк менамояд, ки ин ҳама махлуқот ба хотири баёни ҳаққу ҳақиқат офарида шудаанд. Инчунин дарк менамояд, ки ин ҷаҳон монанди саҳифаҳои китобест, ки дар он нишонаҳо ва далоили исботи ҳақ дарҷ гаштаанд ва Аллоҳи Мутаъол бо ин далоил аз ҳастии худ хабар дода, яктоии худро баён медорад.

Гуруҳе ва ё пайравони динҳои номаълум ва бо далелҳои номаълуме мехоҳанд тавҳиди рубубиятро инкор намуда, баён намоянд, ки ин ҷаҳонро ду худое, ки дар тамоми сифатҳо бо ҳам монанд мебошанд офаридаанд, дар ҳоле, ки чунин коре имконпазир намебошад ва барои баёни ин мавзӯъ дубора хоҳем баргашт.

Далеле вуҷуд надорад, ки касе даъвои инро намуда бошад, ки дар офариниши махлуқот бо Аллоҳ каси дигаре шарик будааст ва ё монанди Аллоҳ зоти дигаре бо тамоми ин сифатҳо вуҷуд дошта бошад. Асли эътиқоди мушрикон дар он аст, ки шарикони Аллоҳ, хоҳ малоика бошанд ва ё пайғамбар ва ё сайёра ва ё ягон бут, зери ҳокимияти Аллоҳ қарор доранд. Имом Муслим аз Абдулло ибни Аббос ﷺ ривоят мекунад, ки фармудаанд: «Талбияи бутпарастони араб

дар ҳаҷ чунин будааст: “Ман дар хизмати Ту ҳастам ва Ту ҳеҷ шарике надорӣ, магар он шарике, ки зери ҳокимияти Ту қарор дорад ва ҳарчӣ дорад он низ зери ҳокимияти Ту қарор дорад”. Аммо Расулуллоҳ ﷺ талбияеро такрор намуд, ки рамзи яктопарастӣ мебошад: “Ман омодаи хидматам ё Аллоҳ ман омодаи хидматам, ман омодаи хидматам Ту ҳеҷ шарике надорӣ, ман омодаи хидматам, тамоми ҳамду сано ва неъматҳо ва тамоми мулк аз они Туст, Ту ҳеҷ шарике надорӣ”».

Аллоҳ сабҳонаҳу ва таъоло барои мо баён медорад, ки мушрикони арабе, ки ҳазрати Муҳаммад ﷺ ҳамчун Пайғамбар дар байни онҳо мабъус шуда буд, Аллоҳро ҳамчун офаридгор яккаву ягона медонистанд ва ин амр дар оятҳои зиёде аз Қуръони карим зикр шудааст, ба таври мисол Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Агар аз онҳо бипурсӣ: «Чи касе осмонҳову заминро офаридааст?» ҳатман, хоҳанд гуфт: «Аллоҳ». Бигӯ: «Сипос Аллоҳро!» Балки бештарашон намедонанд!** (Сураи Луқмон 25)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Агар аз онҳо бипурсӣ: «Чӣ касе осмонҳову заминро офарида ва офтобу моҳро ром кардааст?» ҳатман, хоҳанд гуфт: «Аллоҳи якто». Пас, аз чӣ рӯй ақида дигаргун мекунанд?** (Сураи Анкабут 61)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Агар аз онҳо бипурсӣ «Чӣ касе аз осмон борон фиристод ва замини мурдаро ба он зинда кард?» ҳатман, хоҳанд гуфт: «Аллоҳи якто». Бигӯ: «Сипос Худорост!» Вале бештаринашон дарнамеёбанд!** (Сураи Анкабут 63)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Бигӯ: «Чӣ касе аз осмону замин ба шумо рӯзӣ медиҳад? Кист, ки шунавоиву биноиро молик бошад? Ва кист, ки зиндаро аз мурда (ҳамчунон, ки мӯъминро аз кофир ва чӯҷаро аз тухм) падид меорад ва мурдаро аз**

зинда (кофирро аз мӯъмин ва тухмро аз мурғ) ва кист, ки корҳоро ба сомон меоварад?» Хоҳанд гуфт: «Аллоҳ». Пас, бигӯ: «Оё парҳезгор намешавед?» (Сураи Юнус 31)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Бигӯ: «Агар медонед, ин замин ва ҳар кӣ дар он аст, аз они кист?» Хоҳанд гуфт: «Аз они Аллоҳ». Бигӯ: «Оё панд намегиред?» Бигӯ: «Кист Парвардигори осмонҳои ҳафтгона ва Парвардигори Арши бузург?» Хоҳанд гуфт: «Аллоҳ». Бигӯ: «Оё наметарсед?» Бигӯ: «Агар медонед, подшоҳии ҳама чизҳо ба дасти кист? Кист, он ки ба ҳама кас паноҳ диҳад ва касеро аз ӯ паноҳ нест?» Хоҳанд гуфт: «Аллоҳ». Бигӯ: «Пас чаро фиреб мехӯред?»** (Сураи Муъминун 84–89)

Бо вуҷуди ин ҳама гуруҳе аз мардум эътиқодашон чунин аст, ки баъзе чизҳое вуҷуд доранд, ки Аллоҳ онро наофаридааст. Ба таври мисол дуалистон-оташпарастон эътиқод доштанд, ки торикиро Аллоҳ наофаридааст ва қадариҳо эътиқод доштанд, ки Аллоҳ амалҳои ҳайвонотро наофаридааст ва баъзе аз бутпарастони араб ва дигар миллатҳо чунин ақида доштанд, ки бутҳояшон худ ба онҳо фоидаву зарар меоранд ва ин амалҳоро Аллоҳ намеофарад.

Ботил будани чунин ширку бисёрхудоӣ дар Қуръони карим баён гаштааст. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Аллоҳ ҳеҷ фарзанде надорад ва ҳеҷ худое бо ӯ нест. Агар чунин мебуд, ҳар Худое бо офаридагони худ ба як сӯ мекашид ва бар якдигар бартарӣ меҷӯстанд. Аллоҳ аз он гуна, ки ӯро васф мекунанд, пок аст.** (Сураи Муъминун 91)

Сухани Аллоҳ Таъоло дар ин мавзӯъ далели устуворе барои инкор намудани имкони вуҷуд доштани ду офаридгор мебошад ва баёни ин аст, ки худои ҳақиқӣ бояд офаридгор ва дорои тавони амал намудан ва қудрати мутлақро дошта бошад ва агар дар паҳлуи Аллоҳ чунин як худои дигаре бо тамоми ин тавоноиҳо ва сифатҳо вуҷуд медошт, албатта он худо барои худ мулки ҷудогонае медошт ва инчунин

тавоноиҳо ва қудратмандияш фарқ мекард. Аммо подшоҳӣ ва мулки шарикӣ барои ин ду худо қобили қабул намебуд ва ҳар яке кушиш мекард дигареро зери ҳокимияти худ қарор диҳад ва худаш ба танҳояиш ҳамаро идора мекард ва агар чунин кор аз дасташ намеомад дар он сурат тамоми махлуқоташро гирифта ба ҷои дигаре мерафт.

Ҳамин тавр дар ҳолати вуҷуд доштани ду худо аз ду яке аз ин ҳолатҳо ба вуҷуд меомад:

- Ҳар як худо ончиро офаридааст бо худ мебурд
- Ё инки як худо бар худои дигар ғолиб меомад

Мо шоҳиди он ҳастем, ки ақидаи вуҷуд доштани якчанд худо аслан созгор нест, зеро низом ва робитаҳои дурусти тамоми коинот бо ҳамдигар монанди осмону замин ва ончӣ дар боло аст ва ончӣ дар поён худ нишон ва далели онаст, ки тамоми ҷаҳони ҳастиро як Худои Қодиру Тавоно ҳокимият ва идора мекунад.

Намунаҳои гумроҳӣ дар тавҳиди рубубият

Бо вуҷуди инки дар табиъати ҳар як инсон боварӣ ба ягонагии Аллоҳ дар парвардигор буданаш вуҷуд дорад ва ин дар фитрат ва рӯҳи ӯ гузошта шудааст ва далелҳои зиёде низ ба он ишора мекунанд, боз ҳам инсонҳое вуҷуд доранд, ки аз ин масир ба каҷроҳа мераванд. Эътиқодҳои ботили мардумро дар мавзӯъи тавҳиди рубубият метавон чунин баён ва табақабандӣ намуд:

Якум: Инкори Парвардигор будани Аллоҳ ва инчунин ҳастии Ӯро ба таври комил қабул накардан. Ин эътиқоди бехудоён-атеистҳо мебошад, зеро онҳо ақида доранд, ки тамоми ҳастиро табиъат ва ё вақт офаридааст ва ё бо мурури замон худ аз худ пайдо гаштаанд ва ғайра. «**Ва гуфтанд:**

“Ҷуз зиндагии дунявии мо ҳеҷ нест. Мемирему зинда мешавем ва моро ҷуз даҳр ҳалок накунад”». (Сураи Ҷосия 24)

Дуюм: Инкори баъзе сифатҳои Аллоҳ дар Парвардигор ва ҳокими мутлақ буданаш. Ба таври мисол ин гумроҳӣ дар эътиқодоти баъзе инсонҳое, ки қиёматро инкор менамоянд ва ё шак доранд, ки Аллоҳ мемиронад ва зинда мекунад ва ё фоидаву зарар мерасонад ва ғайра, ошкор мегардад.

Сеюм: Баъзе сифатҳои илоҳиро барои ин ё он махлуқот додан. Ба таври мисол агар шахсе эътиқод дошта бошад, ки ғайр аз Аллоҳ каси дигаре тавони анҷоми амалҳое, ки махсуси Парвардигор мебошанд, монанди офаридан, аз байн бурдан, дубора зинда кардан, миронидан, неъмат бахшидан, аз бадиҳо ҳифз карданро дорад, пас чунин шахс ба Аллоҳи Мутаъол ширк варзидааст.

Тавҳиди номҳо ва сифатҳо
(Аллоҳро дар номҳо ва сифатҳояш яккаву ягона эътиқод намудан)

Имон ба номҳо ва сифатҳои Аллоҳ дар дар қалби мусулмон ва ибодатҳояш таъсири бузург дорад. Бо ин эътиқод банда дар қалбаш мафҳуми бандагии Парвардигорашро дарк менамояд. Дар асоси ин бовар мусулмон ба Аллоҳ таваккал намуда, танҳо ба Ӯ эътимод менамояд ва тамоми ҳастиаш, ҷисм, рӯҳ ва ҳатто андешаҳояшро танҳо ба он амалҳое равона месозад, ки дар он ризои Аллоҳ бошад. Чунин банда ончиро дӯст медорад, ки Аллоҳ онро дӯст дорад ва ба чизе гӯш медиҳад ва ё ба чизе менигарад, ки Аллоҳ аз он розӣ бошад. Илова бар ин аз Парвардигораш умед дошта, нисбаташ гумони нек менамояд.

Имон ба номҳои Аллоҳи Мутаъол бандаро кӯмак менамояд, то Аллоҳро аз самими қалбаш дӯст бидорад ва ин муҳаббат асоси хушбахтии банда дар дунё ва охират мебошад ва инчунин калиди саодатмандӣ буда, ӯро илҳом мебахшад, то Парвардигорашро бо камоли зебоӣ ибодат намояд. Шоёни зикр аст, ки душворӣ ва ё сабукии ибодатҳо барои инсон вобаста ба андозаи муҳаббаташ нисбати Аллоҳ аст.

Анҷоми ибодатҳо ба он шакле, ки Аллоҳро розӣ менамоянд вобастагӣ ба муҳаббати банда нисбат ба Парвардигораш дорад ва ин муҳаббат аз шинохти дурусти номҳо ва сифатҳои зебои Парвардигор сарчашма мегирад. Ба ҳамин хотир пайғамбарони Аллоҳ аз ҳама беҳтар Парвардигорро ибодат мекарданд, зеро онҳо Аллоҳ Таъолоро нисбати дигарон хубтар мешинохтанд ва Ӯро аз ҳама бештар дӯст медоштанд.

Аллоҳро дар номҳо ва сифатҳояш якка ва ягона донистан (тавҳиди номҳо ва сифатҳо), яъне имон ва бовар доштан, ки Аллоҳ Таъоло номҳо ва сифатҳое дорад, ки худашро дар Қуръони карим ва Расулуллоҳ ﷺ дар аҳодис васф намудааст ва дарки маъонии ин номҳо ва осору нишонаҳои ин сифатҳоро дар байни махлуқот ошкор сохтан ва инчунин рад кардани номҳо ва сифатҳое, ки Аллоҳ Таъоло ва Пайғамбараш ﷺ онҳоро рад кардаанд.

Мафҳум ва маъоние, ки дар имон ба номҳо ва сифатҳои Аллоҳ Таъоло нуҳуфтааст

Якум: Аллоҳ Таъоло дорои зеботарин номҳо мебошад, чуноне Аллоҳ Таъоло мефармояд: «**Аз они Худованд аст, некӯтарин номҳо**» (Сураи Аъроф 180)

Инчунин Аллоҳ Таъоло сифатҳои комиле дорад, ки дар он ҳеҷгуна нақсу камбудӣ нест.

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Ва сифати бартар аз они Худованд аст.** (Сураи Наҳл 60)

Дар ин оят сухан аз бартарин ва комилтарин сифатҳои илоҳӣ меравад.

Дуюм: Тамоми номҳо ва сифатҳои Аллоҳ Таъоло ба воситаи ваҳий ба мо расидаанд ва сарчашмаи аслии мо дар ин сифатҳо ва номҳо танҳо Қуръони карим ва Суннати набавӣ мебошад ва барои ҳамин мо бояд танҳо иктифо ба он карда, дар номҳо ва сифатҳои Худованд чизеро кам ва ё зиёд накунем ва мафҳуми онро ба дигар маъно таъвил нанамоем.

Сеюм: Ҳангоми сифат намудани Аллоҳ Таъоло бояд ҳам исбот ва ҳам нафийро истифода намуд. Яъне исботи номҳо ва сифатҳо барои Аллоҳи Мутаъол бидуни тамсил ва монанд кардани сифатҳояш ба махлуқот ва нафий, яъне нафий кардани тамоми сифатҳои махлуқот аз Аллоҳ ба шакле, ки таътил ва бекор кардани сифоти Аллоҳ ба вуҷуд наояд, чуноне Аллоҳ Таъоло ба ин амр ишора намуда мефармояд: «**Ҳеҷ чиз монанди ӯ нест ва ӯст, ки шунавову биност!**» (Сураи Шуро 11)

Чаҳорум: Мо медонем, ки Аллоҳ Таъоло номҳо ва сифатҳо дорад, вале кайфият ва чигунагии онро намедонем ва танҳо ба Аллоҳ маълум мебошанд. Чуноне Аллоҳ Таъоло мефармояд: «**Ва илми онон ӯро дарбар нагирад**.» (Сураи Тоҳо 110)

Имом Бухорӣ ва Муслим аз ҳазрати Абуҳурайра ﵁ ривоят менамояд, ки Расулулоҳ ﷺ фармуданд: «***Аллоҳ таъоло наваду нӯҳ ном дорад, ки яккам сад мебошанд ва ҳаркӣ ин номҳоро ҳифз кунад дохили биҳишт мешавад***».

Ҳифз намудан дар ин ҳадис ба маънои аз худ кардан, донистани маъонии он ва ба муқтазои он Аллоҳро ибодат кардан мебошад.

Номҳои Аллоҳ Таъоло дар наваду нӯҳ ном хулоса намешаванд, зеро номҳое дорад, ки дар Қуръону Суннат зикр нашудаанд. Дар ҳадисе, ки онро имом Аҳмад ва ди-

гар муҳаддисон аз ҳазрати Абдулло ибни Масъуд ﷺ ривоят намудаанд, омадааст, ки Расулуллоҳ ﷺ мефармоянд: «*...Ё Аллоҳ туро бо тамоми номҳоят, ки худро бо он сифат намудаӣ ва ё дар китобат нозил кардаӣ ва ё яке аз махлуқотаро таълим додаӣ ва ё назди худат онро нигоҳ доштаӣ дуо мекунам...*».

Ҳамингуна Аллоҳ Таъоло номҳои зиёде дорад, ки дар ин ҷумла сифатҳояш низ дохил мешаванд. Номҳои Аллоҳ Таъоло ишора ба зоташ менамоянд ва сифатҳояш бошанд ба камолу бузургии сифоташ.

Дар инҷон баъзе номҳо ва сифатҳои Аллоҳ Таъолоро зикр менамоем.

Аз ҷумлаи номҳояш инҳо мебошанд:

АЛЛОҲ, ПАРВАРДИГОР, БАХШАНДА ВА МЕҲРУБОН

Дар сураи Фотиҳа Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Ҳамду сано Парвардигори оламиёнрост, ки Бахшандаву Меҳрубон аст**.

Аллоҳ — зотест, ки Худо ва Маъбуд мебошад ва танҳо Ӯ лоиқи ибодат аст.

Парвардигор — Офаридгор, Тарбияткунанда ва ризқу рӯзидиҳанда, Подшоҳи мутлақ ва зоте, ки барои ҳамаи бандагонаш неъмат мебахшад.

Бахшанда ва Меҳрубон — ин ду номи Аллоҳ Таъоло ишора ба меҳрубонии Ӯ менамоянд. Раҳмон исми қоим дар зоташ, яъне Аллоҳ бисёр меҳрубон аст ва Раҳим меҳрубонии Аллоҳ Таъоло ба тамоми махлуқоташ, яъне меҳрубонияшро ба махлуқоташ мерасонад.

Меҳрубонии Аллоҳ Таъоло ба ду қисмат ҷудо мешавад: Яке меҳрубонӣ ва бахшоиши умумӣ ва барои ҳамаи

махлуқот аст ва қисмати дуюм меҳрубонии Аллоҳ Таъоло махсуси аҳли имон мебошад.

Аллоҳ Таъоло дар бораи меҳрубонии омаш мефармояд:

— **Зеро Аллоҳ бар мардум раъуфу раҳим аст.** (Сураи Ҳаҷ 65)

Аммо дар бораи раҳмати хоссаш Аллоҳ Таъоло мефармояд: «**Худованд бо мӯъминон меҳрубон аст!**» (Сураи Аҳзоб 43)

Якто (Ал-Аҳад), Абадӣ (Ас-Самад)

Дар сураи Ихлос (ихлоси имон), ки мафҳумаш сеяки Қуръон ба шумор меравад, Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Бигӯ: «ӯст Аллоҳи якто, Худое, ки дар ҳоҷат ба ӯ рӯ оранд...** (Сураи Ихлос 1–2)

Якто ва ягона, яъне зоте, ки комил ва бенақс аст ва ҳеҷ кас бо Ӯ монанд намебошад ва ҳеҷ кас дар сифатҳои камолаш бо Ӯ шарик нест.

Абадӣ — Зоте, ки дар сифоташ комил ва бениёз аст ва ҳама ниёзманди Ӯ мебошанд.

Зинда (Ал-Ҳай), Пойдор (Ал-Қайюм), Баландмақом (Ал-Алий), Бузург (Ал-Азим)

Тамоми ин сифатҳояшро Аллоҳ Таъоло дар Ояталкурсӣ, ки бузургтарин оят ба шумор меравад зикр намудааст. Пайғамбари Аллоҳ дар фазилати ин оят мефармояд: Ҳар кӣ ин оятро шаб бихонад Аллоҳ Таъоло малоикаеро барои нигаҳбонии ӯ равон мекунад ва то саҳар шайтон ба Ӯ наздик шуда наметавонад. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Аллоҳ худоест, ки ҳеҷ маъбуде барҳақ ҷуз ӯ нест. Зиндаву тадбиркунандаи ҳама чиз аст. На хоби сабук (пинак) ӯро фаро мегирад ва на хоби сангин. Аз они ӯст,**

ҳар чӣ дар осмонҳо ва замин аст. Чӣ касе ҷуз ба иҷозати Ӯ дар назди Ӯ шафоъат кунад? Он чиро, ки пеши рӯ ва он чиро, ки пушти сарашон аст, медонад ва ба илми Ӯ ҷуз он чӣ Худ хоҳад, иҳота натавонанд ёфт. Курсии Ӯ осмонҳо ва заминро дарбар дорад. Нигаҳдории онҳо бар Ӯ душвор нест. Ӯ баландпояву бузург аст! (Сураи Бақара 255 Ояталкурсӣ)

Зинда (Ал-Ҳай), яъне зиндаи ҷовидон мебошад ва ҳаргиз Ӯро хоб ва ё пинак фаро намегирад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва бар Он зиндае, ки намемирад, таваккул кун.** (Сураи Фурқон 58)

Пойдор (Ал-Қайюм), яъне зиндае, ки ҳастии Ӯ аз худаш ҳаст, вале вуҷуду ҳастии дигарон ба Ӯ вобастагӣ дорад.

Баландмақом (Ал-Алий), яъне дар ҳама сифатҳояш мақомаш баланд аст, ба таври мисол қудрат, зот ва мулкаш аз ҳама баланд мебошанд. Мафҳуми бузургӣ дар тавоноӣ ва қудрататаш ба ин маъност, ки Аллоҳ Таъоло сифатҳои камол ва бузургро дорост. Аммо бузургии Аллоҳ дар подшоҳӣ ба ин маъност, ки тамоми махлуқоташ зери ҳокимияти Ӯ қарор доранд ва бо подшоҳии мутлақаш онҳоро идора мекунад. Аммо бузургии зоташ ба ин маъност, ки Аллоҳ Таъоло бар аршаш ва бар тамоми махлуқоташ улуву боломақомӣ дошта, бар Арш истиво намудааст.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Номи Парвардигори бузурги хешро ба покӣ ёд кун.** (Сураи Аъло 1)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Он гоҳ Аллоҳ гуфт: «Эй Исо ман туро мемиронам ва ба суи худ бармеоварам».** (Сураи Оли Имрон 55)

— **Оё эмин шудаед аз зоте, ки дар осмон аст аз ин, ки фуру барад шуморо ба замин? Пас ногаҳон ба ҷунбишу ҳаракат ояд. Ё, ки хотирҷамаъед аз азоби зоте, ки дар ос-**

мон аст аз инки сангборон кунад шуморо хоҳед донист, ки чигуна аст азобу тарсонидани ман. (Сураи Мулк 16–17)

Мақсад аз калимаи «осмон» баландӣ аст ва агар ҳадаф аз калимаи «осмон» осмони офаридашуда бошад, дар он сурат ба маънои дар болои осмон аст, маъно медиҳад.

Бузург (Ал-Азим): Дар ин исм тамоми мафоҳими бузургӣ вуҷуд дорад.

Аввал (Ал-Аввал), Охир (Ал-Охир), Зоҳир (Аз-Зоҳир), Пинҳон (Ал-Ботин), Олим (Ал-Ъалим)

Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Ӯст аввалу охир ва зоҳиру ботин ва Ӯ ба ҳар чизе доност**!» (Сураи Ҳадид 3)

Расулулоҳ ﷺ ин чаҳор исмро тафсир намуда, мефармоянд: «***Ё Аллоҳ Ту — аввалинӣ ва қабл аз Ту ҳеҷ чизе нест, Ту — охиринӣ ва баъд аз ту ҳеҷ чизе нест, Ту ғолибӣ ва бар болои Ту ҳеҷ касе нест ва Ту — Ботинӣ ва ҳеҷ чизе аз ту пинҳон нест***». (Ривояти Муслим)

Олим (Ал-Ъалим): яъне соҳиби он илме, ки дарбаргирандаи тамоми илмҳост.

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Калидҳои ғайб назди ӯст. Ҷуз ӯ касеро аз ғайб огоҳӣ нест. Ҳар чиро, ки дар хушкиву дарёст, медонад. Ҳеҷ барге аз дарахте намеафтад, магар он ки аз он огоҳ аст. Ва ҳеҷ донае дар торикиҳои замин ва ҳеҷ тареву хушке нест, ҷуз он ки дар китоби мубин омадааст**. (Сураи Анъом 59)

Шунаво (Ас-Самиъ), Бино (Ал-Басир)

Аллоҳ Таъоло мефармояд: «**Ва Ӯст Шунаво ва бино**». (Сураи Шуро 11)

Аллоҳ — шунавост, яъне шунавоӣ яке аз сифатҳои Ӯст. Аллоҳ мебинад, яъне биноӣ яке аз сифатҳои Ӯ мебошад. Ҳамин тавр Аллоҳ Таъоло тамоми чизҳоро мешунавад ва мебинад ва ҳеҷ чизе аз Вай пинҳон монда наметавонад.

Ҳаким (Ал-Ҳаким), Олим (Ал-Ъалим)

Аллоҳ Таъоло мефармояд: «…**ва Ӯ — ҳакиму огоҳ аст**». (Сураи Сабо 1)

Ҳаким: Ба ин маъност, ки Аллоҳ Таъоло тамоми офаридаҳояшро дар ин дунё ва дар охират дар асоси қоидаҳои зиндагӣ ва диние, ки гузоштааст идора мекунад ва Ӯ ҳаргунае, ки хоста бошад қазоват мекунад. Ҳеҷ кас ҳукми Ӯро рад карда наметавонад ва Ӯ соҳиби ҳикмат ва қудрат аст, ки тамоми офаридаҳояш бо диққат ва зебоии офариниш фарқ мекунанд.

Олим — яъне Аллоҳ Таъоло аз тамоми умури ошкор ва пинҳон огоҳ аст. Илм яке аз сифатҳои Аллоҳ таъоло мебошад.

Рӯй (Ал-Ваҷҳ)

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Ва ваҷҳи Парвардигорат, ки зулҷалолу вал икром аст боқӣ мемонад.** (Сураи Раҳмон 27)

Дастон (Ал-Ядон)

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— …**Дастҳои Аллоҳ кушода аст**. (Сураи Моида 64)

Чашм (Ал-Ъайнон)

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Дар баробари фармони Парвардигорат босабр бош, ки ҳаройна, ту пеши чашмони Мой!** (Сураи Тур 48)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Муҳаббати хеш бар ту арзонӣ доштам, то пеши чашмони Ман парвариш ёбӣ**. (Сураи Тоҳо 39)

Дар инҷо ҳадаф ду чашм аст ва ба ҳамин хотир Расулуллоҳ ﷺ мефармоянд: «***Парвардигори шумо якчашма нест***…».

Се сифати дар боло зикршуда аз ҷумлаи сифатҳои зотии Аллоҳ Таъоло мебошанд.

Истиво бар Арш

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Худои Раҳмон бар Арш истиво дорад**. Сураи Тоҳо 5)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Пас бар Арш истиво намуд**. (Сураи Аъроф 54)

Истиво ба чаҳор маъно меояд: улув (баландӣ), боло будан аз ҳамаи махлуқот, боло рафтан ва қарор гирифтан мебошад. Истиво аз ҷумлаи сифатҳои феълӣ мебошад.

Маъият ва ҳамроҳӣ

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Ӯст, ки осмонҳову заминро дар шаш рӯз офарид. Сипас ба арш истиво ёфт. Ҳар чиро дар замин фурӯ равад ва ҳар чиро аз замин берун ояд ва ҳар чиро аз осмон фуруд ояд ва ҳар чиро ба осмон боло равад, медонад. Ва ҳар ҷо, ки бошед, ҳамроҳи шумост ва ба ҳар коре, ки мекунед, биност!** (Сураи Ҳадид 4)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Оё надонистаӣ, ки Аллоҳ ҳар чиро ки дар осмонҳову замин аст, медонад? Се кас бо ҳам наҷво (роз, сухани махфӣ) кунанд, Худованд чаҳорумини онҳост ва панҷ кас бошанд, Аллоҳ шашумини онҳост. Ва камтар аз ин, ҳар ҷо ки бошанд ва бештар аз ин, Худо бо онҳост. Сипас ҳамаро дар рӯзи қиёмат ба корҳое, ки кардаанд, огоҳ мекунад. Ҳаройна, Аллоҳ бар ҳама чиз огоҳ аст!** (Сураи Муҷодала 7)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Яке аз он ду (ҳазрати Муҳаммад) ба ҳангоме, ки дар ғор буданд, ба рафиқаш мегуфт: «Андӯҳгин мабош, Аллоҳ бо мост!»** (Сураи Тавба 40)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Зеро, ҳаройна, Аллоҳ бо касонест, ки мепарҳезанд ва некӣ мекунанд!** (Сураи Наҳл 128)

Ин маъият ва ҳамроҳӣ ду намуд мешавад: **Якум** ҳамроҳӣ бо ҳамаи махлуқот, чуноне оятҳои сураи «Ҳадид» ва «Муҷодала» ба он ишора менамоянд, яъне ишора ба илми шомили Парвардигор менамоянд, ки аз ҳоли тамоми махлуқоташ бохабар аст.

Дуюм навъи маъият ба маънои ҳамроҳии Аллоҳ бо баъзе аз махлуқоташ чуноне аз иқтибосҳои оятҳои сураи «Тавба» ва «Наҳл» дониста мешавад. Ин маъият барои касоне мебошад, ки ба Аллоҳ наздиканд чуноне аз оятҳои зикршу-

да дониста мешавад ва ин бандагонашро ҳифз мекунад ва онҳоро нусрат медиҳад.

Ҳузур ва омадан

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Оё инҳо мунтазири он ҳастанд, ки Аллоҳ бо фариштагон дар зери соябоне аз абр наздашон биёяд ва кор яксара шавад? Ҳол он ки Аллоҳ марҷаъи ҳамаи корҳост**. (Сураи Бақара 210)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Ва Парвардигори ту биёяд ва фариштагон саф дар саф ҳозир оянд.** (Сураи Фаҷр 22)

Дар ин ҷо ба маънои омадани Аллоҳ Таъоло дар рӯзи қиёмат барои қазоват намудан байни бандагонаш мебошад. Ин сифатҳо аз ҷумлаи сифатҳои феълии Аллоҳ мебошанд.

Нозил шудани Аллоҳ Таъоло ба осмони дунё

Дар саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз ҳазрати Абуҳурайра ﵁ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Парвардигорамон дар сеюм ҳисаи охири шаб ба осмони дунё нозил шуда, мефармояд: ҳар кӣ дуо кунад, дуояшро қабул менамоям ва ҳар кӣ аз ман чизе суол кунад барояш ато менамоям ва ҳар кӣ аз ман талаби мағфират намояд мағфираташ мекунам***».

Ин ҳадис далолат бар он мекунад, ки Аллоҳи Мутаъол ҳар шаб ба осмони дунё нозил мешавад, ки ин сифат аз ҷумлаи сифатҳои феълӣ мебошад.

Калом

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Чун Мӯсо ба миъодгоҳи (*ваъдагоҳи*) Мо омад ва Парвардигораш бо ӯ сухан гуфт.** (Сураи Аъроф 143)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва он гоҳ, ки Аллоҳ гуфт: Эй Исо ибни Марям**… (Сураи Моида 116)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва ҳар гоҳ яке аз мушрикон ба ту паноҳ овард, паноҳаш деҳ, то каломи Аллоҳро (қуръонро) бишнавад, сипас ба макони амнаш бирасон, зеро инҳо мардуме нодонанд.** (Сураи Тавба 6)

Сухан ва ё каломи Аллоҳ Таъоло аз ҷумлаи сифатҳояш мебошад. Аллоҳ агар бихоҳад ва ҳар гоҳ бихоҳад сухан мегуяд. Садои Аллоҳ шунида мешавад ва каломи Аллоҳ аз як ҷиҳат сифати зотиаш ва аз ҷиҳати дигар сифати феълияш мебошад.

Қуръон шомили каломи нозилшуда ва ғайримахлуқи Аллоҳ Таъоло мебошад. Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Ин китобест муборак. Онро нозил кардаем. Пас аз он пайравӣ кунед ва парҳезгор бошед, то ки мавриди раҳмат қарор гиред!**» (Сураи Анъом 155)

Чуноне гузашт каломи Аллоҳ яке аз сифатҳои Ӯ мебошад ва сифатҳояш махлуқ намебошанд.

Муҳаббат ва дӯст доштан

Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— …**Худо некӯкоронро дӯст дорад.** (Сураи Бақара 195)

Инчунин Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **…Худо парҳезгоронро дӯст дорад.** (Сураи Тавба 4)

Хушнудӣ

Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **Аллоҳ аз онон хушнуд аст ва онон низ аз Аллоҳ хушнуданд. Ва ин комёбии бузургест.** (Сураи Моида 119)

Ғазаб

Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **…ва Аллоҳ бар онҳо хашм гирифт.** (Сураи Фатҳ 6)

Мо яқин дорем, ки ин сифатҳои Аллоҳи Мутаъол мебошанд, ки худро бо чунин сифатҳо ва номҳо сифат кардааст ва Пайғамбараш ﷺ низ Ӯро бо ин номҳо сифат намудааст. Дар исботи номҳо ва сифатҳо аз Қуръону Суннат берун намеравем, маъонии он ошкор аст ва дуруст нест, ки аз мафҳуми зоҳирии он берун шуда ба маъонии дигар онро таъвил намоем, зеро ин амал бидуни далел берун рафтан аз зоҳири он ба ҳисоб меравад. Номҳову сифатҳои Аллоҳро бо баёни кайфият ва ташбеҳ ба махлуқоташ монанд кардан дуруст нест.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ҳеҷ чиз монанди Ӯ нест ва Ӯст, ки шунавову биност!** (Сураи Шуро 11)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Оё ҳамноме барои Ӯ мешиносӣ?** (Сураи Марям 11)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **…ва на ҳеҷ кас ҳамтои Ӯст!** (Сураи Ихлос 4)

Чигуна метавон тавҳиди номҳо ва сифатҳои Аллоҳро дуруст дарк намуд?

Яқин ва бовари комил доштан ба тамоми он номҳо ва сифатҳои Аллоҳ Таъоло, ки Худаш ва ё Пайғамбараш ﷺ Ӯро ба он сифатҳо ва номҳо васф намудааст. Ба номҳо ва сифатҳо бояд бидуни тағйири маънои аслиашон (*таҳриф*), бидуни бекор кардан (*таътил*), бидуни баёни кайфият ва чигунагӣ (*такйиф*) ва бидуни монанд намудан ба махлуқот (*тамсил*)-и номҳо ва сифатҳои Аллоҳ-Таъоло имон овард.

Таҳриф — ба маънои тағйир ва таҳрифи маънои ҳақиқии номҳо ва сифатҳои Аллоҳ Таъоло мебошад. Таҳриф ба ду шакл мебошад:

1. Яке аз анвоъи таҳриф ин илова ва ё кам кардани яке аз ҳарфҳои номҳо ва сифатҳои Аллоҳ Таъоло ва ё тағйир додани садонокҳои кутоҳ (ҳаракатҳо, зеру забар)-и номҳо ва сифатҳо мебошад.

Ҳамин тавр пайравони гуруҳҳои бахаторафта калимаи «истиво»-и фармудаи Аллоҳ дар сураи Тоҳо-ро: «Худои Раҳмон бар Арш истиво дорад», ки ба маънои «улув», «баланд шудан», «боло рафтан», «қарор гирифтан» мебошад, ба маънои «истеъло» тафсир менамоянд, ки решаи калимаро тағйир медиҳанд ва маъноях молик шудан мегардад.

2. Тағйир ва таҳрифи калима ва тафсири он ба ғайри маънои аслие, ки Худованд ва Пайғамбараш баён доштаанд. Ба таври мисол тафсири калимаи «яд», ки ба маънои «дасти Аллоҳ» мебошад ба маънои «кӯмаки Аллоҳ» ва ё «меҳрубонии Аллоҳ» тафсир намудаанд. Ин тафсири дуруст нест ва ҳеҷгуна асос ва далеле барои худ аз Қуръону Суннат ва забони арабӣ надорад.

Бекор кардан (таътил) — ба маънои инкори тамоми сифатҳои Аллоҳ Таъоло. Чунин эътиқодро касоне доранд, ки барои Аллоҳ Таъоло ҳеҷ сифатеро қоил нестанд.

Баёни кайфият (такйиф) — тасвир ва баёни шаклу кайфияти сифатҳои Аллоҳ-Таъоло мебошад. Ин ақидаи гуруҳҳои гумроҳе мебошад, ки сифатҳои Аллоҳро нодуруст тафсир намуда, барои он намуна ва мисолҳое зикр менамоянд, ба таври мисол дасти Аллоҳро кайфит ва чигуна будани ашро мехоҳанд баён кунанд ва ё мехоҳанд баён кунанд, ки Аллоҳ чигуна ба арш истиво намудааст. Ин баёни кайфияти сифатҳои Аллоҳ Таъоло нодуруст мебошад, зеро ғайр аз худаш ҳеҷ яке аз махлуқоташ аз кайфияти ин сифатҳо огоҳ нест ва қодир ба фаҳми он ҳам нестанд.

Монанд намудан (тамсил): Сифатҳои Аллоҳро бо сифатҳои махлуқоташ монанд намудан. Ба таври мисол шахсе бигуяд, ки «Аллоҳ мешунавад монанди шунавидани мо» ва ё бигуяд «Аллоҳ монанди рӯйҳои мо рӯй дорад» дар ҳоле, ки Аллоҳ аз тамоми ин сифатҳо пок аст.

Дарки номҳо ва сифатҳои Аллоҳ Таъоло дар асоси се қоида ҳосил мешаванд ва ҳар кӣ ин се қоидаро дуруст аз худ намояд, ҳеҷ гоҳ гумроҳ намешавад ва ин қоидаҳо қарори зайл мебошанд:

1. Ҳеҷ яке аз номҳо ва сифатҳои Аллоҳ Таъоло бо номҳо ва сифатҳои махлуқоташ монандӣ надоранд. Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Ҳеҷ чиз монанди Ӯ нест ва Ӯст, ки шунавову биност!**» (Сураи Шуро 11) Ин ояти бузург далолат мекунад, ки сифатҳои Аллоҳ бо сифатҳои махлуқоташ ҳеҷ гуна монандӣ надоранд ва низ баён медорад, ки Аллоҳ Таъоло дорои сифоти шунавоӣ ва биноӣ мебошад, вале ин сифатҳояш бо сифоти махлуқоташ монанд нестанд, дар ҳоле, ки бисёре

аз махлуқоти Аллоҳ шунавоӣ ва биноӣ доранд. Инчунин ин фармудаи Аллоҳ далолат ба ин амр менамояд: «**Барои Аллоҳ чизеро мисол (шабеҳ, назир, анбоз) наёваред».** (Сураи Наҳл 74) Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд: **«ва на ҳеҷ кас ҳамтои Ӯст!»** (Сураи Ихлос 4)

2. Номҳо ва сифатҳое, ки Аллоҳи Мутаъол худашро ва Пайғамбар ﷺ Ӯро ба он васф кардааст лоиқи зоти бузурги Ӯ мебошанд.

3. Кушиши дарки моҳияи сифатҳои Аллоҳ Таъоло дуруст нест, зеро ин амр аз тавоноии махлуқот берун аст: «**Ҳар чиро дар пеши рӯи онҳост ва ҳар чиро дар пушти сарашон аст, медонад ва илми онон Ӯро дарбар нагирад**». (Сураи Тоҳо 110)

Инсони дорои ақли солим бояд бидонад, ки ақли ӯ ҳудуд ва надоза дорад, ки наметавонад аз ҳудуди худ берун барояд, ҳамчуноне, ки биноӣ ва шунавоии ӯ беҳудуд нестанд. Касе мехоҳад бо ақли худаш ончиро дарк намояд, ки дарки он номумкин аст ба таври мисол мехоҳад моҳияти сифатҳои Аллоҳро дарк намояд монанди касест, ки мехоҳад ончӣ дар пушти девор аст бубинад ва ё садоеро аз масофаҳои бисёр дур бишунавад. Қуръон ва Суннат номҳо ва сифатҳои зиёди Аллоҳро зикр намудаанд, ки онро ба пуррагӣ ҳисоб намудан номумкин аст. Номҳо ва сифатҳое, ки ба мо расидаанд бахше аз он мебошанд. Ҳар як мусулмон бояд ба тамоми номҳо ва сифатҳои Аллоҳ Таъоло, ки лоиқи бузургии зоти Ӯ мебошанд, имон дошта бошад. Мусулмон бояд Аллоҳро ончуноне, ки худашро дар Қуръони карим сифат намудааст қабул намояд, зеро Аллоҳ Таъоло худашро назар ба махлуқоташ беҳтар медонад. Инчунин мусулмон бояд сифатҳои Аллоҳро ончуноне, ки Расулулоҳ ﷺ Ӯро васф намудааст қабул намояд, зеро аз ҷониби Парвардигор назар ба дигар мардум илму огоҳии бештаре дода шуда буд ва Расулулоҳ ﷺ аз ҳама бештар ихлос ва баёни зебо дошт ва аз ҳама бештар неку-

кор ва худотарс буд. Ҳеҷ кас ҳақ надорад сифате аз сифатҳои Аллоҳро инкор кунад ва ё онро бо сифатҳои махлуқот ташбеҳ намояд, зеро «**Ҳеҷ чиз монанди Ӯ нест ва Ӯст, ки шунавову биност!**» (Сураи Шуро 11)

Тавҳиди Улуҳият
(Аллоҳро дар ибодат ва бандагӣ якто донистан)

Калимаи «улуҳият» дар забони арабӣ аз калимаи «илоҳ» гирифта шудааст, ки ба маънои «худо» мебошад. «Худо» — он зотест, ки онро дар асоси муҳаббат ва бузургдошт итоъат мекунанд. Ӯро итоъат намуда, дар наздаш курниш менамоянд ва аз Ӯ метарсанд, ба Ӯ умед мебандад, дар сахтиҳо ба ӯ паноҳ мебаранд, дар ҳолатҳои гуногуни зиндагӣ ба Ӯ рӯ меоранд, бо умеди ба даст овардани неъмат ба Ӯ таваккал менамоянд ва ба Ӯ паноҳ мебаранд. Ин ҳама дар қалби инсон ба он хотир ҷойгузин мегардад, ки худо сифатҳои камол дошта, ҳеҷ махлуқ дорои чунин сифатҳо нест.

Тавҳиди улуҳият — боварии қалбӣ доштан бар инки Аллоҳи Муатъол маъбуди барҳақ буда, танҳо Ӯ мустаҳиқи ибодат мебошад. Модоме, ки Аллоҳ танҳо Парвардигор ва Ӯ танҳо дорои номҳо ва сифатҳои камол мебошад, пас танҳо Ӯст Маъбуди барҳақ.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Дар миёни ҳар миллате паёмбаре фиристодем, ки Аллоҳро бипарастед ва аз бут дурӣ ҷӯед.** (Сураи Наҳл 36)

Инчунин Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **Ин ба он сабаб аст, ки Аллоҳ ҳақ аст ва он чӣ ҷуз ӯ ба худоӣ мехонанд, ботил аст ва ӯ баландмартабаву бузург аст.** (Сураи Ҳаҷ 62)

Аллоҳи Мутаъол дар Қуръони карим ба мо хабар медиҳад, ки тамоми он чизҳоеро, ки инсонҳо ба ғайр аз Аллоҳ ибодат менамоянд ва онро худо медонанд, худо набуда, балки ботил ва дурӯғ мебошанд. Яъне ибодату итоъати онҳо, талаб кардан аз онҳо, умед бастан, тарсидан, кӯмак хостан, таваккал намудан барои инсон ҳеҷ манфиъате надорад. Чуноне Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Оё шарики Аллоҳ месозанд чизҳоеро, ки наметавонанд ҳеҷ чиз биёфаринанд ва худ махлуқ ҳастанд? Наметавонанд ёрияшон кунанд ва на ба ёрии худ бархезанд.**» (Сураи Аъроф 191–192)

— **Ононро, ки ба ҷои Аллоҳ ба худоӣ мехонед, на шуморо метавонанд ёрӣ кунанд ва на худро.** (Сураи Аъроф 197)

— **Аз шаб кам мекунаду ба рӯз меафзояд ва аз рӯз кам мекунаду ба шаб меафзояд ва офтобу моҳро ром мекунад (барои суди инсонҳо ба чархиш андохтааст). Ҳар як то замоне муъайян дар ҳаракатанд. Ин аст Аллоҳ, Парвардигори шумо. Фармонравоӣ аз они ӯст. Чизҳоеро, ки ғайри ӯ ба худоӣ мехонед, молики пӯсти миёни донаи хурмое ҳам нестанд. Ва агар онҳоро бихонед, садоятонро намешунаванд ва агар бишнаванд, посухатон намегӯянд ва дар рӯзи қиёмат ширк оварданатонро инкор мекунанд ва кас монанди Аллоҳи огоҳ хабардорат насозад!** (Сураи Фотир 13–14)

Аксарияти инсонҳо Аллоҳро ҳамчун Парвадигор, Офаридгор, рӯзидиҳанда ва ҳоким қабул доранд, ки ин эътиқодот ба тавҳиди рубубият таалуқ дорад ва дар айни ҳол ба Аллоҳ дар ибодатҳояшон бутҳо, муҷассамаҳо, бузургоне, ки вафот кардаанд, малоикаҳо, ситораҳо ва дарахтонро шарик месозанд, дар ҳоле, ки инҳо наметавонанд ба касе зарар ва ё фоидае бирасонанд ва наметавонанд чизе ато кунанд ва ё чизеро аз касе бигиранд.

Чуноне Аллоҳ Таъоло мефармояд: «**Ва бештарашон ба Аллоҳ имон наёваранд, балки ҳамчунон мушириканд!**» (Сураи Юсуф 106)

Мушрикони замони Расулуллоҳ ﷺ Аллоҳро ҳамчун худо қабул доштанд ва Ӯро Парвардигор, рӯзидиҳанда ва молик медонистанд, вале дар ибодатҳояшон бо Ӯ касе ва ё чизеро шарик месохтанд. Онҳо маъбудони ботилашонро бо Аллоҳ шарик эътиқод намуда, аз онҳо талаб мекарданд, ба онҳо паноҳ мебурданд ва дар ҳолатҳои зарурат ба онҳо рӯ меоварданд.

Аллоҳи Мутаъол дар бисёре аз оятҳои китобаш ба мо хабар медиҳад, ки мушрикони Макка Парвардигор будани Аллоҳро қабул доштанд, яъне ба тавҳиди рубубият имон доштанд, вале дар айни ҳол дар ибодатҳояшон ба Аллоҳ шарик меоварданд. «**Агар аз онҳо бипурсӣ: "Чӣ касе осмонҳову заминро офарида ва офтобу моҳро ром кардааст?" ҳатман, хоҳанд гуфт: "Аллоҳи якто". Пас, аз чӣ рӯй ақида дигаргун мекунанд?**» (Сураи Анкабут 61)

Инчунин Аллоҳ-Таъоло мефармояд: «**Агар аз онҳо бипурсӣ "Чӣ касе аз осмон борон фиристод ва замини мурдаро ба он зинда кард?" ҳатман, хоҳанд гуфт: "Аллоҳи якто". Бигӯ: "Сипос Аллоҳрост!" Вале бештаринашон дарнамеёбанд!**» (Сураи Анкабут 63)

Инчунин мефармояд:

— **Агар аз онҳо бипурсӣ, ки чӣ зоте онҳоро офаридааст, албатта, мегӯянд: «Аллоҳ». Пас, чаро аз ҳақ рӯй мегардонанд?** (Сураи Зухруф 87)

Ва инчунин мефармояд: «**Бигӯ: Агар медонед, ин замин ва ҳар кӣ дар он аст, аз они кист? Хоҳанд гуфт: "Аз они Аллоҳ". Бигӯ: "Оё панд намегиред?" Бигӯ: "Кист Парвардигори осмонҳои ҳафтгона ва Парвардигори Арши бузург?" Хоҳанд гуфт: "Аллоҳ". Бигӯ: "Оё наметарсед?" Бигӯ: "Агар медонед, подшоҳии ҳама чизҳо ба дасти**

кист? Кист, он ки ба ҳама кас паноҳ диҳад ва касеро аз ӯ паноҳ нест?" Хоҳанд гуфт: "Аллоҳ". Бигӯ: "Пас чаро фиреб мехӯред?"» (Сураи Муъминун 84–89)

Арабҳои мушрик эътиқод надоштанд, ки бутҳо худашон боронро нозил мекунанд, ризқу рӯзиро тақсим мекунанд ва ҷаҳонро идора менамоянд. Баръакс мушрикҳо эътиқод доштанд, ки танҳо Аллоҳ тавоноии ин корҳоро дорад ва бутҳоеро, ки ҳамроҳи Аллоҳ мепарастиданд махлуқ ҳастанд ва худашон мустақилона ин амалҳоро ба анҷом расонида наметавонанд ва наметавонанд ба худашон ва ба ё касоне, ки онҳоро ибодат мекарданд ва ё ба каси дигаре зарар ва ё фоидае бирасонанд. Инчунин бовар доштанд, ки бутҳо намемиронанд ва зинда намекунанд ва рӯзи қиёмат наметавонанд ба мурадҳо ҳаёт бахшанд ва намебинанд ва намешунаванд. Мушрикони Макка яқин доштанд, ки ин амалҳоро танҳо Аллоҳи Мутаъоло метавонад анҷом диҳад ва ҳеҷ кас дар анҷоми ин корҳо бо Аллоҳ шарик нест ва инчунин медонистанд, ки на худашон ва на бутҳояшон наметавонанд ин корро анҷом диҳанд. Онҳо яқин доштанд, ки танҳо Аллоҳ офаридгор мебошад ва дигарон ҳамагӣ махлуқоти Ӯ мебошанд ва инки танҳо Аллоҳ Парвардигор мебошад ва дигарон ҳамагӣ бандагони Ӯ ва зери ҳокимияти Ӯ қарор доранд. Бо вуҷуди чунин эътиқод ва боварашон мушрикони Макка ба Аллоҳ махлуқоташро шарик месохтанд ва аз онҳо шафоъат талаб мекарданд ва байни худ ва Аллоҳ онҳоро миёнарав қарор медоданд, то ба Аллоҳ ба ин васила наздик шаванд. «**Огоҳ бош, ки дини холис аз они Аллоҳ аст ва онон, ки ғайри ӯ дигареро ба худоӣ гирифтаанд, гуфтанд: "Инҳоро аз он рӯ мепарастем, то василаи наздикии мо ба Аллоҳи якто шаванд. Ва ҳаройна, Аллоҳ дар он чӣ ихтилоф мекунанд, миёнашон ҳукм хоҳад кард. ҳаройна, Аллоҳ онро, ки дурӯғгӯву носипос бошад, ҳидоят намекунад"».** (Сураи Зумар 3)

Яъне мушрикон аз бутҳояшон мехостанд назди Аллоҳ шафоъаташон намоянд, то ба онҳо кӯмак намояд, ризқу рӯзияшон диҳад ва умури дунявиашонро осон кунад. Мебинем, ки мушрикон Аллоҳро офаридгори тамоми ҳастӣ медонистанд, вале бо вуҷуди ин Аллоҳ онҳоро ба ҳайси мусулмон хитоб накард. Аллоҳи Мутаъол фармуд, ки онҳо мушрик ва кофир ҳастанд ва барояшон ваъдаи азоби дардноки ҷовидонаи дузахро намуд ва хуну моли онҳоро барои Пайғамбараш ﷺ ҳалол қарор дод, чунки онҳо шартҳои имон ба яккахудоиро қабул надоштанд ва Аллоҳро ба ягонагӣ ибодат намекарданд. Аз гуфтаҳои боло дониста мешавад, ки эътиқод ба Офаридгор будани Аллоҳи Мутаъол бидуни тавҳид дар ибодатҳо кифоя намекунад ва инсон мусулмон ба шумор нарафта, чунин эътиқод аз азоби Аллоҳ наҷоташ нахоҳад дод. Илова бар ин имон ба офаридгор будани Аллоҳ тақозо мекунад, ки тамоми ибодатҳоро хос барои Аллоҳи ягона анҷом дода шавад ва бо Ӯ касе ва ё чизеро дар шарик сохта нашавад.

Калимаи Тавҳид

Гувоҳӣ додан ба инки нест маъбуди барҳаққе ғайр аз Аллоҳ — «Ла илаҳа иллаллоҳ»

Чунин шакли баёни тавҳид ба он маъно нест, ки се намуд тавҳиди ҷудогона ва алоҳида вуҷуд дошта, бо ҳам ҳеҷгуна иртиботе надоранд ва инки инсон метавонад яке аз онро интихоб ва ба он эътиқод намуда, дигаронашро тарк намояд ва ё эътиқод намояд, ки яке аз онҳо аз дигаронаш муҳимтар мебошад. Инсон замоне мусулмон ба ҳисоб меравад, ки ба ҳар се навъи тавҳид имон дошта бошад. Агар инсон ба яке

аз анвоъи тавҳид ширк варзад ба ин маъност, ки дар тамоми анвоъи тавҳид ширк варзидааст, зеро байни анвоъи тавҳид иртиботи ногусастанӣ вуҷуд дорад. Ба таври мисол инсоне, ки аз ғайри Аллоҳ чизҳоеро талаб мекунад, ки танҳо Аллоҳ тавони ато кардани чунин чизҳоро дорад, пас ин шахс дар ҳар се намуди тавҳид ба Аллоҳ шарик овардааст. Дар тавҳиди улуҳият ба Аллоҳ шарик овардааст, зеро дуо худ ибодат аст ва онро барои ғайри Аллоҳ анҷом додан яктоии Аллоҳи Мутаъолро дар бандагӣ зери шубҳа қарор медиҳад. Чунин инсон чун аз каси дигаре ғайр аз Аллоҳ талаб мекунад, бидуни шак умед дорад, ки барояш хайреро меорад ва ё бадиеро аз вай дур месозад ва эътиқод дорад, ки дар мулки Аллоҳ Таъоло ҳаққи тасарруф дорад ва матлабашро иҷобат менамояд, пас дар тавҳиди рубубият низ ширк варзидааст. Ва инчунин дар тавҳиди номҳо ва сифатҳои Аллоҳ Таъоло ширк варзидааст, зеро инсон вақте аз ғайри Аллоҳ чизе мехоҳад ба ин эътиқод ва бовар чунин корро мекунад, ки онки аз вай талаб мекунад шунаво ва наздик буда, тамоми ончиро дигарон аз вай талаб менамоянд мешунавад ва тавони иҷобат карданро дошта, матлаби дуокунандагонро ҳосил карда метавонад.

Танҳо Аллоҳ маъбуди барҳақ ва лоиқи ибодат аст — ин мафҳум дар калимаи тавҳид баён гаштааст: «Ла илаҳа иллаллаҳ»-нест худои барҳаққе, ки лоиқи ибодату бандагӣ бошад ғайр аз Аллоҳ. Мафҳуми ин калимаи бузург чунин аст: ғайр аз Аллоҳ ҳеҷ махлуқи дигаре лоиқу сазовори бандагӣ нест, зеро ғайр аз Аллоҳ ҳеҷ касе сифатҳои худой, яъне сифатҳои камол ва бузургиро доро намебошад. Аллоҳ Парвардигори Бузург ва офаридгори тамоми ҳастӣ буда, тамоми раванди ҳастии оламаро идора мекунад ва Ӯст танҳо дорандаи тамоми сифоти камолу бузургӣ ва пок аз тамоми сифоти нақсу нотавонӣ ва ба ҳамин хотир курниш ва сари таъзим фуруд овардан танҳо лоиқи зоти бузурги Ӯст. Аллоҳи

Мутаъол тамоми ҳастиро аз адам меофарад ва Ӯст, ки онро дубора ба вуҷуд меоварад ва дар раванди ин офариниш ҳеҷ касе бо Ӯ шарик нест. Пас ин маънои онро дорад, ки танҳо Ӯ лоиқу сазовори ибодат ва бандагӣ мебошад ва ҳеҷ касе ҳақ надорад дар ин амр бо Ӯ шарик бошад.

Шартҳои калимаи тавҳид

Барои инки калимаи бузурги тавҳид, ки бо талафузаш инсон вориди Ислом мегардад аз қалб берун шуда, барояш манфиъат орад, пас бояд ҳафт шартро риоя намояд. Ба ин ҳафт шарт дар Қуръону Суннат ишора шудааст, вале сухан дар бораи ин намеравад, ки бояд ин ҳафт шартро азёд бидонем, балки ҳадаф риоя он мебошад. Шояд инсоне вуҷуд дошта бошад, ки ин шартҳоро риоя намояд, вале онро бо тартиб азёд надонад ва баръакс имкон дорад шахсе ин шартҳоро бидонад, вале ба он амал накунад.

ЯКУМ: Илме, ки ҷаҳлу нодонӣ дар он набошад

Дар ин ҷо мақсад аз илм донистани мафҳуми ин калимаҳо мебошад, ки шомили нафий (рад кардан) ва исбот (қабул) мебошад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Пас, бидон ҳеҷ маъбуде ҷуз Аллоҳ нест**». (Сураи Муҳаммад 19)

Аллоҳ Таъоло инчунин мефармояд: «**Магар касоне, ки аз рӯи илм ба ҳақ шаҳодат дода бошанд**». (Сураи Зухруф 86)

Мафҳуми ончиро бо забонаш шаҳодатӣ медиҳад, ки нест маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳ, бояд қалбан тасдиқ намояд.

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Аллоҳ гувоҳӣ дод, ки ҳеҷ худое (барҳақ) ҷуз Ӯ нест. Ва гувоҳӣ доданд фариштагону донишмандон дар он ҳол, ки Аллоҳ тадбиркунандаи олам аст ба адл. Худое (барҳақ) ҷуз ӯ нест, ки пирӯзманду ҳаким аст!** (Сураи Оли Умрон 18)

ДУЮМ: Боваре, ки бо шак ҳамроҳ набошад

Сухан дар бораи ин меравад, ки касе шаҳодат ба яктоии Аллоҳ медиҳад бояд онро бо яқин бигуяд ва дар қалби худ ба ҳеҷгуна шакку шубҳа роҳ надиҳад. Аллоҳ Таъоло мефармояд: «**Ҳаройна, мӯъминон касоне ҳастанд, ки ба Аллоҳ ва паёмбари ӯ имон овардаанд ва дигар шак накардаанд ва бо молу ҷони хеш дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод карданд. Инҳо ростгӯёнанд**». (Сураи Ҳуҷурот 15)

Ба ин тариқ Аллоҳ Таъоло шарти ихлоси имони онҳоро баён намуд, ки дар имонашон ба Аллоҳ ва Пайғамбараш шакку шубҳа накардаанд.

Дар «ас-Саҳиҳ» аз ҳазрати Абуҳурайра ﵁ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Гувоҳи додан бар инки нест маъбуди барҳаққе, ки лоиқи ибодат бошад ба ғайр аз Аллоҳ ва инки ман пайғамбари Аллоҳ ҳастам ва баъд аз онки бандаи Аллоҳ дар ин гувоҳияш шак накарда бо Аллоҳ рӯ ба рӯ шавад, дохили биҳишт мегардад***».

СЕЮМ: Қабуле, ки дар он ҳеҷгуна рад набошад.

Ин калимаро бо тамоми шартҳояш дар қалб тасдиқ, бо забон иқрор ва ба муқтазои он амал ва тарки амалҳое бояд намуд, ки бо мафҳуми ин калима мухолифат доранд. Онҳое, ки даъвати пайғамбаронашонро рад карда буданд чунин намекарданд, чуноне Аллоҳ Таъоло дар бораи онҳо мегуяд:

— **Ба он сон пеш аз ту ба кадом деҳае бимдиҳандае фиристодем, магар соҳибнеъматонаш гуфтанд: «Ҳаройна, падаронамонро бар дине ёфтем ва мо ба аъмоли онҳо иқтидо (пайравӣ) мекунем».** (Сураи Зухруф 23)

Вобаста ба кофирон Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Ҳаройна, чун ба онон гуфта мешуд, ки ҷуз Аллоҳи якто худое нест, такаббур мекарданд ва мегуфтанд: «Оё ба хотири шоъири девонае худоёнамонро тарк гӯем?»**

Дар «ас-Саҳеҳ» аз ҳазрати Абу Мусои Ашъарӣ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ мефармоянд: «***Бидуни шак ҳидоят ва илме, ки Аллоҳ маро ба суи мардум фиристодааст монанди боронест, ки бар замин боридааст. Бахше аз ин замин корам буда, обро дар худ ҷазб намуда, дар он бототи зиёде рӯйидаанд. Қисмати дигари замин беҳосил будааст, вале болои худ обро ҷамъ намуда, Аллоҳ онро барои мардум муфид гардондааст, ки аз он истифода мекунанд, чорпоёнашонро об медиҳанд ва барои зироат онро ба кор мебаранд. Инчунин борон ба қисмати дигари замин боридааст, ки ҳамвор аст, ки на обро дар болои худ нигоҳ доштааст ва на дар он чизе рӯида аст. Ин қисматҳои замин ба инсонҳое монанд ҳастанд, ки дар дини Аллоҳ донишманд гашта, аз ончӣ, ки Аллоҳ маро бо он равон намудааст истифода намудаанд ва худ онро омӯхтанд ва ба дигарон омӯзонданд ва (қисмати дигараш) монанди онҳое мебошад, ки худашон ба он рӯй наоварданд ва (қисмати дигараш) монанди мардумоне мебошанд, ки ончиро Аллоҳ ба воситаи ман равон кардааст қабул накарданд***».

ЧАҲОРУМ: Итоъате, ки дар он саркашӣ набошад

Яъне холисона итоъат ва ибодат намудани Аллоҳи Мутаъол ончуноне, ки калимаи тавҳиди тақозо менамояд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Ба Парвардигоратон рӯй оваред ва ба ӯ таслим шавед**». (Сураи Зумар 54)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ҳар кӣ рӯи хеш ба Аллоҳ кунад ва некӯкор бошад, албатта, ба дастгираи устуворе чанг задааст**. (Сураи Луқмон 22)

Дар ояти мазкур ин мафҳум дар назар дошта шудааст: «нест маъбуди барҳаққе, ки лоиқи ибодат бошад ба ҷуз Аллоҳ» ва аммо мақсад аз ибораи «рӯи худро ба суи Аллоҳ кунад» итоъат ва амали хайр анҷом додан аст.

ПАНҶУМ: Садоқат ва ростие, ки дар он дурӯғ набошад

Яъне чун инсон ин калимаро ба забон меорад, пас бояд қалбаш ончиро, ки забонаш мегуяд тасдиқ намояд.

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— Алиф, лом, мим. Оё мардум пиндоштаанд, ки чун бигӯянд: «Имон овардаем (ва ба ягонагии Аллоҳ ва рисолати паёмбар иқрор кардаем), раҳо шаванд ва дигар (бо таколиф ва вазоиф ва ранҷу сахтиҳое, ки бояд дар роҳи дини Аллоҳ таҳаммул кард) озмоиш нашаванд. Албатта, мардумеро, ки пеш аз онҳо буданд (бо навъҳои таколиф ва машаққатҳо ва бо неъматҳои гуногун ва сахтиҳо), озмудаем, то ба таҳқиқ, Аллоҳ касонеро, ки рост гуфтаанд, маълум дорад ва дурӯғгӯёнро ҷудо кунад. (Сураи Луқмон 1–3)

Дар мавриди мунофиқин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Порае (*баъзе)* аз мардум мегӯянд: «Ба Аллоҳ ва рӯзи қиёмат имон овардаем». Ҳол он ки имон наоварда-**

анд. Инҳо Аллоҳ ва мӯъминонро мефиребанд ва намедонанд, ки танҳо худро фиреб медиҳанд. Дар дилҳояшон маразест (бемории маънавӣ, мисли шакку шубҳа ва нифоқ) ва Аллоҳ низ бар маразашон бияфзудааст ва ба ҷазои дурӯғе, ки гуфтаанд, барояшон азобест, дардовар.

(Сураи Бақара 8–10)

Дар саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз ҳазрати Муъоз ибни Ҷабал ﷺ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ мефармоянд: «***Аллоҳ Таъоло ба оташи ҷаҳаннам сӯзондани ҷисми шахсеро ҳаром гардондааст, ки гувоҳӣ диҳад, ки «Нест маъбуди бар ҳаққе, ки лоиқи ибодат бошад ба ҷуз Аллоҳ ва инки Муҳаммад пайғамбари Ӯст»***.

ШАШУМ: Ихлосе, ки дар он ширк набошад

Яъне ниятро дар тамоми амалҳо аз ширку риё пок намудан ва ибодатро холисона барои ризои Аллоҳ анҷом додан мебошад.

Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **Ва ононро фақат ин фармон доданд, ки Аллоҳро бипарастанд, дар ҳоле ки дар дини ӯ ихлос меварзанд**.

(Сураи Байина 5)

Инчунин Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **Пас, Худоро бипараст ва дини худ барои ӯ холис гардон! Огоҳ бош, ки дини холис аз они Аллоҳ аст**. (Сураи Зумар 2–3)

Дар саҳеҳи Бухорӣ аз ҳазрати Абуҳурайра ﷺ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ мефармоянд: «***Мустаҳиқтарин шахс ба шафоати ман касест, ки бо ихлоси қалб гувоҳӣ диҳад, ки нест маъбуди барҳаққе, ки лоиқи ибодат бошад ба ғайр аз Аллоҳ ва Муҳаммад пайғамбари Ӯст»***.

ҲАФТУМ: Муҳаббате, ки дар он бадбинӣ набошад

Яъне нисбати худи калимаи тавҳид ва онҷӣ, ки ин калима тақозо мекунад ва ба онҷӣ ишора менамояд ва ба ҳар касе, ки дар партави муқтазо ва мафҳуми ин калима амал менамояд, муҳаббат доштан. Инчунин бояд нистбати ширк ва ҳар онҷӣ бо тавҳид мувофиқ нест ва инчунин нисбати мушрикин бадбинӣ доштан.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— Баъзе аз мардум Аллоҳро ҳамтоёне ихтиёр мекунанд ва онҳоро чунон дӯст медоранд, ки Аллоҳро. Вале онон, ки имон овардаанд, Аллоҳро бештар дӯст медоранд. Ва он гоҳ, ки ситампешагон азобро бубинанд, дарёбанд, ки ҳамаи қудрат аз они Худост. Ҳар ойна Аллоҳ ба сахтӣ уқубат мекунад! (Сураи Бақара 165)

Дар саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз ҳазрати Абуҳурайра ﷺ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Имони яке аз шумо комил намегардад то ондаме, ки маро аз фарзандонаш, падараш ва тамоми мардум бештар дӯст надошта бошад***».

Дар саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз ҳазрати Анас ﷺ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ мефармоянд: «***Танҳо шахсе лаззати имонро чашидааст, ки се хислатро доро бошад: Аллоҳ ва Расулашро аз ҳама бештар дӯст дорад ва ҳар касеро дӯст медорад хос барои Аллоҳ дӯст бидорад ва баргаштан ба куфрро баъд аз онки Аллоҳ ӯро аз он наҷот додааст дӯст надорад ончунон, ки дӯст намедорад дар оташ сухта шавад***».

Аркон (пояҳои) ибодат

Чуноне гуфтем мафҳуми «илоҳ», худо буда, дар асоси муҳаббат ва бузургдошт итоаъат ва ибодат кардани касе ва ё чизеро мемонанд. Итоъате, ки дар асоси муҳаббат ва бузургдошт анҷом пазирад бандагӣ ба ҳисоб меравад, ки онро дар забони арабӣ ибодат меноманд. Дар забони арабӣ мегуянд: Роҳ «муъаббад» аст, яъне ҳамвор ва зери по шудааст ва ё роҳ тобеъ ва ҳамвору мутеъ шудааст. Калимаи «ибодат» аз ҳамин реша гирифта шуда, ба маъноӣ фармонбардорӣ ва фурӯтанӣ намудан барои Аллоҳ Таъоло мебошад.

Итоъати Аллоҳ, ба маънои бо муҳаббат ва бузургдошт аз авомири Аллоҳ фармонбардорӣ намудан ва аз манънамудаҳояш бозистодан мебошад. Муҳаббат ва бузургии Аллоҳи Мутаъол замоне дар қалби банда ҷой мешавад, ки Парвардигорашро бишносад ва Ӯро дар парвардигор будан, номҳо ва сифатҳо ва Худо буданаш яккаву ягона эътиқод намояд.

Муҳаббати Аллоҳ

Муҳаббати Аллоҳ пояи асосии ибодат ба шумор меравад. Агар инсоне касеро бо фурӯтанӣ ва ғуломона итоъат намояд ва дар айни ҳол ӯро бад бубинад, пас оё метавон гӯфт, ки чунин инсон ибодат мекунад?

Аллоҳи Мутаъол дар бораи муҳаббати муъминон нисбаташ мефармояд:

— **Баъзе аз мардум Аллоҳро ҳамтоёне ихтиёр мекунанд ва онҳоро чунон дӯст медоранд, ки Аллоҳро. Вале онон, ки имон овардаанд, Аллоҳро бештар дӯст медоранд. Ва он гоҳ, ки ситампешагон азобро бубинанд, дарёбанд, ки ҳамаи қудрат аз они Аллоҳ аст. Ҳаройна Аллоҳ ба сахтӣ уқубат мекунад**! (Сураи Бақара 165)

Дар саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим ривоят шудааст, ки Пайғамбар ﷺ фармудаанд: «***Танҳо шахсе лаззати имонро чашидааст, ки се хислатро доро бошад: Аллоҳ ва Расулашро аз ҳама бештар дӯст дорад ва ҳар касеро дӯст медорад хос барои Аллоҳ дӯст бидорад ва баргаштан ба куфрро баъд аз онки Аллоҳ ӯро аз он наҷот додааст дӯст надорад ончунон, ки дӯст намедорад дар оташ сухта шавад***».

Ғайр аз муҳаббат ба Аллоҳ бояд дар ибодат тарс ва умед низ вуҷуд дошта бошад.

Тарси Аллоҳ

Инсон Аллоҳро дар асоси тарс ибодат мекунад ва авомирашро иҷро намуда, аз навоҳияш боз меистад, зеро Аллоҳ моро аз нофармонӣ бо азобу ҷазояш метарсонад. Тарс ба он хотир дар қалби мусулмон бояд ҷой дошта бошад, то аз авомираш нофармонӣ накарда, аз гуноҳон бипарҳезад ва ин тарс ҳатмӣ ва зарурӣ мебошад.

Аллоҳ ба мардум фармон медиҳад, ки аз Ӯ битарсанд:

— **Агар имон овардаед, аз онҳо матарсед, аз ман битарсед!** (Сураи Бақара 175)

— **…ва аз Ман битарсед!** (Сураи Оли Умрон 40)

Инчунин банда аз қабул нагаштани ибодатҳояш бояд аз Аллоҳ битарсад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Онҳое, ки аз хавфи Парвардигорашон ларзонанд. ва онҳое, ки ба оёти Парвардигорашон имон меоваранд. Ва онҳое, ки ба Парвардигорашон ширк намеоваранд. Ва онҳое, ки ҳамаи он чиро бояд адо кунад, адо мекунанд ва боз ҳам дилҳояшон тарсон аст, ки бояд назди Парвардигорашон бозгарданд, инҳо ҳастанд, ки ба корҳои нек мешитобанд ва дар он бар якдигар пешӣ меҷӯянд.** (Сураи Муъминун 57–61)

Имом Тирмизӣ ва имом Аҳмад аз Ҳазрати Оиша ﵂ ривоят менамоянд, ки мефармояд: Боре аз Расулуллоҳ ﷺ пурсидам: «Эй Расули Аллоҳ, оё ин фармудаи Аллоҳ “**Ва онҳое, ки ҳамаи ончиро бояд адо кунанд, адо менамоянд ва боз ҳам дилҳояшон тарсон аст, ки бояд назди Парвардигорашон боз гарданд…**” ба шахсе, ки зино мекунад ва шароб менӯшад ва дар айни ҳол имон дорад, ишора мекунад? Посух доданд: “***На, эй духтари Сиддиқ, инҷо сухан дар бораи ашхосе меравад, ки рӯза медоранд, намоз мехонанд ва садақа менамоянд ва дар айни ҳол метарсанд, ки оё ибодатҳояшон қабул мешуда бошад***”».

Умед доштан ба Аллоҳ

Аллоҳ Таъоло моро амр менамояд, то ба Ӯ умед дошта бошем. Ҳангоми ибодат намудан умеди қабул доштан аз Аллоҳ ҳатмӣ мебошад, чуноне Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **…ва аз раҳмати Аллоҳ ноумед машавед. Зеро танҳо кофирон аз раҳмати Аллоҳ маъюс мешаванд.** (Сураи Юсуф 87)

Умеди банда метавонад ба бахшиши гуноҳон бошад. Вақте банда баъд аз гуноҳ тавба менамояд ба раҳмату бахшиши Аллоҳ умед дорад.

— **Бигӯ: «Эй бандагони Ман, ки бар зиёни хеш исроф кардаед, аз раҳмати Худо ноумед машавед. Зеро Аллоҳ ҳамаи гуноҳонро меомурзад. ҳаройна, ӯст омурзандаву меҳрубон!»** (Сураи Зумар 53)

— **Ва он касон, ки чун коре зишт кунанд ё ба худ ситаме кунанд, Аллоҳро ёд мекунанд ва барои гуноҳҳои хеш омурзиш мехоҳанд ва кист ҷуз Аллоҳ, ки гуноҳонро биёмурзад? Ва чун ба зиштии гуноҳ огоҳанд, дар он чӣ мекарданд, пой нафишуранд.** (Сураи Оли Умрон 135)

— **Чаро аз Аллоҳ омурзиш намехоҳед? Шояд бар шумо раҳмат оварад.** (Сураи Намл 46)

Инсон аз Аллоҳ Таъоло умед дошта бошад, ки амалҳояшро қабул намуда, барояш ончуноне, ки ваъда намудааст подоши нек диҳад.

— Оё он кас, ки дар ҳамаи соати шаб ба ибодат пардохта ё дар суҷуд аст ё дар қиём ва аз охират бимнок аст ва ба раҳмати Парвардигораш умедвор аст… (Сураи Зумар 9)

— Касоне, ки имон овардаанд ва онҳо, ки ватанро тарк кардаанд ва дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод намудаанд, ба раҳмати Аллоҳ умед медоранд ва Аллоҳ омурзанда ва меҳрубон аст! (Сураи Бақара 218)

Уламо ин се амали қалбро пояҳо ва аркони ибодат номидаанд ва ҳангоми ибодат дар қалби банда ин се рукн бояд вуҷуд дошта бошанд.

Ширк, куфр ва нифоқ

Аллоҳи Мутаъол амр намудааст, то танҳо Ӯ ибодат карда шавад. Итоаъат накардан аз ин амри Аллоҳ метавонад дар се шакл ҳосил гардад:

1) Ширк (шарик овардан ба Аллоҳ),
2) Бехудоӣ (куфр)
3) Мунофиқӣ (нифоқ).

Ширк

Ба бисёрхудоӣ дар забони арабӣ ширк гуфта мешавад ва ин калима аз феъли «шарика» баргирифта шудааст, ки ба маънои иштирок доштан ва шарик будан (дар ягон коре) мебошад.

Ширк ба маънои барои Аллоҳ дар он умуре, ки танҳо лоиқи Аллоҳ мебошанд, шарик овардан аст. Се навъи чунин ширк вуҷуд дорад.

Якум — дар Парвардигории Аллоҳ ширк варзидан, яъне яке аз махлуқоташро дар сифатҳои парвардигориаш баробар донистан ва ё яке аз ин сифатҳоро ба махлуқот нисбат додан. Ба таври мисол бо Аллоҳ касеро дар сифатҳои офаридан, ризқу рузӣ додан, миронидан, идораи коинот ва ғайра шарик донистан.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Оё ҷуз Аллоҳ офаринандаи дигаре ҳаст, ки шуморо аз осмону замин рӯзӣ диҳад? (не, асло не). Худое барҳақ, ҷуз Ӯ нест, пас чӣ гуна аз ҳақ бероҳаатон мекунад?** (Сураи Фотир 3)

Дуюм — дар номҳо ва сифатҳои Аллоҳ шарик овардан, яъне яке аз махлуқотро дар ягон ном ва ё сифатҳои Аллоҳ шарик донистан. Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ҳеҷ чиз монанди Ӯ нест ва Ӯст, ки шунавову биност!** (Сураи Шуро 11)

Сеюм — Бо Аллоҳ дар ибодату бандагӣ касе ва ё чизеро шарик сохтан. Яъне махлуқоташро бо Ӯ дар сифатҳои хоссаш баробар донистан, дар ҳоле, ки Аллоҳ ҳамчун худои ҳақиқӣ танҳо мустаҳиқ ва лоиқи ибодату бандагӣ мебошад. Ин навъи ширк дар ибодатҳо монанди рӯза, намоз, дуо, қурбонӣ, қасам ва ғайра ба вуқуъ мепайвандад ва фарқ намекунад, ки ин ибодатҳо бузург бошанд ва ё хурд, фарз бошанд ва ё суннату нафл ва ё ошкор бошанд ва ё пинҳон.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Баъзе аз мардум Аллоҳро ҳамтоёне ихтиёр мекунанд ва онҳоро чунон дӯст медоранд, ки Аллоҳро. Вале**

онон, ки имон овардаанд, Худоро бештар дӯст медоранд.

(Сураи Бақара 165)

Ширки бузург — Яъне ҳамроҳи Аллоҳ чизеро ибодат намудан. Ин навъи ширк инсонро комилан аз ислом хориҷ намуда, тамоми амалҳои анҷом додаашро ботил менамояд. Агар инсон бидуни тавба аз ширк бимирад дар азоби ҳамешагии Аллоҳ боқӣ монда, ҳаргиз намемирад, то аз он наҷот ёбад ва азобаш низ сабук намешавад.

Ширки хурд — Он амалҳоеро ширки хурд меноманд, ки инсонро ба суи ширки бузург савқ медиҳанд ва дар Қуръону Суннат ширк номида шудаанд, вале ба дараҷаи ширки бузург намерасанд.

Аллоҳи Мутаъол рӯзи қиёмат агар хоста бошад чунин шахси гунаҳкорро мебахшад ва ё ӯро дар ҷаҳаннам азоб медиҳад.

Байни ширки бузург ва ширки хурд якчанд фарқиятҳо вуҷуд доранд ва мо инҷо муҳимтарини онро зикр мекунем:

1. Ширки бузургро Аллоҳ танҳо замоне мебахшад, ки инсон тавба намояд, вале ширки хурдро бидуни тавба ҳам Аллоҳ агар хоста бошад мебахшад ва ё муҷозоташ мекунад ва ин амр вобаста ба хости Аллоҳ аст.

2. Ширки бузург тамоми амлаҳояшро, ки то он замон анҷом додааст бекор менамояд, вале ширки хурд танҳо ҳамон амалеро бекор менамояд, ки дар он ширки хурдро анҷом дода бошад.

3. Ширки бузург муртакибашро аз дин хориҷ менамояд, вале ширки хурд аз дин хориҷ намекунад.

4. Шахсе, ки бо ширки бузург мурдааст дар оташи дузах абадӣ боқӣ мемонад ва фурсати дохил шудан ба биҳиштро надорад, вале муртакиби ширки хурд чунин нест, балки ҳукмаш монанди дигар гуноҳон мебошад.

Ширк чигуна ба вуҷуд омад?

Ширк дар байни инсоният ба сабаби бузургдошт ва эҳтироми аз андоза зиёди гузаштагони солеҳ ва некукорашон ба вуҷуд омад. Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Ва гуфтанд: “Худоёнатонро тарк накунед, Вадд ва Сувоъ ва Яғус ва Яъуқ ва Насрро тарк макунед! Бисёреро гумроҳ карданд ва ту ҷуз бар гумроҳии ситамкорон маяфзой!” (Нӯҳ гуфт: “Инҳо худ хоҳони гумроҳианд, гумроҳашон кун”**». (Сураи Нуҳ 23–24)

Вадд, Сувоъ, Яғус, Яъуқ ва Наср номҳои инсонҳои солеҳе буданд, ки дар қавми ҳазрати Нуҳ ﷺ зиндагӣ намудаанд. Баъд аз маргашон барояшон муҷассама сохта, номҳои ин бузургонро бар он муҷассамаҳо гузоштанд. Ин корро ба хотири бузургдошти гузаштагони некашон ва ҷовидонӣ намудани ёдашон ва ба ёд овардани некиҳои онҳо анҷом дода буданд. Дар натиҷа ҳамин амал онҳоро ба онҷое оварда расонд, ки ин муҷассамаҳоро ибодат мекарданд ва онҳоро дар паҳлуи Аллоҳ ҳамчун худо қарор дода буданд.

Дар хабар омадааст, ки бутҳоеро, ки қавми ҳазрати Нуҳ ﷺ ибодат мекарданд баъдтар дар байни арабҳо пайдо шудаанд. Ваадро қабилаи Килоб дар Давмат-ул-Ҷандал ибодат мекарданд. Сувоъро қабилаи Ҳузайл ибодат мекард. Яғусро авал қабилаи Мурод, баъдан онро Бануғутайф дар Ҷавф назди Сабо ибодат мекарданд. Яъуқро бошад қабилаи Ҳамдон ибодат мекарданд ва Наср бошад дар байни қабилаи ҳимярит дар оилаи Зул-Киля қарор дошт. Номҳои ин бутҳоро аз номҳои мардони некукори қавми ҳазрати Нуҳ ﷺ гирифта буданд. Ҳангоме, ки ин инсонҳои некукор вафот карданд шайтон мардуми қабилаи онҳоро фиреб дод, то барои ин бузургон дар маҷлисгоҳе, ки менишастанд муҷассама бисозанд ва ба ин муҷассамаҳо номҳои онҳоро гузоранд. Вақте ин муҷассамаҳоро сохтанд ҳеҷ кас онҳоро ибодат намекард ва чун ин насл вафот кард ва илму дониш аз байнашон рафт ва

ҷаҳлу нодонӣ интишор ёфт мардум шуруъ ба ибодати онҳо карданд.

Инчунин гуфта мешавад, ки онҳо инсонҳои нек аз набераҳои ҳазрати Одам 🕋 буданд ва мардум аз онҳо пайравӣ мекарданд. Вақте онҳо вафот карданд ёронашон, ки аз онҳо пайравӣ мекарданд гуфтанд: «Агар мо муҷассамаҳои онҳоро бисозем дар он сурат назар кардан ба онҳо сабаб мешавад, ки мо бештар Аллоҳро ибодат намоем». Онҳо танҳо расмҳояшонро ба тасвир кашиданд ва чун ин насл вафот намуданд ва насли дигар ҷонишин онҳо гашт шайтон ба онҳо васваса намуд: «Гузаштагони шумо инҳоро ибодат мекарданд ва ба ҳамин сабаб барояшон борон меборид» ва ҳаминтавр мардум ибодати онҳоро шуруъ карданд.

Таваҷҷуҳ кунед, ки онҳо ба ду хато дар амалкардашон роҳ доданд:

Якум: Онҳо дар назди қабрҳои бузургонашон ҷамъ мешуданд;

Дуюм: Муҷассамаҳои бузургонашонро сохтанд ва дар маҷлисгоҳашон гузошта, дар назди онҳо менишастанд. Натиҷаи корашон ин шуд, ки дар таърихи башарият бори аввал ширк ба вуҷуд омад. Ба ҳамин хотир ин ду амалкард дар ҳама асру замону макон васила ва заминаи асосӣ ва хатарноки расидан ба ширк мебошанд.

Баъзе анвоъи ширк

Бо Аллоҳ дар дуо ширк варзидан. Модоме, ки дуо яке аз ибодатҳо мебошад, пас аз ғайри Аллоҳ талаб кардан худ ширк мебошад. Ба ҳамин хотир ҳар кӣ дар дуояш аз малоика, пайғамбар, инсони солиҳе, қабр, санге ва ё ҳар махлуқи дигаре талаб намояд, амали ширкро анҷом додааст.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Он кас, ки ҷуз Худои якто худои дигареро мехонад, ки ба ҳаққонияташ ҳеҷ бурҳоне надорад, ҳаройна, ҳисобаш назди Парвардигораш хоҳад буд. Албатта, кофирон наҷот намеёбанд**». (Сураи Муъминун 117)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд: «**Чун ба киштӣ нишастанд (мушрикон), Аллоҳро бо ихлос илтиҷову ибодат кунанд (бар асари тарсу нигаронӣ) ва чун наҷоташон дод ва ба хушкӣ овард, ширк меоваранд**». (Сураи Муъминун 65)

Ширк дар ният. Инсоҳое, ки корҳои хайру савобро ба нияти ба даст овардани ҳадафҳои дунявӣ ва ё барои худнамоӣ ва касби обурӯ анҷом дода, бо ин амалҳояшон талоши ба даст овардани ризои Аллоҳ ва ноил гаштан ба биҳиштро намекунанд, ширк варзидаанд, чуноне Аллоҳ Таъоло дар ин бора мефармояд:

— Онон, ки (танҳо) зиндагиву зинати ин дунёро бихоҳанд, пас ҳамаи музди кирдорашонро дар ин ҷаҳон пурра медиҳем ва дар он нуқсоне намебинанд. Инҳо касоне ҳастанд, ки дар охират ҷуз оташ насибе надоранд ва ҳар чӣ дар дунё кардаанд, ночиз шавад ва ҳар чӣ ба ҷой овардаанд, ботил аст! (Сураи Ҳуд 15–16)

Чунин навъи ширки пинҳон аст, вале бисёр хатарнок мебошад.

Ширк овардан ба Аллоҳ дар итоъат ва пайравӣ.

Касоне, ки итоъати онҳоеро менамоянд, ки ҳаромкардаҳои Аллоҳро ҳалол ва ҳалолкардаҳояшро ҳаром мегардонанд ва эътиқод доранд ин афрод ҳаққи чунин корро доранд ва пайравӣ аз онҳо дуруст мебошад ва дар айни ҳол медонанд ин корашон мухолифи шариъат мебошад, пас дар ҳақиқат барои худ ғайр аз Аллоҳ худои дигаре интихоб намудаанд.

Аллоҳи Мутаъол дар ин бора мефармояд:

— **Олимону обидони хеш ва Масеҳ писари Марямро ба ҷои Аллоҳ ба худоӣ гирифтанд ва ҳол он, ки маъмур**

буданд, ки танҳо як худоро бипарастанд, ки ҳеҷ худое барҳақ ҷуз Ӯ нест. Пок аст аз он чӣ шарикаш месозанд! (Сураи Тавба 31)

Дар мафҳуми ин оят ҳеҷгуна таноқузе вуҷуд надорад, зеро мақсад аз интихоби олимону обидон ҳамчун худо ибодату дуои онҳо нест, балки итоъати онҳо дар даъваташон ба суи гумроҳӣ ва тағйири аҳкоми шариъат мебошад.

Саҳобии бузургвор ҳазрати Адӣ ибни Ҳотим вақте ба Расулуллоҳ гуфт: «Мо онҳоро ибодат намекунем?» Расулуллоҳ ﷺ ин оятро барояш чунин тафсир намуд, ки итоъати онҳо дар кори гуноҳ ва пайравиашон дар тағйироте, ки дар шариати Аллоҳ меоранд худ ибодат ба шумор меравад. Расулуллоҳ ﷺ аз Адӣ ؓ пурсид: «***Оё онҳо чизҳои ҳалолнамудаи Аллоҳро, чун ҳаром мегардониданд шумо низ онро ҳаром намедонистед ва ё агар онҳо чизи ҳаромеро ҳалол мегардонданд шумо онро барои худ ҳалол намедонистед?» Адӣ ؓ фармуд: «Бале чунин аст эй Расулуллоҳ». Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «Ҳамин амал ибодат ба шумор меравад***». (Сунани Тирмизӣ 3095 ин ҳадисро ҳасан гуфтааст, Табаронӣ дар Муъҷам ал-кабир)

Ширк дар муҳаббат

Инҷо ҳадаф муҳаббати дар ибодат мебошад, ки маҳбуб муқаддас ва бузург шуморида шуда, дар баробараш фурӯтанӣ ва тавозӯъ мешавад.

Чунин муҳаббат бояд хос барои Аллоҳ бошад, ки ҳеҷ шарике надорад. Агар банда чунин муҳаббатро барои ғайри Аллоҳ анҷом диҳад ӯ ширки бузург анҷом додааст. Далели ин гуфтаҳо фармудаи Аллоҳи Мутаъол мебошад: «**Баъзе аз мардум Худоро ҳамтоёне ихтиёр мекунанд ва онҳоро чунон дӯст медоранд, ки Аллоҳро. Вале онон, ки имон овардаанд, Аллоҳро бештар дӯст медоранд.**» (Сураи Бақара 165)

Куфр чист?

Дар забони арабӣ маънои «куфр» пинҳон кардан пӯшонидан мебошад. Дар шариат мафҳуми куфр мухолифи калимаи имон буда, ба маънои имон надоштан ба Аллоҳ ва Пайғамбараш аст. Кофир метавонад шахсе бошад, ки комилан ҳақро дурӯғ мешуморад ва ё дар ҳақ будани он шубҳа дорад ва ё онро ба хотири ҳасад, кибр ва ё итоъати ҳавову ҳавасҳояш пайравӣ намекунад ва ё ин хислатҳо сабаби аз Қуръону Суннат рӯй гардониданаш мешаванд.

Анвоъи куфр

Куфр низ монанди ширк ба ду қисмат, яъне бузургу хурд ҷудо мешавад. Куфри бузург сабаби дар оташи ҷаҳаннам барои ҳамеша боқи мондани инсон мегардад ва куфри хурд бошад мустаҳиқи азоб мегардад, вале абадӣ дар дузах намемонад.

Куфри бузург панҷ навъ мебошад:

Навъи якум куфри нобоварон, яъне онҳое, ки ҳақро дурӯғ мешуморанд ва ин навъи куфрро «куфри такзиб» меноманд, монанди такзиб ва дурӯғ шуморидани пайғамбарон. Инсоне, ки пайғамбаронро бо забонаш ва ё бо қалбаш такзиб мекунад кофир аст. Аллоҳи Мутаъол дар ин бора мефармояд: «**Пас, кист ситамкортар аз он, ки бар Аллоҳ дурӯғ мебандад ё ба ҳангоме ки ҳақ ба сӯи ӯ ояд, дурӯғ мешуморад? Оё дар ҷаҳаннам ҷойгоҳе барои кофирон нест?**» (Сураи Анкабут 68)

Дуюм навъи куфри бузург: Ба сабаби кибру ғурур ҳақро қабул накардан ва чунин куфрро «куфр ал-иба ва ал-истикбор» меноманд. Чунин инсон медонад, ки Пайғамбар ﷺ

содиқ аст ва ончиро аз ҷониби Аллоҳ овардааст низ ҳақ мебошад, вале ба сабаби кибру худписандӣ онро қабул наменамояд. Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Ва ба фариштагон гуфтем: “Одамро саҷда кунед!” Ҳама саҷда карданд, ҷуз Иблис, ки рӯй гардонд ва бартарӣ ҷуст. Ва ӯ аз кофирон буд**». (Сураи Бақара 34)

Сеюм навъи куфри бузург: Шак дар дин, ки онро «куфр аш-шак» меноманд, ба таври мисол шахсе дар ҳақ будани даъвати пайғамарон шубҳа намояд. Чунин куфрро низ қарор доштани инсон дар тахмину гумон меноманд, зеро гумон бо итминону боварӣ муқобили ҳам қарор доранд. Далели ин гуфтаҳо фармудаи Аллоҳи Мутаъол мебошад, ки мефармояд: «**Ва он мард ситам бар хештан карда, ба боғи худ даромад ва гуфт: “Напиндорам, ки ин боғ ҳаргиз аз миён биравад. Ва напиндорам, ки қиёмат ҳам биёяд. Ва агар ҳам маро назди Аллоҳ баранд, ҷойгоҳе беҳтар аз ин боғ хоҳам ёфт”. Дӯсташ, ки бо ӯ гуфтугӯ мекард, гуфт: “Оё бар он кас, ки туро аз хок ва сипас аз нутфа биёфарид ва боз туро марде комил сохт, кофир шудай? Вале, Ӯ Худои барҳақ, Парвардигори ман аст ва ман ҳеҷ касро шарики Парвардигорам намесозам”**». (Сураи Каҳф 35–38)

Чаҳорум навъи куфри бузург — рӯй гардондан аз ҳақ, ки онро «куфр ал-эъроз» меноманд. Рӯй гардондани инсон аз дин ба ин маънност, ки шахсе бо тамоми ҳастӣ ва дарки комил аз ончӣ Расулуллоҳ ﷺ аз ҷониби Аллоҳи Мутаъол овардааст эъроъз намуда, рӯй мегардонад. Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Ва кофирон аз он чӣ бимашон медиҳанд рӯй мегардонанд.**» (Сураи Аҳқоф 3)

Панҷум навъи куфри бузург: Куфри нифоқ, ки онро «куфр ан-нифақ» меноманд. Куфри нифоқ ба маънои пинҳон

намудани куфр ва дар зоҳир худро мусулмон нишон додан мебошад. Дар ин бораи Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Ин ба он сабаб аст, ки ҳаройна, онҳо имон оварданд, сипас кофир шуданд. Худо низ бар дилҳояшон мӯҳр ниҳод ва онон дарнамеёбанд**». (Сураи Мунофиқун 3)

Куфри хурд

Чунин куфр инсонро аз дин хориҷ намекунад ва кофир намесозад, аммо мустаҳиқи азоби сахташ менамояд, вале дар дузах барои ҳамеша боқӣ наемонад. Куфри хурд дар асл носипос будан дар баробари неъматҳои Аллоҳи Мутаъол мебошад ва инчунин тамоми он амалҳое, ки дар Қуръону суннат куфр номида шудаанд дохил мешаванд, вале ба дараҷаи куфри бузург намерасанд. Дар сатрҳои зерин мо баъзе мисолҳои куфри хурдро зикр мекунем.

Расулулоҳ ﷺ мефармоянд: «***Ду хислат дар мардум аз хислатҳои куфр мебошанд: Таъна задан дар насаб ва навҳа намудан барои мурдаҳо***». (Саҳеҳи Муслим 67)

Инчунин Фармуданд: «***Баъд аз ман дубора ба куфр барнагардед ва ҳамдигарро накушед***». (Бухорӣ 121, Муслим 65)

Ин ва дигар намунаҳое, ки аз ҷумлаи куфри хурд ба шумор мераванд, вале инсонро кофир намесозанд.

Анвоъи нифоқ

Нифоқи бузург

Дуруягӣ дар дин ба ибораи дигар дар зоҳир бо забон иқрор ба ислом намудан ва дар ботин куфрро пинҳон намудан. Инсонҳое, ки чунин ақида доранд ҷояшон дар умқи ҷаҳаннам поинтар аз тамоми кофирон мебошад, чуноне

Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Албатта, мунофиқон дар пасттарин табақоти оташ ҳастанд ва ҳаргиз барояшон ёваре намеёбӣ**». (Сураи Нисо 145)

Нифоқи хурд

Ин навъи нифоқро инчунин «нифоқи амалӣ» низ меноманд, пас маълум мешвад, ки он гуногун мебошад. Ба таври мисол дар ривоят омадааст, ки Расулуллоҳ ﷺ мефармояд: «***Нишонаи мунофиқ се мебошад: Чун сухан гуяд дурӯғ мегуяд, чун ваъда диҳад хилоф мекунад, чун ба ӯ амонат дода шавад хиёнат меварзад***». Ин ҳадисро имом Бухорӣ ва Муслим аз ҳазрати Абуҳурайра ؓ ривоят намудаанд.

Инчунин аз Расулуллоҳ ﷺ ривоят аст, ки фармуданд: «***Мунофиқи ҳақиқӣ касест, ки чаҳор хислатро доро бошад ва касе, ки яке аз ин хислатҳоро дар худ дорад аз ин хислати нифоқ пок намешавад, то он даме, ки онро тарк насозад. (Чаҳор хислат инҳоянд) чун амонат дода шавад хиёнат мекунад ва чун сухан гуяд дурӯғ мегуяд ва чун аҳд бандад онро мешиканад ва чун хусумат намояд фаҳшу бадгӯӣ мекунад***». Ин ҳадисро имом Бухорӣ ва Муслим аз Абдулло ибни Амр ибни Ос ؓ ривоят кардаанд.

Имон ба малоикаҳо

Имон ва яқини содиқона доштан бар инки Аллоҳи Мутаъол малоикаҳое дорад, ки онҳоро аз нур офаридааст, бароямон вазифаҳои хосеро супурдааст, ки машғули анҷоми вазифаҳояшон мебошанд ва Аллоҳ барояшон тавону қудрати зарурии итоъати комили фармонҳояшро додааст.

Имон ба малоикаҳо ба таври ом ва хос. Имони хос, яъне имон овардан ба он малоикаҳое, ки Худованд ва Пайғамбараш номҳои онҳоро ва инчунин сифатҳо ва вазифаҳояшонро зикр намудаанд ва аммо имон ба омаи малоикаҳо, яъне ба тамоми онҳо ба таври умум имон овардан мебошад.

Имом Муслим дар саҳеҳаш ва имом Аҳмад дар Муснадаш аз ҳазрати Оиша ﵂ ривоят менамоянд, ки Расулуллоҳ ﷺ мефармоянд: «***Малоикаҳо аз нур офарида шудаанд, Ҷинҳо аз оташ ва Одам аз он чизе, ки баромадан баён шудааст***».

Яке аз хусусиятҳои малоикаҳо доштани бол мебошад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ситоиш аз они Аллоҳ аст, офаринандаи осмонҳову замин, он ки фариштагонро расулон гардонид. Фариштагоне, ки болҳое доранд, ду-ду ва се-се ва чаҳор-чаҳор. Дар офариниш ҳар чӣ бихоҳад (фариштагон, одамон ва**

дигар махлуқоти ҷаҳон) меафзояд, ҳаройна, Аллоҳ ба ҳар коре тавоност! (Сураи Фотир 1)

Пайғамбар ﷺ ҳазрати Ҷабраилро дар он шакли аслиаш, ки Аллоҳи Мутаъол офаридааст, диданд.

Бо изни Аллоҳи Мутаъол малоика метавонад шакли инсонро ба худ бигиранд, чуноне ҳазрати Ҷабраил ﷺ дар назди ҳазрати Марям бо шакли инсони зебое зоҳир гашт ва назди Расулуллоҳ ﷺ бошад ҳазрати Ҷабраил дар шакли марде ҳозир шуд, ки либосҳои бисёр сафед ва мӯи бисёр сиёҳ дошт. Малоикаҳоеро, ки Аллоҳ Таъоло ба суи ҳазрати Иброҳим ﷺ ва Лут ﷺ равон карда буд, низ ба шакли инсон худро гардонда буданд.

— **Албатта, онон, ки дар назди Парвардигори ту ҳастанд, аз парастиши Ӯ сар наметобанд ва тасбеҳаш мегӯянд ва барояш саҷда мекунанд!** (Сураи Аъроф 206)

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Аз они ӯст, ҳар кӣ дар осмонҳову замин аст. Ва онон, ки дар назди Ӯ ҳастанд, аз ибодаташ ба такаббур сар наметобанд ва хаста намешаванд. Шабу рӯз, бе он ки сустие дар онон падид ояд, тасбеҳ мегӯянд.** (Сураи Анбиё 19–20)

— **Ва гуфтанд, ки Худои Раҳмон фарзанд ихтиёр кардааст. Пок аст ӯ. Балки онон (фариштагон) бандагоне гиромӣ ҳастанд. Дар сухан бар ӯ пешӣ намегиранд ва ба фармони ӯ кор мекунанд. Медонад ҳар чӣ дар баробари онҳост ва ҳар чӣ пушти сари онҳост. Ва онон ҷуз касонеро, ки Худо аз онҳо хушнуд аст (ва иҷозаи шафоъатро додааст), шафоъат намекунанд ва аз бими ӯ ларзонанд.** (Сураи Анбиё 19–20)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ҳар чӣ Аллоҳ бигӯяд, нофармонӣ намекунанд ва ҳамон мекунанд, ки ба он амр шудаанд.** (Сураи Таҳрим 6)

Дар оятҳо ва аҳодиси гуногун дар бораи малоикаҳо, номҳо, шаклҳо ва вазифаҳое, ки бар ӯҳдаашон мебошад, зикр шудааст.

Ба таври мисол ҳазрати Ҷабраил ﷺ вазифадор шуда буд, ки ба пайғамбарон ваҳий биорад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ба онҳо, ки ба Ҷабраил душманӣ меварзанд, бигӯ: «ӯст, ки ин оётро ба фармони Худо бар дили ту нозил кардааст…».** (Сураи Бақара 97)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва ҳаройна, ин китоб нозилшуда аз ҷониби Парвардигори ҷаҳониён аст. Онро Рӯҳуламин нозил кардааст. Бар дили ту, то аз бимдиҳандагон бошӣ.** (Сураи Шуъаро 192–194)

Дар баъзе ҳадисҳо ишора шудааст, ки ба ҳазрати Микоил вазифаи назорати борон ва рӯидани растаниҳо ва ба ҳазрати Исрофил бошад дамидан дар сур ҳангоми фаро расидани қиёмат дода шудааст.

Расулуллоҳ ﷺ дар дуои намозҳои таҳаҷҷудаш номи ин се малоикаро зикр намудаанд: «***Эй Парвардигори Ҷабраил, Микоил ва Исрофил, эй Офаридгори осмонҳо ва замин, Донандаи ошкор ва ғайб Ту байни бандагонат дар ончӣ бо ҳам ихтилоф намудаанд ҳукм менамоӣ, дар онҷое, ки ихтилоф аст дараи ҳақ ба изни худат маро ҳидоят намо, зеро ҳаркиро хоҳӣ ба роҳи рост ҳидоят менамоӣ***». (Ривояти Муслим)

Дар Қуръони малоикае ба номи Молик зикр шудааст, ки посбони дузах мебошад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Фарёд баровардаанд, ки эй молики дӯзах, кош Парвардигори ту моро бимиронад.** (Сураи Зухруф 77)

Дараҷоти фариштаҳо

1. **Ҳомилони арши Аллоҳи Мутаъол.**

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Онон, ки Аршро мебардоранд ва онҳо, ки бар гирди он ҳастанд, ба ситоиши Парвардигорашон тасбеҳ мегӯянд ва ба ӯ имон доранд ва аз ӯ барои мӯъминон омурзиш мехоҳанд.** (Сураи Ғофир 7)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **…Ва дар он рӯз ҳашт тан аз онҳо арши Парвардигоратро бар болои сарашон мебардоранд.** (Сураи Ҳоққа 17)

2. **Малоикаҳои нигаҳбон.**

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Одамиро фариштагонест, ки паёпай ба амри Аллоҳ аз рӯбарӯву пушти сараш меоянд ва нигаҳбонияш мекунанд.** (Сураи Раъд 11)

3. **Котибони амалҳои бандагон**.

Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **Ҳол он ки бар шумо муҳофизоне (фариштагоне) вобаста шудаанд: котибоне бузургвор медонанд, ки шумо чӣ мекунед**. (Сураи Инфитор 10–12)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ҳангоме, ки он ду фариштаи фарогиранда дар ҷониби росту ҷониби чапи ӯ нишастаанд, ҳар чизро фаро мегиранд. Ҳеҷ каломе намегӯяд, магар он ки дар канори ӯ нозиру нависандае ҳозир аст.** (Сураи Қоф 17–18)

Дар ин ҷо сухан дар бораи ду малоикае меравад, ки дар дасти рост ва чап қарор доранд. Малоикаи тарафи рост савоб ва малоикаи тарафи чап гуноҳонро менависанд.

4. **Малоикаҳое, ки вазифадор шудаанд, то назди ҷанин қабл аз таваллуд шудан аз шиками модараш раванд**.

Абдулло ибни Масъуд ﷺ мефармоянд: «***Расулуллоҳ ﷺ, ки содиқ ва мавриди боварӣ аст ба мо фармудаанд: "Дар ҳақиқат хилқати яке аз шумо дар шиками модараш чунин анҷом мегирад: чиҳил руз ба ҳолати нутфа аст баъд аз он дар муддати чиҳил рӯз ба пораи хуне табдил меёбад ва сипас ба пораи гуште табдил меёбад дар ҳамин муддат, сипас Аллоҳи Мутаъол фариштае мефиристад, то руҳи онро бидамад ва фариштае маъмур аст ба навиштани чаҳор калима: Ризқу рӯзиаш, муддати умраш, кирдору рафтораш ва бадбахту некбахт буданаш"***». (Ривояти Бухорӣ)

5. **Малоикаҳое, ки вазифаашон гирифтани ҷони махлуқот ҳангоми маргашон мебошад**.

Инҷо сухан дар бораи малоикаи марг ва ҳамроҳонаш мебошад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Бигӯ: «Фариштаи марг, ки муваккал (гумошта) бар шумост, шуморо мемиронад. Сипас ба сӯи Парвардигоратон бозгардонида мешавед»**. (Сураи Саҷда 11)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ӯст ғолибе фаротар аз бандагонаш. Нигаҳбононе бар шумо мегуморад, то чун яке аз шуморо марг фаро расад, фиристодагони Мо бе ҳеҷ кӯтоҳиву гузаште ҷони ӯ бигиранд**. (Сураи Аньом 61)

Ғайр аз малоикаҳои зикршуда боз дигар фариштагон низ вуҷуд доранд.

Имон ба Китобҳо

Имон овардан ба китобҳое, ки Аллоҳи Мутаъол ба пайғамбарҳояш ﷺ равон кардааст, ки дар он каломи ҳақ ва роҳнамоӣ барои мардум мебошад.

Мо имон ба он китобҳое дорем, ки дар Қуръони карим зикр шудаанд. Ин китобҳо қарори зайланд:

— Қуръони карим (ал-Қуръон), ки ба ҳазрати Муҳаммад ﷺ равон шудааст.

— Таврот (ат-Таврот), ки ба ҳазрати Мусо ﷺ фиристода шудааст.

— Инҷил (ал-Инҷил), ки ба ҳазрати Исо ﷺ фиристода шудааст.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва аз паи онҳо Исо писари Марямро фиристодем, ки тасдиқкунандаи Тавроте буд, ки пеш аз ӯ фиристода будем ва Инҷилро, ба ӯ додем, ки дар он ҳидоят ва нур аст ва тасдиқкунандаи Тавротест, ки пеш аз он нозил карда шудааст ва барои парҳезгорон, ҳидоят ва пандест**.

(Сураи Моида 46)

— Забур (аз-Забур), ки ба ҳазрати Довуд ﷺ равон шудааст.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «…**ва мо Довудро Забурро додем**». (Сураи Исро 55)

— Саҳифаҳо (ас-Суҳуф), ки ба Иброҳим ва Мусо ﷺ равон шудаанд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Ё аз он чӣ дар саҳифаҳои Мӯсо омада, бехабар мондааст, ё аз Иброҳим, ки ҳаққи паёмбариро адо кард**». (Сураи Наҷм 36–37)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Ҳаройна, ин сухан дар саҳифаҳои нахустин аст, саҳифаҳои Иброҳиму Мӯсо!**» (Сураи Аъло 18–19)

Ғайр аз ин мо имон дорем, ки Аллоҳи Мутаъол боз дигар китобҳоро ба дигар пайғамбаронаш низ равон кардааст.

Фарқи имон доштан ба Қуръон аз дигар китобҳо дар он аст, имон ба Қуръон тақозо мекунад ба он амал шавад ва инки Аллоҳи Мутаъол ба Қуръон хусусиятҳое додааст, ки ба дигар китобҳояш надодааст.

Имон ба Пайғамбарон

Имон ва яқин доштан, ки Аллоҳи Мутаъол барои тамоми қавмҳо пайғамбароне равон кардааст, ки мардумро ба суи ибодати Аллоҳи якто, ки ҳеҷ шарику мислу монанд надорад даъват мекарданд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Дар миёни ҳар миллате паёмбаре фиристодем, ки Худоро бипарастед ва аз бут дурӣ ҷӯед.** (Сураи Наҳл 36)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **…ва ҳеҷ миллате нест, магар ки дар миёнашон бимдиҳандае будааст!** (Сураи Фотир 24)

Мо бояд тамоми он пайғамбароне, ки Аллоҳ Таъол дар китобаш зикр кардааст имон биёварем. Теъдоди онҳо бисту панҷ мебошад. Одам, Нӯҳ, Идрис, Ҳуд, Солиҳ, Иброҳим, Исмоил, Исҳоқ, Яъқуб, Юсуф, Лут, Шуъайб, Юнус, Мусо, Ҳорун, Илёс, Закариё, Яҳё, Алясаъ, Зулкифл, Довуд, Сулаймон, Айюб, Исо ва Муҳаммад ﷺ.

Мо имон дорем, ки ғайр аз ин пайғамбарон дигар пайғамбарон низ будаанд, чуноне дар ин маврид Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Ва паёмбароне, ки пеш аз ин достонҳояшонро барои ту гуфтаем ва он, ки достонҳояшонро барои ту на-**

гуфтаем. Ва Аллоҳ бо Мӯсо ҳақиқатан сухан гуфт. (Сураи Нисо 164)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Пеш аз ту паёмбароне фиристодаем. Достони баъзеро бароят гуфтаем ва достони баъзеро нагуфтаем.** (Сураи Ғофир 78)

Мо инчунин имон дорем, ки пайғамбарон инсонҳои некукор, содиқ, ростин ва худотарс будаанд ва инки онҳо тамоми ончиро Аллоҳи Мутаъол барояшон нозил намуд ба таври комил баён ва таблиғ намуданд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Бар паёмбарон ҷуз таблиғи ошкоро вазифаи дигаре нест.** (Сураи Наҳл 35)

— **Ва бар паёмбар ҷуз таблиғи ошкор ҳеҷ нест.** (Сураи Нур 54)

Ба ҳар як пайғамбар ҷудогона имон овардан бахше аз имон ба ҳамаи пайғамбарон мебошад, зеро ҳар шахсе ба яке аз онҳо имон наорад имонаш ба Аллоҳ ва ба дигар пайғамбарон низ дуруст намегардад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Бигӯед: «Мо ба Аллоҳ ва оёте, ки бар мо нозил шуда ва низ он чӣ бар Иброҳиму Исмоил ва Исҳоқу Яъқуб ва сибтҳо нозил омада ва низ он чӣ ба Мӯсо ва Исо фиристода шуда ва он чӣ бар паёмбарони дигар аз ҷониби Парвардигорашон омадааст, имон овардаем. Миёни ҳеҷ як аз паёмбарон фарқе намениҳем ва ҳама дар баробари Худо таслим ҳастем». Агар ба он чӣ шумо имон овардаед, онҳо низ имон биёваранд, ҳидоят ёфтаанд. Аммо агар рӯй бартофтанд, пас бо ту сари хилоф доранд ва дар баробари онҳо Худо туро кофист, ки ӯ шунаво ва доност!** (Сураи Бақара 136–137)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Паёмбар худ ба он чӣ аз ҷониби Парвардигораш ба ӯ нозил шуда, имон дорад. Ва ҳамаи мӯъминон ба Аллоҳу фариштагонаш ва китобҳояш ва паёмбаронаш имон доранд. Миёни ҳеҷ яке аз паёмбаронаш фарқе намениҳем.** (Сураи Бақара 285)

Инчунин Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **Касоне ҳастанд, ки ба Аллоҳ ва паёмбараш кофир мешаванд ва мехоҳанд миёни Аллоҳу паёмбарашон ҷудоӣ афкананд ва мегӯянд, ки баъзеро мепазирем ва баъзеро намепазирем ва мехоҳанд дар ин миёна роҳе гиранд. Инҳо дар ҳақиқат кофиронанд ва мо барои кофирон азобе хоркунанда омода сохтаем.** (Сураи Нисо 150–151)

Аммо ончӣ вобаста ба имон ба ҳазрати Муҳаммад ﷺ мебошад, ин аст, ки мо бояд ба тамоми ончи, ки аз ҷониби Аллоҳ Таъоло овардааст имон биёварем ва аз он бидун саркашӣ пайравӣ намоем.

Соҳибони азму ирода
(Улул-ъазм)

Бо чунин сифат ҳазрати Нуҳ, Мусо, Исо ва ҳазрати Муҳаммад ﷺ зикр шудаанд. Дар бораи ин пайғамбарон Аллоҳи Мутаъол чунин мефармояд:

— **Ва (ба ёд ор), он ҳангомро, ки аз паёмбарон паймон гирифтем ва аз туву аз Нӯҳ ва Иброҳим ва Мӯсо ва Исо бинни Марям ва аз ҳамаи онҳо паймоне сахт гирифтем.** (Сураи Аҳзоб 7)

Аллоҳи Мутаъол инчунин мефармояд:

— **Барои шумо дину ойине муқаррар кард, аз ҳамон гуна, ки ба Нӯҳ васият карда буд ва аз он чӣ бар ту ваҳй кардаем ва ба Иброҳиму Мӯсо ва Исо васият кардаем, ки**

динро барпой нигаҳ доред ва дар он фирқа-фирқа машавед. (Сураи Шуро 13)

Умумӣ будани рисолати пайғамбари мо ҳазрати Муҳаммад ﷺ

Пайғамбари мо ҳазрати Муҳаммад ﷺ барои тамоми инсонҳо ва ҷинҳо равон шуда буд.

Дар бораи инки барои тамоми ҷинҳо низ равон шуда буд, ин фармудаи Аллоҳ далолат менамояд:

— **Ва гурӯҳе аз ҷинро назди ту равона кардем, то Қуръонро бишнаванд. Чун ба наздаш расиданд, гуфтанд: «Гӯш фаро диҳед! Чун (тилвати қуръон) ба поён омад монанди бимдиҳандагоне назди қавми худ бозгаштанд». Гуфтанд: «Эй қавми мо, ҳаройна, мо китоберо шунидем, ки баъд аз Мӯсо нозил шуда, китобҳои пешинро тасдиқ мекунад ва ба ҳақ ва роҳи рост роҳ менамояд. Эй қавми мо, ин даъваткунандаи Аллоҳро посух гӯед ва ба ӯ имон биёваред, то Аллоҳ гуноҳҳоятонро биёмурзад ва шуморо аз азобе дардовар дар амон дорад».** (Сураи Аҳқоф 29–31)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Бигӯ: «Ба ман ваҳй шудааст, ки гурӯҳе аз ҷин гӯш фаро доданду гуфтанд, ки мо, ҳаройна, Қуръоне аҷиб шунидем. Ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Пас, мо ба он имон овардем ва ҳаргиз касеро шарики Парвардигорамон намесозем».** (Сураи Ҷин 1–2)

Далелҳое вуҷуд доранд, ки назди Пайғамбар ﷺ ҷинҳо омада, бо онҳо сӯҳбат намуд ва барояшон Қуръон тиловат кард.

Дар бораи инки барои тамоми мардум фиристода шудааст оятҳову аҳодиси зиёде бар он далолат менамоянд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Туро ба паёмбарӣ фиристодем, бар ҳамаи мардум: муждадиҳандаву бимдиҳанда. Вале бештари мардум намедонанд.** (Сураи Сабо 28)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Бигӯ: «Эй мардум ман фиристодаи Аллоҳ бар ҳамаи шумо ҳастам».** (Сураи Аъроф 158)

Инчунин Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **Бигӯ: …ва ин Қуръон бар ман ваҳй шудааст, то шуморо ва ҳар касро, ки ба ӯ бирасад, бим диҳам.** (Сураи Анъом 19)

Аллоҳи Мутаъол инчунин мефармояд:

— **Туро ба пайғамбарӣ ба сӯи мардум фиристодем ва шаҳодати Аллоҳ кофист.** (Сураи Нисо 79)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Бузургу боазамат аст, он ки ин Фурқонро (яъне, ҷудосозандаи ҳақ аз ботилро) бар бандаи Худ (Муҳаммад) нозил кард, то ҷаҳониёнро (ба воситаи он) бимдиҳандае бошад.** (Сураи Фурқон 1)

Инчунин Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **Ва нафиристодем туро ҷуз он, ки ба мардуми ҷаҳон раҳмате арзонӣ дорем.** (Сураи Анбиё 107)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Агар бо ту ба муҷодала бархезанд, бигӯ: «Ману пайравонам дар дини хеш ба Аллоҳ ихлос варзидем». Ба аҳли Китоб ва мушрикон бигӯ: «Оё шумо ҳам ба Худо ихлос варзидаед?» Агар ихлос варзиданд, пас ҳидоят ёфтанд ва агар рӯй гардониданд, бар ту таблиғ асту бас ва Аллоҳ бандагонро мебинад.** (Сураи Оли Умрон 20)

Ҳазрати Ҷобир ибни Абдулло ﷺ ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Барои ман панҷ чиз дода шудааст, ки барои ҳеҷ касе қабл аз ман дода нашудааст.***

Қаблан ҳар як пайғамбар барои қавми худаш фиристода мешуд, вале ман барои ҳамаи мардуми сафеду сиёҳ фиристода шудаам; барои ман моли ғанимат ҳалол карда шудааст, дар ҳоле, ки барои ҳеҷкасе ҳалол нашуда буд; тамоми замин барои ман пок ва масҷид қарор дода шудааст ва ба ҳамин хотир инсон метавонад дар ҳар куҷое, ки вақти намозаш фаро расид онро бихонад; ба воситаи тарс нусрат дода шудаам, ки тарс ба душманона аз масофаи якмоҳа дур ба онҳо мерасад ва бароям шафоъат дода шудааст». (Бухорӣ ва Муслим)

Аз ҳазрати Абуҳурайра ﷺ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Қасам ба зоте, ки ҷони Муҳаммад дар дасти Ӯст, ҳар яҳудӣ ва ё насроние, ки дар бораи ман мешунавад ва сипас ба ончи, ки ман фиристода шудам имон наорад ҳатман дохили дузах мегардад***». (Муслим)

Расулуллоҳ ﷺ мактубҳои худро ба кишварҳои гуногун равона карда, императори Форсу Рум, подшоҳи Миср, императори Ҳабаша ва дигар подшоҳонро даъват ба Ислом намуд.

Яҳудиён ва насроние, ки ҳақ будани рисолати ҳазрати Муҳаммад ﷺ — ро яқин медонистанд, вале онро махсуси арабҳо мепиндоштанд, даъвояшон ботил мебошад, зеро рисолати ҳазрати Муҳаммад ﷺ барои омаи мардум мебошад ва ҳаркӣ онро дарк намуд бояд ба он имон биёрад.

Ҳазрати Муҳаммад ﷺ — охирин пайғамбар

Ҳазрати Муҳаммад ﷺ охирин пайғамбар мебошад, чуноне Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Муҳаммад падари ҳеҷ як аз мардони шумо нест. Ӯ расули Аллоҳ ва хотами паёмбарон аст**». (Сураи Аҳзоб 40)

Яъне ҳазрати Муҳаммад ﷺ охирин пайғамбар мебошад, ки баъд аз вай дигар пайғамбаре намеояд.

Уламо дар бораи фарқият байни расул ва набӣ ихтилофи назар доранд. Баъзеҳояшон мегуянд: «Ҳеҷ фарқе байни расул ва набӣ вуҷуд надорад ва ба ҳамин хотир ҳар як расул набӣ ва ҳар як набӣ расул мебошад». Гуруҳи дигаре аз донишмандон мегуянд, ки байни расул ва набӣ фарқ вуҷуд дорад ва рисолати расулон назар ба рисолати анбиё мушаххастар аст ва ин ба он маъност, ки агар баъд аз ҳазрати Муҳаммад ﷺ расул намеояд, пас ба таври авло набӣ низ намеояд.

Дар мавзуъи охирин пайғамбар будани ҳазрати Муҳаммад ﷺ аҳодиси зиёде вуҷуд доранд.

Ба таври мисол дар саҳеҳайн аз ҳазрати Абуҳурайра ؓ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ мефармоянд: «***Мисоли ман ва пайғамбарони қабл аз ман монанди мардест, ки хонае месозад, вале хишти гӯшаи хонаро намегузорад. Мардум меоянд ва аз ин хона хушашон меояд ва мегуянд бисёр хонаи хуб, вале агар ин хиштро мегузошт беҳтар мешуд. Ман ҳамон хиштам ва ман охирин пайғамбар мебошам***».

Дар саҳеҳайн инчунин ҳадиси дигареро ҳазрати Ҷубайр ибни Мутъим ؓ ривоят менамояд, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Ман панҷ ном дорам: ман Муҳаммад ва Аҳмад ҳастам ва ман поккунанда ҳастам, ки Аллоҳ ба воситаи ман куфрро пок месозад ва ман ҷамъкунанда ҳастам, ки мардум дар назди ман ҳашр мешаванд ва пайравикунанда ҳастам, ки баъд аз ман дигар пайғамбаре намеояд***».

Имом Муслим аз ҳазрати Абуҳурайра ؓ ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ ﷺ мефармоянд: «***Бо шаш чиз бар дигар пайғамбарон афзалият дода шудаам: суханони ҷомеъ ва пурмаъно дода шудаам, бо тарс бар душманонам нусрат дода шудаам, ғанимат бароям ҳалол шудааст, ҳамаи замин бароям пок ва масҷид гардонда шудааст ва барои***

ҳамаи мардум фиристода шудаам ва охирин пайғамбар мебошам».

Имом Бухорӣ ва Муслим аз ҳазрати Саъд ибни Абуваққос ﷺ ривоят мекунад, ки боре расулуллоҳ ﷺ ба ҳазрати Алӣ ﷺ фармуд: «***Оё дӯст надорӣ барои ман ҷонишин бошӣ ончунон, ки Ҳорун барои Мусо ﷺ ҷонишин шуда буд, бо ин фарқ, ки баъди ман пайғамбаре намеояд***?»

Аҳодиси саҳеҳи зиёде далолат мекунанд, ки пайғамбари мо ҳазрати Муҳаммад ﷺ охирин пайғамбар мебошад.

Ибни Касир ﷺ дар тафсираш менависад: «*Аллоҳи Мутаъол дар китобаш ва Пайғамбараш дар аҳодиси зиёде баён доштаанд, ки баъд аз вай дигар пайғамбаре намеояд, то мардум бидонанд, ки ҳар кӣ баъд аз вай даъвои пайғамбарӣ мекунад дуруғгӯ, фиребгар, даҷҷол, гумроҳ ва гумроҳкунандаи дигарон мебошад*».

Имон ба рӯзи қиёмат

Рӯзи қиёмат, рӯзи дубора зинда гаштан мебошад, ки Аллоҳи Мутаъол тамоми бандагонашро барои ҳисоби амалҳояшон зинда сохта, байнашон қазоват менамояд ва баъд аз ҳисоб гуруҳе ба биҳишт ва гуруҳи дигаре ба ҷаҳаннам дохил мешаванд.

Ин рӯзро барои он охират меноманд, ки охирин рӯзи дунё хоҳад буд. Аллоҳи Мутаъол ба мардум хабар додааст, ки он рӯз чӣ ҳодисаҳо рӯх медиҳад ва инчунин дар бораи нишонаҳои он, ки далолат ба наздик шудани он рӯз менамоянд низ хабар додааст. Дар аксари сураҳои Қуръони карим зикри охират мегузарад ва сураҳои каме ҳастанд, ки дар он охират зикр нашуда бошд.

Ба таври мисол Аллоҳи Мутаъол ба ин рӯз қасам мехурад.

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Қасам ба рӯзи қиёмат**… (Сураи Қиёмат 1)

Аллоҳ Таъоло ба пайғамбараш амр мекунад, то қасам ёд кунад, ки мардум дубора зинда хоҳанд шуд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Кофирон пиндоштанд, ки онҳо ҳаргиз зинда карда намешаванд. Бигӯ: «Оре, ба Парвардигорам савганд, ки**

шуморо, ҳатман, зинда хоҳад кард, то ба корҳое, ки кардаед, ҳатман, огоҳ созад. Ва ин бар Аллоҳ осон аст». (Сураи Тағобун 7)

Аллоҳи Мутаъол онҳоеро, ки ба ин рӯз имон доранд таърифу тавсиф мекунад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— Ва онон, ки ба он чӣ бар ту ва бар паёмбарони пеш аз ту нозил шудааст, имон меоваранд ва ба охират яқин доранд. Онҳо аз сӯи Парвардигорашон қарини ҳидоятанд ва худ растагоронанд. Сураи (Бақара 4–5)

Аммо касонеро, ки ба рӯзи қиёмат имон надоранд накӯҳиш менамояд.

Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **Онҳо, ки дидор бо Худоро дурӯғ меҳисобанд, зиёндидаанд ва ҳидоятнаёфтагонанд!** (Сураи Юнус 45)

Аллоҳи Мутаъол хабар додааст, ки ин рӯз наздик аст.

Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **Қиёмат наздик шуд ва моҳ пора гардид.** (Сураи Қамар 1)

Ба воситаи мисолҳои равшан ва далелҳои қотеъ Аллоҳи Мутаъол исбот менамояд, ки барпо шудани рӯзи қиёмат имконпазир аст

Вобаста ба мисолҳои равшан Аллоҳи Мутаъол намунаҳоеро барои мардум баён медорад, ки дар гузашта инсонҳоеро миронида ва дубора онҳоро зинда гардондааст. Дар бораи чунин шаш ҳолат хабар додааст.

•

Якум: Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— Ва (ба ёд ored) он ҳангомро, ки гуфтед: «Эй Мӯсо, мо то Худоро ошкор набинем, ба ту имон намеоварем». Ва ҳамчунон ки менигаристед, соиқа (оташак) шуморо

фурӯ гирифт. Боз шуморо пас аз мурдан зинда сохтем, то ки сипосгузор шавед! (Сураи Бақара 55–56)

•

Дуюм: Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва (ба ёд ored), он ҳангомро, ки касеро куштед ва бар якдигар бӯҳтон задед ва ба низоъ даргирифтед ва Худо он чиро, ки пинҳон мекардед, ошкор сохт. Сипас гуфтем: «Порае аз онро бар он кушта бизанед». Худо мурдагонро инчунин зинда месозад ва нишонаҳои қудрати хешро инчунин ба шумо менамоёнад, то ки ба ақл дарёбед!** (Сураи Бақара 72–73)

Дар инҷо сухан дар бораи қавми ҳазрати Мусо ﷺ аз Банӣ Исроил меравад, ки бо ҳам баҳс мекарданд, ки кӣ метавонад қотили шахси кушташуда бошад ва барояшон амр шуда буд, ки говеро қурбонӣ намуда, бо узве аз гов дар бадани ин мақтул бизананд ва ҳамин тавр ҳам карданд ва он мурда зинда шуд ва қотили худро шинохта дубора мурд.

•

Сеюм: Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Оё он ҳазорон танро надидаӣ, ки аз бими марг аз хонаҳои хеш берун рафтаанд? Сипас, Аллоҳ ба онҳо гуфт: «Бимиред!» Он гоҳ ҳамаро зинда сохт. Аллоҳ ба мардум неъмат медиҳад, вале бештари мардум шукри неъмат ба ҷой намеоваранд!** (Сураи Бақара 243)

Инҷо сухан дар бораи қавме аз Бани Исроил меравад, ки вақте дар байнашон вабо интишор ёфт хонаҳои худро аз тарси марг тарк карда гурехтанд, вале Аллоҳ Таъоло онҳо миронид ва сипас зинда кард.

•

Чаҳорум: Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ё монанди он кас, ки ба деҳе расид. Деҳе, ки сақфҳои биноҳояш фурӯ рехта буд. Гуфт: «Аз куҷо Аллоҳ ин мурдагонро зинда кунад?» Худо ӯро ба муддати сад сол**

миронд. Он гоҳ зиндааш кард. Ва гуфт: «Чӣ муддат дар ин ҷо будӣ?» Гуфт: «Як рӯз ё қисмате аз рӯз». Гуфт: «На, сад сол аст, ки дар ин ҷо будаӣ. Ба таъому обат бингар, ки тағйир накардааст ва ба харат бингар, мехоҳем туро барои мардумон ибрате гардонем, бингар, ки устухонҳоро чӣ гуна ба ҳам мепайвандем ва гӯшт бар он мепӯшонем». Чун қудрати Аллоҳ бар ӯ ошкор шуд, гуфт: «Медонам, ки Аллоҳ ба ҳар коре тавоност!» (Сураи Бақара 259)

Ҳамин тавр ин шахс, ки аз назди деҳаи вайроншудае мегузашт ҳатто тасаввур карда наметавонист, ки Аллоҳи Мутаъол ин деҳаро метавонад дубора зинда созад, дар ин ҳолат Аллоҳ Таъоло ӯро ба муддати сад сол миронид ва сипас зиндааш кард.

•

Панҷум: Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Иброҳим гуфт: «Эй Парвардигори ман, ба ман бинамой, ки мурдагонро чӣ гуна зинда месозӣ». Гуфт: «Оё ҳанӯз имон наёвардӣ?» Гуфт: «Бале, валекин мехоҳам, ки дилам ором ёбад». Гуфт: «Чаҳор парранда бигиру гӯшти онҳоро ба ҳам биёмез ва ҳар ҷузъе аз онҳоро бар кӯҳҳо бинеҳ. Пас онҳоро фарёд кун. Шитобон назди ту меоянд ва бидон, ки Худо пирӯзманд ва ҳаким аст».** (Сураи Бақара 260)

Дар ин оят баён мешвад, ки ҳазрати Иброҳим ﷺ аз Парвардигораш талаб кард, то барояш нишон диҳад, ки чигуна мурдаро зинда месозад, пас Аллоҳ Таъоло ба ӯ амр намуд то чаҳор парандаро кушта пора-пора кунад ва ҷузъҳои порашудаи онҳоро дар кӯҳҳои атроф гузорад ва онҳоро садо занад, то ба наздаш парвоз карда биёянд.

•

Шашум: Дар бораи касонест, ки солҳои дароз дар ғор монда буданд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва онон дар ғори худ сесад сол оромиданд ва нӯҳ сол ба он афзудаанд**. (Сураи Каҳф 25)

Инчунин Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **Ҳамчунин бедорашон кардем, то бо якдигар гуфтугӯ кунанд**. (Сураи Каҳф 19)

Инчунин мефармояд:

— **«Ба ин сон мардумро ба ҳолашон огоҳ кардем, то бидонанд, ки ваъдаи Аллоҳ рост аст ва ҳаройна, дар (вуқӯъи) қиёмат шубҳае нест».** (Сураи Каҳф 21)

•

Далелҳои қатъие, ки далолат ба имкони зинда шудани баъд аз марг менамоянд, гуногун ҳастанд.

Далели якум: Он зоте, ки аз нестӣ тавонист махлуқотро ба вуҷуд орад, пас метавонад дубора онҳоро зинда созад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Дар ҳоле офариниши худро аз ёд бурдааст, барои мо мисол меорад, ки чӣ касе ин устухонҳои пӯсидаро зинда мекунад? Бигӯ: «Касе онҳоро зинда мекунад, ки дар оғоз офаридааст ва ӯ ба ҳар офаринише доност».** (Сураи Ёсин 79–80)

•

Далели дуюм: Исботи илмӣ бар имкони пайдо шудани чизе аз чизи дигаре, ки дар муқобили он қарор дорад, ба таври мисол имкони пайдо шудани оташ аз дарахте, ки сабз ва обдор аст. Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Он Худое, ки аз дарахти сабз бароятон оташ падид оварда ва шумо аз он оташ меафрӯзед?** (Сураи Ёсин 80)

•

Далели сеюм: Он зоте, ки тавони офаридани чизҳои бузургро дорад ҳатман тавони офариниши чизҳои хурдро низ дорад. Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Оё касе, ки осмонҳову заминро офаридааст, наметавонад ҳамонандашонро биёфаринад? Оре, метавонад, ки Ӯ офаринандае доност!** (Сураи Ёсин 81)

•

Далели чаҳорум: Далели дигари имкони дубора зинда гаштан ин мисоли зинда шудани замин баъд аз маргаш мебошад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва аз оёти қудрати ӯ он, ки ту заминро хушк мебинӣ. Чун об бар он бифиристем, ба ҷунбиш ояд ва гиёҳ бирӯёнад. Он зоте, ки онро зинда мекунад, албатта, зиндакунандаи мурдагон аст ва ҳаройна, ӯ бар ҳар чизе тавоност!** (Сураи Фуссилат 39)

•

Далели панҷум: Чизи дигаре, ки далолат ба имкони зинда шудани баъд аз марг менамояд ин бедор шудан баъд аз хоб аст, зеро хоб худ бародари марг аст ва он ҳам монанди зинда шудани баъд аз марг мебошад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва Ӯст, ки шуморо шабҳангом мемиронад ва ҳар чӣ дар рӯз кардаед, медонад, он гоҳ бомдодон шуморо зинда месозад, то он ҳангом, ки муддати муайяни умратон ба поён расад. Сипас бозгаштатон ба назди ӯст ва шуморо аз он чӣ кардаед, огоҳ мекунад.** (Сураи Анъом 60)

•

Шашум: Далели дигар барои имкони зинда шудани баъд аз марг ҳикмати илоҳӣ мебошад, зеро Аллоҳи Мутаъол ҳаким ва одил аст ва барои барқарор гаштани ин адолат ва ҳаққи ҳар касеро ба соҳибаш баргардондан зинда шудани баъд аз марг ҳатмӣ аст.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Оё пиндоштед, ки шуморо беҳуда офаридаем ва шумо ба назди Мо бозгардонида намешавед**? (Сураи Муъминун 115)

Вақти барпо гаштани қиёмат

Илми замони барпо гаштани қиёмат танҳо назди Аллоҳ аст ва мо танҳо ҳамин қадар медонем, ки ногаҳон ба вуқуъ мепайвандад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Дар бораи қиёмат аз ту мепурсанд (гуё ту аз он бисёр пурсидаи ва вуқуъи онро медонӣ), ки чӣ вақт фаро мерасад? Бигӯ: «Илми он назди Парвардигори ман аст. Танҳо ӯст, ки чун замонаш фаро расад, ошкораш месозад. Фаро расидани он бар осмониёну заминиён пӯшида аст, ҷуз ба ногаҳон бар шумо наёяд». Чунон аз ту мепурсанд, ки гӯӣ ту аз он огоҳӣ? Бигӯ: «Илми он назди Аллоҳ аст, вале бештари мардум намедонанд**». (Сураи Аъроф 187)

Расулуллоҳ ﷺ мефармояд: «***Ман ба суи мардум бо қиёмат чунин наздик мабъус шудам» ва бо ду ангушташ ишора намуд.*** (ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Инчунин дар ривоятҳо омадааст, ки Расулуллоҳ ﷺ ҳангоми посух ба саволи кадом вақт барпо шудани қиёмат, ҳамеша мегуфтанд, ки ман аз вақти барпо шудани қиёмат бехабар ҳастам ва бештар насиҳат мекарданд, ки ба ҷои чунин саволҳо амалҳои дигаре анҷом диҳанд, яъне дар бораи омода шудан ба ин рӯз баиндешанд ва гоҳе дар бораи нишонаҳои хурди он рӯз сӯҳбат мекарданд ва ё дар бораи марг мегуфтанд.

Ба таври мисол вақте ҳазрати Ҷабраил ба Расулуллоҳ ﷺ гуфтанд: ***«Дар бораи рӯзи қиёмат ба ман бигӯ»***, — Расулуллоҳ ﷺ чунин посух доданд: ***«Пурсидашуда аз саволкунанда бештар намедонад»***. (ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Дар ҳадисе, ки онро Бухорӣ ва Муслим ривоят намудаанд омадааст: «Боре аъробие аз Расулуллоҳ ﷺ чунин савол кард: «Рӯзи қиёмат кай барпо мегардад?» Расулуллоҳ ﷺ чу-

нин посух доданд: «***Бидуни шак қиёмат наздик аст, вале ту барои он рӯз чӣ омода кардаӣ***?»

Ҳадиси дигаре дар саҳеҳайн аз ҳазрати Оиша ﵂ ривоят аст, ки фармуданд: «***Аъробиҳо назди Пайғамбари Аллоҳ бисёр меомаданд ва аз эшон мепурсиданд: “Қиёмат кадом вақт барпо мегардад?” Аммо Пайғамбари Худо ﷺ рӯй тарафи хурдтарини онҳо кард ва фармуд: “Дар ҳақиқат барои шумо қиёмат пеш аз ба пирӣ расидани ин ҷавон мерасад”***». Мақсади Расулуллоҳ ﷺ инҷо соати маргашон буд.

Дар Қуръону ҳадис далелҳои зиёди нишонаҳои барпо шудани қиёмат вуҷуд дорад. Ба таври мисол Аллоҳи Мутаъол нишонаҳои бузурги қиёмат монанди дуд, омадани ҳазрати Исо ﵇, берун шудани Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ, баромадани офтоб аз мағриб ва зоҳир гаштани ҳайвонеро зикр кардаанд.

Аммо Расулуллоҳ ﷺ дар бораи баъзе тафсилоти ин нишонаҳо ишора кардаанд, ки дар он ҷумла пайдо шудани Даҷҷол, се маротиб гирифтани моҳ дар Машриқ ва дар Мағриб ва дар ҷазираи Араб ва инчунин оташ, ки аз Яман берун мешавад ва мардумро ба суи маҳшаргоҳашон меронад, дохил мешаванд. Ғайр аз ин Расулуллоҳ ﷺ хабар намуданд, ки қиёмат барпо намешавад то он даме, ки ин нишонаҳо зоҳир нагарданд: ҷангидани ду лашкари бузург, ки як ҳадаф доранд; зоҳир гаштани сӣ шахси дурӯғгуе, ки ҳар яки онҳо даъвои пайғамбарӣ мекунанд; бардошта шудани илм аз дунё, ба вуқуъ пайвастани заминларзаҳо; кӯтоҳ (бебаракат) шудани вақт, зиёд гаштани фитнаҳо; зиёд гаштани қатлу куштор; берун шудани оташе аз Ҳиҷоз, ки рушноияш гарданҳои шутурҳоро равшан месозад.

Инҳо ва дигар нишонаҳое, ки ба ду қисмат, яъне бузургу хурд ҷудо мешаванд. Нишонаҳои хурд дар навбати худ бу ду қисмат ҷудо мегарданд, нишонаҳое, ки алакай зоҳир гашта, идома доранд ва он нишонаҳое, ки ҳанӯз зоҳир нага-

штаанд. Аммо нишонаҳои бузурги қиёмат ҳанӯз зоҳир нагашатанд ва чун яке аз онҳо зоҳир гардад дигаронашон аз пайи ҳамдигар меоянд.

Марг ва ончи дар қабр мегузарад

Имон ба рӯзи қиёмат тақозо менамояд, ки ба тамоми ончӣ, ки ба он рӯз вобастагӣ дорад ва Қуръону Суннат ба он ишора менамоянд, махсусан ба тамоми умури вобаста ба марг имон оварда шавад.

Имон ба ончӣ, ки вобаста ба марг мебошад шомили умури зерин мегардад:

1. Имон доштан ба инки маргро дар ин дунё тамоми зиндаҳо мечашанд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ҳар касе чашандаи таъми марг аст. Ва ба сӯи Мо бозгардонида шавед.** (Сураи Анкабут 57)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ҳар чизе нобуд шуданӣ ҳаст, ғайри ваҷҳи Ӯ. Фармон, фармони ӯст ва ҳама ба сӯйи ӯ бозгардонида шавед.** (Сураи Қасас 88)

2. Имон доштан, ки мӯҳлату аҷали ҳама муайян шудааст ва онро кам ва ё зиёд кардан номумкин аст. Замони фарорасии марг танҳо ба Аллоҳ маълум аст, ки замон ва сабаби маргро муайян намудааст.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ҳеҷ кас ҷуз ба фармони Аллоҳ намемирад. Муддат навишта шудааст.** (Сураи Олим Умрон 145)

Инчуни Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Ҳар умматеро муддати умрест. Чун аҷалашон бирасад, як соат пешу пас нашаванд.** (Сураи Аъроф 34)

3. Имон ба инки вақти фарорасии маргро ҷуз Аллоҳ ҳеҷ каси дигаре намедонад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **…Ва ҳеҷ кас намедонад, ки фардо чӣ чиз ба даст хоҳад овард ва касе намедонад, ки дар кадом замин хоҳад мурд. ҳаройна, Аллоҳ донову огоҳ аст!** (Сураи Луқмон 34)

4. Имон ба ончӣ, ки қабл аз марг ба вуқуъ мепайвандад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **…то чун яке аз шуморо марг фаро расад, фиристодагони Мо бе ҳеҷ кӯтоҳиву гузаште ҷони ӯ бигиранд.** (Сураи Анъом 61)

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Пас, чаро он гоҳ ки ҷон ба гулӯ рассад ва шумо дар ин ҳангом менигаред? Мо аз шумо ба ӯ наздиктарем, вале шумо намебинед.** (Сураи Воқеъа 83–85)

Инҷо сухан дар бораи он меравад, ки чун рӯҳи инсони дар ҳолати марг ба гулӯяш мерасад ранҷу дардаш душвортар мегардад. Дар ин ҳолат онҳое, ки ҳузур доранд ба ӯ менигаранд ва аммо Аллоҳ Таъоло бошад назар ба мардум аз ҳоли чунин шахс бештар бохабар аст ва малоикаҳои Ӯ ба ӯ наздиктаранд, вале инсонҳо инро намебинанд.

Вақте инсони гунаҳкор ва золим мемирад аз тамоми амалҳои бадаш пушаймонӣ мекунад ва мехоҳад дубора ба ин дунё баргардад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Чун якеашонро марг фаро расад, гӯяд: «Эй Парвардигори ман, маро бозгардон. Шояд корҳои шоистаеро, ки тарк карда будам, ба ҷой оварам». Ҳаргиз! Ин су-**

ханест, ки ӯ мегӯяд ва пушти сарашон то рӯзи қиёмат монеъаест, ки бозгашта натавонанд. (Сураи Муъминун 99–100)

Аммо дар бораи баромадани рӯҳи кофир аз баданаш Аллоҳи Мутаъол чунин мефармояд:

— **Кист ситамкортар аз он кас, ки ба Аллоҳ дурӯғ баст ё гуфт, ки ба ман ваҳй шуда ва ҳол он ки ба ӯ ҳеҷ чиз ваҳй нашуда буд ва он кас, ки гуфт: «Ман низ монанди оёте, ки Аллоҳ нозил кардаст, нозил хоҳам кард?» Агар бубинӣ, он гоҳ, ки ин ситамкорон дар сакароти марг гирифторанд ва малоикаҳо бар онҳо даст кушудаанд, ки ҷони хеш берун кунед, имрӯз шуморо ба азобе хоркунанда азоб мекунанд ва ин ба ҷазои он аст, ки дар бораи Аллоҳ ба ноҳақ сухан мегуфтед ва аз оёти ӯ сарпечӣ мекардед.** (Сураи Анъом 93)

Яъне малоикаҳо дастонашонро ба сӯи гунаҳкор дароз намуда, ӯро мезананд ва азобаш медиҳанд.

Дар Муснади имом Аҳмад ва дигар китобҳои ҳадис аз Барро ибни Озиб ﷺ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Замоне, ки бандаи муъмин дар ҳолати марг ва тарки ин дунё ва риҳлат ба дунёи дигар мебошад ба назди ӯ малоикаҳое аз осмон нозил мегарданд, ки чеҳраҳояшон монанди офтоб медурахшанд. Ҳамроҳашон аз биҳишт кафан ва хушбӯӣ меоранд, то инки дар дурии масофаи чашмрас менишинанд ва малоикаи марг назди сараш менишинад ва мегуяд: “Эй рӯҳи пок берун шав ба суи мағфират ва ризои Аллоҳ”. Рӯҳ монанди чакидани қатраи об аз даҳони зарфи обнӯшӣ оғоз ба берун шудан мекунад ва малоикаи марг онро қабул намуда, дигар малоикаҳо бошанд ин рӯҳро дар дасти ӯ барои як лаҳза ҳам боқӣ намегузоранд ва зуд онро гирифта дар он кафан мепечонанд ва бо хушбӯии аз биҳишт овардашуда хушбӯяш мекунанд ва баъд аз муддате аз он рӯҳ бӯи***

хуше берун мешавад, ки монанди хушбӯтарин бӯи мушк аст ва ин рӯҳро ҳамроҳашон ба боло мебаранд».

Дар давоми ҳадис Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Бандаи кофир чун дар ҳолати тарки дунё ва рафтан ба суи охират қарор гирад ба суяш малоикаҳои сиёҳрӯй нозил мешаванд, ки ҳамроҳи худ либоси пашмини дурушт доранд ва дар масофаи чашмрас қарор мегиранд ва малоикаи марг назди сараш менишинад ва мегуяд "Эй рӯҳи хабис ва нопок берун шав ба суи ғазаб ва хашми Аллоҳ". Фармуд: "Пас дар баданаш тақсим мешавад ва онро монанди оҳани шохадор, ки аз матоъи пашмии тар кашида мешавад, берунаш мекунад ва чун ин руҳро берун кунад дар дасти малакулмавт як лаҳза ҳам намегузорандаш, то инки онро дар он матоъи дурушт мепечонанд ва аз он бӯи баде, ки бадтар аз он дар дунё набошад, хориҷ мегардад ва онро бо худ мебаранд…***».

Санҷиши Қабр

Чун мурдаро дар қабр мегузоранд, имтиҳон ва санҷиши қабр оғоз мегардад ва ду малоикае наздаш меоянд ва ӯро мепурсанд: «Кист Парвардигори ту? Дини ту чист? Кист он шахсе, ки ба суи шумо равон шуда буд?» Мусулмон ҷавоб хоҳад дод: «Парвардигори ман Аллоҳ, дини ман Ислом ва дар ҷавоби саволи сеюм мегуяд: Ӯ банда ва фиристодаи Аллоҳ мебошад.» Аммо кофир ба тамоми саволҳо чунин посух медиҳад: «Оҳ, оҳ, оҳ, намедонам!» — аммо мунофиқ ва инсони дар имонаш шубҳадошта мегуяд: «Намедонам, танҳо ҳамин қадар медонам, ки мардум чизҳоеро такрор мекарданд ва ман ҳам ҳамон чизҳоро такрор мекардам».

Неъмат ва азоби қабр

Баъд аз имтиҳоне, ки мурда дар қабраш ба он рӯ ба рӯ мешавад, то рӯзи қиёмат дар он боқӣ мемонад ва дар ин қабр ё дар неъмату роҳат қарор мегирад ва ё дар азоб ва ин неъмат ва ё азоб ба ҷисму рӯҳаш мерасад ва ё танҳо ба рӯҳаш.

Дар бораи имтиҳоне, ки ҳар як инсон дар қабраш ба он рӯ ба рӯ мегардад, дар бораи ду малоикае, ки омада аз вай савол мекунанд ва дар бораи неъмату азоби қабр далелҳои зиёде аз оятҳо ва аҳодис вуҷуд доранд ва ба ҳамин хотир бояд ба таври ом ва ҳолатҳои ҷудогонаи он имон дошта бошем, вале мо дар бораи инки чигуна ин ҳама ба вуқуъ мепайвандад сӯҳбат намекунем.

Далелҳои ин мавзӯъ:

Аллоҳи Мутаъол мефармояд: **«Аллоҳ мӯъминонро ба сабаби эътиқоди устуворашон дар дунёву охират пойдор медорад».** (Сураи Иброҳим 27)

Аллоҳи Мутаъол инчунин мефармояд:

— **Аллоҳ ӯро аз осеби макре, ки барояш андешида буданд, нигоҳ дошт ва он азоби ногувор хонадони Фиръавнро дар миён гирифт. Оташ, ҳар субҳу шом онҳо бар он арза шаванд ва рӯзе, ки қиёмат барпо шавад (фариштагонро нидо дода шавад, ки), хонадони Фиръавнро ба сахттарин азобҳо дароваред!** (Сураи Ғофир 45–46)

Дар саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз Барро ибни Озиб ﷺ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Баъд аз онки мусулмонро дар қабраш мешинонанд наздаш меоянд ва ӯ гувоҳӣ медиҳад, ки нест маъбуди барҳаққе, ки лоиқи ибодат бошад ба ғайр аз Аллоҳ ва инки Муҳаммад Пайғамбари Аллоҳ аст ва ба ҳамин чиз (устувор мондан бар имон) ишора мекунад ин фармудаи Аллоҳ:*** **«Аллоҳ мӯъминонро ба сабаби эътиқоди устуворашон дар дунёву охират пойдор медорад…»** (Сураи Иброҳим 27)

Дар ҳадисе, ки онро имом Аҳмад дар муснадаш аз Барро ибни Озиб ﷺ ривоят мекунад, ки оғози онро мо дар боло зикр кардем инчунин омадааст, ки малоикаҳо аввалан рӯҳи мурдаро ба боло мебаранд ва сипас онро дубора ба замин бармегардонанд.

Пайғамбари Аллоҳ ﷺ фармуданд: «***Рӯҳи ӯро дубора ба ҷисмаш бармегардонанд ва сипас ду малоика наздаш омада, ӯро мешинонанд ва мегуянд: “Парвардигори ту кист?” Посух медиҳад: “Парвардигори ман Аллоҳ аст”. Боз онҳо мепурсанд: “Дини ту чист?” Посух медиҳад: “Дини ман — ислом аст”. Боз онҳо мепурсанд: “Он шахсе, ки ба суи шумо ба пайғамбарӣ равон шуда буд, кист?” мегуяд: “Ӯ Пайғамбари Аллоҳ аст”. Дар ин ҳолат аз вай мепурсанд: “Инҳоро ту аз куҷо медонӣ?” Ӯ посух медиҳад: “Ман китоби Аллоҳро хондам ва ба он имон овардам”. Дар он ҳолат аз осмон садое меояд: “Бандаи ман рост гуфт, пас барояш ҷойгаҳе аз биҳишт фарш кунед ва даричаи биҳиштро ба рӯяш боз намоед”, пас аз он хушҳолӣ ӯро фаро гирифта, таровати неъматҳои биҳиштро эҳсос мекунад ва қабраш ба масофаи чашмрас фарох мегардад»***.

Аммо дар бораи кофир Пайғамбари Аллоҳ ﷺ чунин мефармояд: «***Рӯҳаш ба баданаш баргардонида мешавад, пас ду малоикае наздаш меоянд ва ӯро шинонда аз вай мепурсанд: “Парвардигори ту кист?” Посух медиҳад: “Оҳ, оҳ, оҳ, намедонам”. Дар он ҳолат аз осмон садое меояд: “Дурӯғ гуфт, пас барояш бистаре аз оташ фарш кунед ва бар рӯяш даричае аз дузах боз намоед”, сипас ӯро гармии оташ фаро мегирад ва қабраш бисёр танг гашта, қабурғаҳояш ба ҳам омехта мешаванд»***.

Дар «Саҳеҳайн» аз Анас ибни Молик ﷺ ривоят шудааст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Вақте мурдаро дар гур мегузоранд ва мардум аз онҷо мераванд ӯ садои кафш-***

ҳояшонро мешунавад ва дар ҳамин ҳолат ду малоика наздаш меоянд ӯро мешинонанд ва аз вай савол мекунанд: "Ту дар бораи ин одам чӣ мегӯи?" Мусулмон посух медиҳад: "Гувоҳӣ медиҳам, ки ӯ банда ва пайғамбари Аллоҳ аст", баъд аз он барояш гуфта мешавад: "Назар кун ба ҷойгоҳат дар ҷаҳаннам, ки Аллоҳи Мутаъол онро бо ҷойгоҳе дар биҳишт иваз намуд", ва ӯ ҳардуро мебинад. Аммо чун мунофиқро мепурсанд: "Ту дар бораи ин одам чӣ мегуӣ?" посух медиҳад: "Намедонам, ман ҳам ончи дигарон мегуфтанд, мегуфтам". Онгоҳ мегуянд: "Ту намедонистӣ ва нахондӣ" ӯро бо гурзҳои оҳанин мезананд, ки ғайр аз инсонҳо ва ҷинҳо тамоми чизҳое, ки дар гирду атроф ҳастанд мешунаванд».

Дар саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз ҳазрати Абдулло ибни Аббос ﷺ ривоят аст, ки боре Расулуллоҳ ﷺ аз назди қабре мегузашт, фармуд: «***Дар ҳақиқат соҳибони ин ду дар азоб ҳастанд, вале азобашон ба сабаби гуноҳи бузург нест***». Сипас фармуданд: «***Яке хабаркашӣ мекард ва дигаре худро аз пешобаш пок намесохт***». Баъд аз он Расулуллоҳ ﷺ ду шохчаи таре аз хурморо гирифта ба ду ҳисса шикаст ва онро рӯи қабрҳои онҳо гузошт ва фармуд: ***«шояд то хушк шудани онҳо азобашон сабук карда шавад***». Ривоят шудааст, ки Расулуллоҳ ﷺ худашон аз азоби қабр паноҳ мебурданд ва дигаронро низ ба ҳамин чиз тавсия медоданд ва ба ин умур аҳодиси зиёде далолат мекунанд.

Азоби қабр ду намуд мешавад:

1. Азобе, ки мардум ҳамеша ба он мубтало мебошанд, чуноне дар ин бора Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— …**Ҳар субҳу шом онҳо бар оташ арза шаванд.** (Сураи Ғофир 46)

2. Азобе, ки муддате идома меёбад ва баъдан қатъ мегардад. Чунин азоб барои баъзе мусулмонони гунаҳкор дода мешавад ва сахтию осонии азоб вобаста ба гуноҳони онҳо

мебошад. Баъдан азоби онҳо ба сабаби садақа, дуо ва дигар амалҳои неке, ки барояшон анҷом мепазирад сабук мегардад.

Баъзе гумроҳон азобу неъмати қабрро барои мурдагон инкор варзидаанд. Онҳо дар ин бора ба он хотир шубҳа намудаанд, ки азоби қабрро бо ҳавосашон дарк карда наметавонанд, зеро ҳеҷгоҳ надидаанд, ки мурдаро аз чизе пурсанд ва ё неъмат дода шаванд ва ё мавриди азоб қарор гирифта бошанд.

Ба ин масаъала ба шакли зерин метавон посух дод:

1. Дар тамоми ин масоил сарчашмаи мо Қуръону суннат аст, пас ҳар як мусулмонро лозим аст ба тамоми он имон дошта бошад ва бо роҳнамоии Расулуллоҳ ﷺ мусулмон бо ин сифатҳо аз дигарон фарқ мекунад ва ба ғайб имон дошта, аз ҳақ пайравӣ менамояд.

2. Ҷаҳони охират аҳкоми хоси худро дорад ва дуруст нест онро дар асоси ҳолатҳои дунявӣ, ки мо ба он одат кардаем мавриди баррасӣ қарор диҳем. Ба хотири инки мо наметавонем онҷиро бо шахси вафотёфта мегузарад дарк намоем. Танҳо ҳамин қадар гуфта метавонем, ки Аллоҳи Мутаъол чунин қарор додааст, ки инсонҳо натавонанд онҷиро дар қабр мегузарад бубинанд ва ё бишунаванд, зеро таҳаммули онро надоранд ва ҳамин сабаб мешуд, ки мурдаҳояшонро гур намекарданд ва ҳикмати дигараш ин аст, ки Аллоҳи Мутаъол инсонҳоеро, ки ба ғайб имон меоранд бишносад.

3. Инсон наметавонад тамоми чизҳоро бифаҳмад. Ба таври мисол вақте ҳазрати Ҷабраил ﷺ назди Расулуллоҳ ﷺ меомад ва бо эшон сӯҳбат мекард, атрофиёнаш наметавонистанд ӯро бубинанд. Инчунин тамоми махлуқот Аллоҳро зикр мекунанд, вале мо наметавонем дарк намоем, ки чигуна ин корро анҷом медиҳанд.

4. Аллоҳи Мутаъол дар ин дунё барои мо имконияти дидани умуре ба ин монандро додааст. Ба таври мисол инсон

дар хобаш руъёҳои хуб ва бадеро дида, худро дар ҷойҳои мухталифе мебинад дарҳоле, ки дар ҷои хобаш аст ва инчунин атрофиёнаш аз хобҳояш бохабар намешаванд.

Чунин чизеро метавон дар бораи пешравиҳои муосир гуфт. Ба таври мисол мо наметавонем ҳис намоем, ки дар дохили сими барқ чи мегузарад, магар инки мо ба сими барқе, ки пушиш надорад даст расонем. Инчунин тамос барқарор кардан бо василаи оҳанӣ аз чубӣ бо чунин сими барқ фарқ менамояд.

Манзараҳои баъд аз марг

Берун шудан аз қабр

Баъд аз онки ҳазрати Исрофил дар сур медамад ҳама дубора зинда шуда бармехезанд. Дар Қуръони карим ишора шудааст, ки ҳазрати Исрофил се маротиба дар сур медамад.

1. Баъд аз дамидани бори аввал дар сур тарс ҳамаро фаро мегирад ва низоми дунё аз ҳам мепошад ва онро бенизомӣ фаро мегирад.

Аллоҳи мутаъол мефармояд:

— **Рӯзе, ки дар сур дамида шавад ва ҳамаи касоне, ки дар осмонҳову замин ҳастанд, магар он ки Аллоҳ бихоҳад, битарсанд ва ҳама хору залил ба сӯи ӯ равон шаванд.** (Сураи Намл 87)

2. Баъд аз бори дуюм дамидан дар сур тамоми зиндаҳо мемиранд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва дар сур дамида шавад. Пас, ҳар кӣ дар осмонҳо ва ҳар кӣ дар замин аст, ҷуз онҳо, ки Ӯ бихоҳад, беҳуш мешаванд.** (Сураи Зумар 68)

3. Баъд аз бори сеюм дамидани дар сур ҳама дубора зинда шуда, аз қабрҳо берун мешаванд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва бори дигар дар он дамида шавад, ногаҳон аз ҷой бармехезанд ва менигаранд.** (Сураи Зумар 68)

Ҳашр

Дар саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим дар бораи чигунагии маҳшур шудани мардум дар рӯзи қиёмат аз ҳазрати Оиша ﵂ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Мардум рӯзи қиёмат бараҳна, пойбараҳна ва хатнаношуда маҳшур мешаванд***».

Дар саҳеҳи Муслим аз Миқдод ибни Асвад ﵁ ривоят аст, ки фармуданд: Шунидам Расулуллоҳ ﷺ-ро, ки гуфтанд: ***«Рӯзи қиёмат офтоб ба мардум ба масофаи як мил наздик мешавад, ки ҳар кас дар арақи худ ба андозаи гуноҳонаш ғарқ мешавад***».

Дар ин ҳолат Расулуллоҳ ﷺ барои мардум шафоъат мекунад, баъд аз онки ҳазрати Одам, Нуҳ, Мусо ва Исо ﵈ аз он даст мекашанд ва ин шафоъати бузург ва ҷойгоҳи сутуда шуда мебшад.

Қиём ва ҳисоб

Қиём, яъне тамоми мардум дар пешгоҳи Аллоҳи Мутаъол меистанд.

Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **Ҳама дар як саф ба Парвардигорат арза мешаванд. Акнун назди Мо омадед, ҳамчунон ки нахустин бор шуморо биёфаридем.** (Сураи Каҳф 48)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Он рӯз шуморо пеш ованд ва ҳеҷ чизи шумо ниҳон намонад.** (Сураи Ал-ҳоққа 18)

Ҳисоб

Аллоҳи Мутаъол мардумро аз тамоми амалҳои хуб ва бадашон бохабар менамояд ва барояшон ончиро фаромӯш кардаанд ёдовар мешавад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Рӯзе, ки Аллоҳ ҳамагонро зинда мекунад, ононро аз коре, ки кардаанд, огоҳ месозад. Аллоҳ аъмоли онҳоро ҳисоб кардааст, ҳарчанд худ аз ёд бурдаанд ва Аллоҳ шоҳиду нозир бар ҳар чизест!** (Сураи Муҷодала 6)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Албатта, бозгашташон ба сӯи Мост. Сипас, албатта, ҳисобашон бо Мост.** (Сураи Ғошия 25–26)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Мапиндор, ки Аллоҳ ваъдаеро, ки ба паёмбаронаш додааст, хилоф мекунад. Аллоҳ пирӯзманд ва интиқомгиранда аст. Он рӯз, ки замин ба замине ғайри ин замин бадал шавад ва осмонҳо ба осмоне дигар ва ҳама дар пешгоҳи Аллоҳи воҳиди қаҳҳор ҳозир оянд! Гунаҳкоронро дар он рӯз бо занҷирҳо, дасту по ба гардан, баста бубинӣ. Ҷомаҳошон аз қатрон аст ва оташ суратҳошонро фурӯ пӯшидааст.То Аллоҳ ҳар касро баробари амалаш ҷазо диҳад, ҳаройна Аллоҳ сареъулҳисоб аст! Ин паёмест барои мардум то ба он бимнок шаванд ва бидонанд, ки ӯст Аллоҳи якто ва то хирадмандон панд гиранд!** (Сураи Иброҳим 47–51)

Бо ҳамин номаҳои аъмол пӯшида шуда, ҳама бо шумули Пайғамбарону умматонашон пурсида мешаванд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Албатта, аз мардуме, ки барояшон паёмбароне фиристода шуда ва низ аз паёмбароне, ки фиристода шудаанд, суол хоҳем кард**. (Сураи Аъроф 6)

Ҳисобу китоб ва пурсиши мардум гуногун хоҳад буд. Мусулмононро дар бораи гуноҳонашон пурсида мешавад ва онҳо ба гуноҳонашон иқрор хоҳанд кард ва ин гуноҳон пӯшида мемонанд.

Дар саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз ҳазрати Оиша ﵂ ривоят аст, ки боре Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Ҳаркиро ҳисобаш сахт гирифта шавад, азоб мешавад» Ман гуфтам: Оё Худованд нагуфтааст:* «Пас, ба зудӣ осон аз ӯ ҳисоб гиранд»** (Сураи Иншиқоқ 8) ***Фармуданд: «Ин арз (изҳор ва ошкор кардани амалҳо ва ё ҳисоби сабук) аст***».

Дар саҳеҳайн аз ҳазрати Абдулло ибни Умар ﵄ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Рӯзи қиёмат мусулмон ба Парвардигораш ончунон наздик карда мешавад, ки зери сатраш қарор мегирад ва ба гуноҳонаш иқрор мекунад ва мегуяд: ин гуноҳонатро мешиносӣ? Мегуяд: Бале, эй Парвардигорам. Мегуяд: Инҳоро бароят дар дунё пинҳон кардам ва имрӯз онро бароят мебахшам ва номаи ҳасаноташ ба ӯ дода мешавад. Аммо кофирону мунофиқонро дар байни ҳамаи махлуқот фарёд карда мешавад: Инҳо касоне ҳастанд, ки ба Парвардигорашон дурӯғ гӯфтанд***».

Дар байни мусулмонон касоне ҳастанд, ки бидуни ҳисобу китоб вориди биҳишт мешаванд. Чуноне Бухорӣ ва Муслим аз Абдулло ибни Аббос ﵄ ривоят намудаанд, ки ҳафтод ҳазор мусулмон бидуни ҳисоб вориди биҳишт мешаванд.

Аммо кофирон монанди онҳое, ки некиҳо ва бадиҳояшон ҳисоб карда мешаванд муҳосаба намешаванд, зеро онҳо некӣ надоранд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва ба аъмоле, ки кардаанд, пардозем ва ҳамаро чун зарраҳои хок (ғубор) барбод диҳем.** (Сураи Фурқон 23)

Муҳосабаи кофирон чунин сурат мегирад, ки гуноҳонашонро барояшон нишон дода мешавад ва онҳо барои ин гуноҳонашон сарзаниш мешаванд.

Тарозу

Рӯзи қиёмат тарозу гузошта мешавад, то амалҳои бандагон вазн шаванд. Ҳисоб барои иқрор ба гуноҳон ва тарозу бошад барои муайян кардани миқдори амалҳо ва муҷозоти ҳар шахс мувофиқи амалҳояш гузошта мешавад.

Барои исботи тарозу дар Қуръон Суннат далелҳои зиёде вуҷуд дорад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Барои рӯзи қиёмат тарозуҳои адлро омода мекунем ва ба ҳеҷ кас чизе (камтарин) ситам намешавад, агар чи амале ба вазни як хардал ҳам бошад, ба ҳисобаш меоварем, ки мо ҳисобро басандаем!** (Сураи Анбиё 47)

— **Пас, ҳар киро гарон ояд (вазнин бошад) паллаҳои амалҳои некаш Пас, он шахс дар ҳаёти хушу босаъодат аст.** (Сураи Қориъа 6–7)

Дар Саҳеҳи Бухорӣ аз ҳазрати Абуҳурайра ﷺ ривоят аст, ки Расулулоҳ ﷺ фармуданд: «***Ду калимаест, ки гуфтанашон бар забон осон, назди Аллоҳ маҳбуб ва дар тарозу вазнин мебошанд ва ин ду калима: Пок аст Аллоҳ ва ҳамду сано Ӯрост. (Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи субҳоналлоҳилъазим) мебошанд***».

Номаи Аъмол

Баъд аз ба поён расидани ҳисоб ва вазн шудани амалҳо барои ҳар як инсон номаи аъмолаш дода мешавад ва дар он ҷумла касоне хоҳанд буд, ки номаҳои аъмолашонро ба дасти рост ва касоне ҳастанд, ки номаҳои амалҳояшон аз пушт ба дасти чапашон дода мешавад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Аммо ҳар кас, ки номаи аъмолашро ба дасти росташ диҳанд, мегӯяд: «Номаи маро бигиреду бихонед. Ман яқин доштам, ки ҳисоби худро хоҳам дид». Пас, ӯ дар як зиндагии писандидаву хуш хоҳад буд дар биҳиште олӣ, ки меваҳояш дастрас бошад. Бихӯреду биёшомед, гуворо бод шуморо. Инҳо мукофоти аъмолест, ки дар айёми гузашта ба ҷой меоваред!» Аммо он кас, ки номаи аъмолашро ба дасти чапаш диҳанд, мегӯяд: «Эй кош, номаи маро ба дасти ман надода буданд ва надониста будам, ки ҳисоби ман чист! Эй кош, ҳамон марг мебуду бас! Дороии ман маро суд набахшид, қудрати ман аз дасти ман баргирифт!»** (Сураи Ҳоққа 19–29)

Пӯли сирот

Пӯли сирот, пӯле мебошад, ки дар болои ҷаҳаннам гузошта шудааст, ки аз болои он тамоми бандагон аз он мегузаранд. Ҳар кӣ аз болои он гузарад аз оташи ҷаҳаннам наҷот меёбад ва ин гузаштан аз рӯи пӯли сирот баъд аз ҳисоб ба вуқуъ мепайвандад. Муъминон аз рӯи пӯл гузашта аз оташ наҷот меёбанд ва аммо касоне, ки тақдирашон ҷаҳаннам бошад дар он меафтанд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва ҳеҷ як аз шумо нест, ки вориди ҷаҳаннам нашавад ва ин ҳукмест ҳатмӣ аз ҷониби Парвардигори ту. Он гоҳ парҳезгоронро наҷот медиҳем ва ситамкоронро ҳамчунон ба зону нишаста дар он ҷо вомегузорем**. (Сураи Марям 71–72)

Имом Бухорӣ ва Муслим аз ҳазрати Абуҳурайра ﷺ ривоят менамоянд, ки боре мардум аз Расулуллоҳ ﷺ пурсиданд: «***Оё мо дар рӯзи қиёмат Парвардигорамонро мебинем?»*** ва дар ин ҳадис аз ҷумла Расулуллоҳ ﷺ фармуданд***: «Дар болои ҷаҳаннам пӯле гузошта мешавад, ки аввалин шуда ман ва умматонам аз болои он мегузарем. Дар он рӯз ба ғайр аз пайғамбарон ҳеҷ кас сухане намегуяд ва пайғамбарон чунин дуо мекунанд: Илоҳо аз Ту наҷот мехоҳем, Илоҳо аз Ту наҷот мехоҳем» ва дар ҷаҳаннам чангакҳое ҳастанд монанди хори саъдон***».

Дар саҳеҳи Муслим аз ҳазрати Абусаъиди Худрӣ ﷺ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Сипас дар болои ҷаҳаннам пӯле гузошта мешавад ва барои шафоъат иҷозат дода мешавад ва мегуянд: Ё Аллоҳ наҷотамон деҳ, Ё Аллоҳ наҷотамон деҳ». Мардум пурсиданд, ки пӯл чист эй Расулуллоҳ ﷺ? Фармуданд: «Пӯли лағзонакест, ки дар он чангакҳо ва хорҳое монанди хори растание, ки дар Наҷд меруяд, ки онро саъдон меноманд мавҷуд аст. Мусулмоне бо як мижжа задан, мусулмоне монанди барқ, мусулмоне монанди бод, мусулмоне монанди паранда, мусулмоне монанди аспи тездав мегузарад ва мусулмоне наҷот меёбад ва онкиро ин чангакҳо дарк намоянд, дар оташи ҷаҳаннам меафтад…***».

Пӯл (Қантара)

Баъд аз онки муъминон аз пӯли сирот гузашта, аз оташи ҷаҳаннам наҷот меёбанд дар баробари пӯли дигаре (қантара) қарор мегиранд, ки байни ҷаҳаннам ва дузах гузошта шудааст. Дар ин ҷо қабл аз дохил шудан ба биҳишт боз дошта мешаванд, то касоне, ки ҳамдигарро дар дунё озор додаанд ҳаққи худро бигиранд ва чун адолат барқарор мегардад вориди биҳишт мешаванд.

Ҳазрати Абусаъиди Худрӣ ﷺ ривоят менамояд, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Муъминон аз оташ наҷот ёфта, дар назди пӯле боздошта мешаванд, ки байни дузах ва биҳишт гузошта шудааст, то инки касонеро, ки дар дунё озор додаанд аз озордиҳандагонашон қисос гиранд ва чун ҳисобашон баробар шуд ва пок шуданд вориди биҳишт мегарданд. Қасам ба Зоте, ки ҷони Муҳаммад дар дасти Ӯст ҷои худро дар биҳишт хубтар аз ҷойҳои худ дар дунё пайдо менамоянд***». (ривояти Бухорӣ)

Дар бораи ин пӯл байни уламо ихтилоф аст, касоне мегуянд ин охири пули сирот аст, ки ба биҳишт мерасад ва касоне мегуянд, ки ин пӯли ҷудогона аст.

Ҳавз

Мақсад аз ин ҳавз, ҳавзи Расулулоҳ ﷺ мебошад. Аз Абдулло ибни Амр ибни Ос ﷺ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Дарозии ҳавзи ман масофаи якмоҳа роҳ буда, кунҷҳояш бо ҳам баробаранд ва обаш сафедтар аз шир, бӯяш хуштар аз мушк ва кӯзаҳояш бештар аз ситораҳои осмон мебошанд, ки ҳар касе аз он бинӯшад ҳаргиз ташна нахоҳад шуд***».

Дар бораи ҳавз аҳодиси зиёде дар «саҳеҳайн» ва дигар китобҳои ҳадис ривоят шудааст.

Биҳишт ва дузах

Биҳишту дузах ду манзиле ҳастанд, ки ҳар кадом аҳли худро доранд ва ондуро Аллоҳ Таъоло барои мукофоти амалҳои бандагонаш офаридааст. Биҳишт ҷойгоҳи неъматҳо ва каромати илоҳӣ барои бандагони некукор ва дӯстони парҳезгораш мебошад, ки ба Аллоҳ имон оварданд ва холисона итоъати Аллоҳ ва Пайғамбарашро намудаанд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ҳаройна, касоне, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста мекунанд, беҳтарини офаридагонанд. Подошашон дар назди Парвардигорашон биҳиштҳоест ҷовид, ки дар он наҳрҳо ҷорист. То абад дар он ҷоянд. Аллоҳ аз онҳо хушнуд аст ва онҳо аз Аллоҳ хушнуданд. Ва ин хоси касест, ки аз Парвардигораш битарсад.** (Сураи Байина 7–8)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Бар якдигар пешӣ гиред барои омурзиши Парвардигори хеш ва расидан ба он биҳишт, ки паҳнояш ба қадри ҳамаи осмонҳову замин аст ва барои парҳезгорон муҳайё шудааст.** (Сураи Оли Умрон 133)

Дар биҳишт неъматҳое барои муъминон вуҷуд дорад, ки на чашме дар дунё чунин неъматҳоро дидааст ва на гуше шунидааст ва на дар фикри касе гузаштааст.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва ҳеҷ кас аз он мукофоте аз хушиву хурсандӣ хабар надорад, ки ба подоши корҳое, ки мекарда, барояш пинҳон карда шудааст!** (Сураи Сачда 17)

Бузургтарин неъмате, ки дар биҳишт барояшон дода мешавад ин дидори Парвардигорашон мебошад, ки ошкор ва бо чашмонашон мебинанд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Дар он рӯз чеҳраҳое ҳаст зебову дурахшон, ки сӯи Парвардигорашон назар мекунанд.** (Сураи Қиёмат 22–23)

Дидори Парвардигор дар аҳодиси саҳеҳ низ собит шудааст.

Аммо ҷаҳаннам ҷои азобу ранҷ аст, ки онро Аллоҳ Таъоло барои душманонаш, аз ҷумлаи куффор ва онҳое, ки ба Аллоҳ имон наоварданд ва аз Расулонаш пайравӣ накардаанд омода намудааст.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва битарсед аз оташе, ки барои кофирон муҳайё шудааст.** (Сураи Оли Умрон 131)

Дар дузах гунаҳкорҳо бо ҷазо ва азобҳои гуногуне дучор мегарданд.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Мо барои кофирон оташе, ки он ҳамаро дар бар мегирад, омода кардаем ва чун ба истиғоса (додхоҳӣ) об хоҳанд, аз обе чун миси гудохта, ки аз ҳарорататаш чеҳраҳо кабоб мешавад, бихӯронандашон, чӣ оби баде ва чӣ оромгоҳе бад!** (Сураи Каҳф 29)

Дар бисёре аз оятҳои Қуръон ва аҳодис сифати биҳишту дузах баён шудааст ва ишора бар ин менамоянд, ки офарида шудаанд ва дар ҳоли ҳозир вуҷуд доранд. Инчунин дар бораи неъматҳои ҷовидонии биҳишт ва ё азоби дарноки дузах зикр гаштааст, ки барои касоне вориди биҳишт ва ё дузах мешаванд омода ҳастанд.

Биҳишт ва инчунин дузах барои ҳамеша боқӣ мемонанд ва ҳеҷгоҳ аз байн намераванд.

Чуноне Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— …**ва меваҳову сояаш ҳамешагист.** (Сураи Раъд 35)

Аллоҳи Мутаъол инчунин мефармояд:

— **Ҳаройна, ин ризқи Мост, ки поён наёфтанист.** (Сураи Сод 54)

Аллоҳи Мутаъол инчунин мефармояд:

— …**То абад дар он ҷоянд.** (Сураи Байина 8)

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Дар он ҷо таъми маргро намечашанд, ғайри ҳамон марги нахустин. Ва онҳоро Аллоҳ аз азоби ҷаҳаннам нигоҳ доштааст.** (Сураи Духон 56)

Инчунин Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— …**ва аз он ҷо берунашон наронанд.** (Сураи Ҳиҷр 48)

Дар бораи дузах Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Мехоҳанд, ки аз оташ берун оянд, дар ҳоле ки берун омада наметавонанд ва азобашон ҳамешагӣ аст.** (Сураи Моида 36)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— …**на ҳукм карда шавад бар онҳо, то бимиранд ва на азобашон кам карда шавад.** (Сураи Фотир 36)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— …**ки абадӣ дар он бошанд!** (Сураи Нисо 169)

Шафоъат

Пайғамбари мо ҳазрати Муҳаммад ﷺ аввалин касест, ки хоҳиши кушода шудани дарвозаи биҳиштро мекунад ва умматони ӯ бошанд аввалин касоне хоҳанд буд, ки дар биҳишт ворид мегарданд.

Танҳо Пайғамбари мо ﷺ назди Аллоҳ Таъоло шафоъат мекунад, ки аҳли имон вориди биҳишт гарданд ва инчунин бо шафоъати бузург аз Аллоҳ хоҳиш мекунад, то ҳисоби мардумро, ки дар интизори ҳисоб ҳастанд оғоз гардад ва

инчунин барои амакаш шафоъат мекунад, то азобаш сабук гардад, ки ин шафоъат танҳо ба Расулуллоҳ ﷺ дода шудааст.

Аммо дар дигар анвоъи шафоъатҳо тамоми пайғамбарон, малоикаҳо ва муъминон низ шарик мебошанд. Аз ҷумлаи ин шафоъатҳо метавон шафоъатҳои зеринро зикр намуд:

1. Шафоъат барои муъминони гунаҳкоре, ки мустаҳиқи азоб гаштаанд, то аз он азоб наҷот ёбанд.

2. Шафоъат барои берун кардани мусулмонони гунаҳкороне, ки дар дузах қарор доранд.

3. Шафоъат барои баланд шудани мақоми баъзе аҳли биҳишт.

Шарти қабули чунин шафоъатҳо ду чиз мебошад:

1. Иҷозати Аллоҳи Мутаъол, чуноне мефармояд:

— …**Чӣ касе ҷуз ба иҷозати ӯ дар назди ӯ шафоъат кунад?** (Сураи Бақара 255)

2. Ризои Аллоҳ барои касоне, ки барояшон шафоъат мешавад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва онон ҷуз касонеро, ки Аллоҳ аз онҳо хушнуд аст (ва иҷозаи шафоъатро додааст), шафоъат намекунанд…** (Сураи Анбиё 28)

Дар бораи тамоми ончӣ дар ҷаҳони охират мегузарад, махсусан дар марҳалаи байни марги инсон ва рӯзи қиёмат, дар рӯзи қиёмат, дар биҳишт, дар дузах танҳо ончиро медонем, ки дар Қуръону Суннат омадааст ва ба он ҳама имон дорем, агарчи дар бораи тафсилоти он чизе намедонем.

Имон ба тақдир

Тақдир, сарнавиштест, ки Аллоҳи Мутаъол барои тамоми коинот муқарар намудааст. Дар Қуръону Суннат далелҳои зиёде барои вуҷуд доштани тақдир ва ҳатмӣ будани имон ба он вуҷуд дорад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ҳаройна, Мо ҳар чизро ба андоза офаридаем**! (Сураи Қамар 49)

Инчунин Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **…ва фармони Аллоҳ ҳамвора ба андозаи (муайян) андозагирӣ шудааст.** (Сураи Аҳзоб 38)

Инчунин Аллоҳ-Таъоло мефармояд:

— **Ҳеҷ мусибате ҷуз ба фармони Аллоҳ ба касе намерасад. Ва ҳар кӣ ба Аллоҳ имон биёварад, Аллоҳ қалбашро ҳидоят мекунад**. (Сураи Тағобун 11)

Дар саҳеҳи Муслим омадааст: «***Вақте барои ҳазрати Абдулло ибни Умар ﷺ хабар доданд, ки мардумоне ҳастанд, ки Қуръонро мехонанд ва дар талаби илм ҳастанд, вале тақдирро инкор мекунанд. Ба он шахс гӯфт: Агар бо онҳо мулоқот кардӣ барояшон бигӯ, ки ман аз онҳо нестам ва онҳо аз ман нестанд, ва ба онҳо бигӯ, ки Абдулло ибни Умар қасам мехурад, ки агар яке аз онҳо***

монанди кӯҳи Уҳуд тилло садақа намояд аз вай қабул намешавад, то инки ба тақдир имон наорад». Сипас ҳадиси Ҷабраилро аз падараш аз Пайғамбар ﷺ ривоят намуд.

Дар саҳеҳи Муслим ривоят шудааст, ки Товус ибни Кайсон фармуданд: «Ман бо баъзе аз саҳобагони Расулуллоҳ ﷺ ҳангоми ҳаёташон вохурдам, ки мегуфтанд: «Ҳама чиз тақдир шудааст».

Товус инчунин мегуяд, шунидам Абдулло ибни Умар ﷺ-ро, ки мегӯфт: «Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Тамоми умур тақдир ва муайян шудааст, ҳатто нотавонӣ ва ҳушёрӣ ва ё ҳушёриву нотавонӣ***».

Дар саҳеҳи Муслим аз ҳазрати Абуҳурайра ﷺ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ мефармоянд: «***Муъмини тавонову қудратманд назди Аллоҳ назар ба муъмини заъиф беҳтар ва маҳбубтар аст, вале дар ҳардуяшон хайр вуҷуд дорад. Дар ончӣ бароят муфид аст талош намо ва аз Аллоҳ кӯмак бихоҳ ва худро оҷизу нотавон магир ва агар ба мушкиле дучор шудӣ, магӯ: агар коре мекардам чунину чунон мешуд, балки бигӯ: Ҳарчӣ Аллоҳ тақдир кард ва хост ҳамон шуд, зеро гуфтани калимаи "агар" амали шайтонро боз мекунад***».

Мартабаҳои имон ба тақдир

Имон ба тақдир дорои чаҳор мартаба аст:

Мартабаи якум:

Имон овардан ба илми Аллоҳ, ки тамоми ҳастиро фаро гирифтааст ва инки Аллоҳ тақдири тамоми махлуқоташро қабл аз офариданашон медонист ва аз аҳвол, амалҳо, ризқу рӯзӣ, аҷал, тоъат ва маъсиятҳояшон бохабар буд.

Мартабаи дуюм:

Имон ва яқин доштан, ки Аллоҳи Мутаъол тамоми ин умурро дар Лавҳулмаҳфуз навиштааст.

Аз ҷумлаи далелҳои ду мартабаи мазкур ин фармудаи Аллоҳ аст:

— **Оё надонистай, ки Аллоҳ ҳар чиро, ки дар осмонҳову замин аст, медонад. Ва ин дар китобе навиштааст ва корест бар Аллоҳ осон**. (Сураи Ҳаҷ 70)

Дар саҳеҳи Муслим аз Абдулло ибни Амр ибни Ос ﷺ ривоят аст, ки гӯфтанд: Шунидам Расулуллоҳ ﷺ-ро, ки фармуданд: «***Аллоҳи Мутаъол тақдир ва сарнавишти тамоми махлуқотро панҷоҳ ҳазор сол қабл аз офарини осмонҳо ва замин навиштааст***».

Тамоми ин тақдирро Аллоҳи Мутаъол медонад ва дар он ҷумла тақдири ом ва тақдир хос дохил мешавад. Тақдири ом ҳамон тақдиротест, ки дар Лавҳ-ул-Маҳфуз навишта шудаанд. Тақдир хос бошад ба се марҳала ҷудо мешавад:

1. **Тақдири тамоми умр**

Дар саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз Абдулло ибни Масъуд ﷺ ривоят аст, ки Расулуллоҳ ﷺ фармуданд: «***Ташаккулёбии хилқати ҳар яки шумо дар шиками модараш чиҳил рӯз нутфа, сипас ба ҳамин муддат алақа (гӯштпораи овезон), сипас музға (гӯштпора) мебошад, баъд аз он малоикае равон карда мешавад, ки дар вуҷудаш рӯҳро медамад ва амр карда мешавад, то чаҳор чизро нависад: Ризақаш, аҷалаш, амалаш ва хушбахт ва ё бадбахт будданашро***».

2. **Тақдири яксола**

Дар шаби қадр тамоми ончӣ, ки то соли оянда ба вуқуъ мепайвандад навишта мешавад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Дар он шаб ҳар фармоне мувофиқи ҳикмат содир мешавад**. (Сураи Духон 4)

3. **Тақдири рӯзона**

Тақдири ҳаррӯза дар бораи зиндагӣ, марг, баланд гаштани мақом ва ё поин шудани он ва ғайра муайян карда мешавад.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ва ӯ ҳар рӯз дар корест.** (Сураи Раҳмон 29)

Мартабаи сеюм: Имон ва яқин доштан, ки Аллоҳи Мутаъол ҳарчӣ хоҳад ҳамон мешавад ва қудрататаш ҳамаро фаро гирифтааст, пас ҳарчӣ хоҳад ҳамон хоҳад шуд ва ҳарчиро нахост намешавад, шудан ва ё нашудани ҳар коре дар замину осмонҳо бо хост ва машиати Ӯст ва бар ҳама чиз қодиру тавоно аст.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Парвардигори ту ҳар чиро, ки бихоҳад, меофаринад ва ихтиёр мекунад.** (Сураи Қасас 68)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Парвардигори ту ҳар чӣ хоҳад, ҳамон кунад!** (Сураи Ҳуд 107)

Инчунин мефармояд:

— **Аллоҳ ба ҳар коре тавоност!** (Сураи Бақара 20)

Иродаи Аллоҳ ду навъ мешавад:

1. **Иродаи кавнии тақдирӣ**

Ин иродаест, ки шомили тамоми ҳодисаҳои коинот мебошад ва муҳаббату ризомандиро лозим намедорад. Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Ҳар касро, ки Аллоҳ хоҳад, ки ҳидоят кунад, дилашро барои Ислом мекушояд ва ҳар касро, ки хоҳад гумроҳ кунад синаашро чуноне танг мекунад, ки гӯӣ мехоҳад, ки ба осмон боло равад.** (Сураи Анъом 125)

2. **Иродаи шаръӣ, ки шомили муҳаббат ва ризо мебошад**. Чуноне Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Худо барои шумо хостори осонӣ аст, на сахтӣ**. (Сураи Бақара 185)

Агар амали савобе анҷом дода шавад, пас бо тақдири кавнӣ, яъне бо тақдир ва хостааш анҷом пазируфтааст ва инчунин бо тақдири шаръӣ, яъне аз он амал розӣ буда, дӯсташ медорад. Аммо агар маъсияте ба вуқуъ пайвандад бо иродаи кавнӣ, яъне тақдир ва хостааш анҷом пазируфтааст, вале на ба тақдири шаръӣ, яъне ин амалро дӯст намедорад ва аз он розӣ нест.

Мартабаи чаҳорум: Аллоҳ офаридгори ҳамаи чиз аст ва ғайр аз Аллоҳ ҳама махлуқ мебошанд. Аллоҳи Мутаъол махлуқот ва амалҳояшонро офаридааст ва ҳеҷ офаридгор ва парвардигоре ғайр аз Ӯ нест.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Аллоҳ офаридгори ҳар чизест ва ӯст нигаҳбони ҳар чизе**. (Сураи Зумар 62)

Аллоҳ Таъоло хабар медиҳад, ки Пайғамбараш ҳазрати Иброҳим ﷺ фармуданд:

— **Аллоҳи яктост, ки шумо ва ҳар чиро анҷом медиҳед, офаридааст**. (Сураи Соффот 96)

Бандагони Аллоҳ тавони воқеъии анҷоми амал, қудрат ва иродаро доранд, вале Аллоҳ холиқи худашон, қудрат ва иродаи онҳост.

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

— **Барои ҳар кас аз шумоён, ки бихоҳад ба роҳи рост афтад. Ва ҳол он ки наметавонед, бихоҳед, ҷуз чизҳеро, ки Парвардигори ҷаҳониён хоста бошад**. (Сураи Таквир 28–29)

Аллоҳи Мутаъол баён медорад, ки бандагон ихтиёр доранд, вале хостаашон танҳо замоне амалӣ мегардад, ки Аллоҳ хоста бошад.

Чун бандагон қудрат ва ихтиёр доранд барояшон пайғамбарон равон шуда, китобҳо нозил гаштааст, то ба ин ва-

сила Аллоҳ ҳуҷҷату далели худро барояшон баён намояд. Пас ба ҳамин хотир бандагон дар баробари амалкардашон посухгӯ мебошанд ва барои амалҳои хайрашон савоб гирифта, барои корҳои бадашон муҷозот мешаванд. Аз ин рӯ банда бояд ба тақдири Аллоҳ имон дошта бошад ва аз фаромини шариъаташ пайравӣ намояд ва аз Аллоҳ барои худ ҳидоят ва собит мондан дар динро талаб кунад. Бо вуҷуди имон ба тақдир бояд аз тамоми васоил ва имконот барои осон шудани корҳои динӣ ва дунёияш ва дур намудани зарар ва мушкилот истифода намояд ва дар айни ҳол ба Аллоҳ таваккал намуда, аз Ӯ осон гаштани мушкилоташро талаб намояд. Агар василаҳоеро, ки интихоб намудааст барояш манфиъат биёранд, пас Аллоҳро сипосгузорӣ намояд ва агар фоида наоранд, пас сабр намуда, аз Аллоҳ дар ивази он хайру савоб бихоҳад, зеро ончӣ дар тавонаш буд анҷом дод.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Худо ҳеҷ касро ҷуз ба андозаи тоқаташ амр намекунад. Некиҳои ҳар кас аз они худи ӯст ва бадиҳояш аз они худи ӯст.** (Сураи Бақара 286)

Расулуллоҳ ﷺ мефармоянд: «***Шумо амал намоед, зеро барои ҳар кас он амале осон карда мешавад, ки барои ҳамон чиз офарида шуда аст***». Ин ҳадисро Бухорӣ ва Муслим аз ҳазрати Алӣ رضي الله عنه ривоят кардаанд.

Инчунин Расулуллоҳ ﷺ мефармоянд: «***Аҷиб аст ҳолати муъмин, зеро тамоми ҳолат барояш хайр аст ва ин танҳо барои муъмин дода шудааст. Агар барояш хубие бирасад ва Аллоҳро шукр гуяд барояш хайр аст ва агар ба мушкилоте дучор гардад ва сабр кунад барояш хайр аст***». (ривояти Муслим)

Масоили вобаста ба имон

Дар Қуръону Суннат калимаи «имон» гоҳе ҷудогона ва гоҳе якҷо бо калимаи «ислом» зикр мегардад ва ҳар гоҳ якҷо зикр гарданд чуноне дар ҳадиси саволҳои ҳазрати Ҷабраил омадааст дар он сурат мақсад аз ислом амалҳои зоҳирӣ мебошад, яъне фурӯтанӣ ва таслим шудан ба Аллоҳ, ки аркони он панҷ мебошанд: «***Гувоҳӣ додан бар инки нест маъбуди барҳаққе, ки лоиқи ибодат бошад ба ғайр аз Аллоҳ ва инки Муҳаммад пайғамбари Аллоҳ аст, барпо доштани намоз, адо кардани закот, рӯзаи моҳи Рамазон ва ҳаҷҷи байтуллоҳ.***» Аммо мақсад аз имон ончӣ вобаста ба ботин аст ва он ҳам маърифат, иқрор ва тасдиқи қалб, ки аркони он шаш мебошанд: «***Имон ба Аллоҳ, ба малоикаҳои Аллоҳ, ба китобҳои Аллоҳ, ба пайғамбарони Аллоҳ, ба рӯзи қиёмат ва ба неку бади тақдир***». (Муслим)

Аммо агар калимаи «имон» ба танҳоӣ зикр гардад, чуноне дар ин фармудаи Аллоҳ омадааст:

— **Мӯъминон касоне ҳастанд, ки чун номи Аллоҳ бурда шавад, хавф дилҳошонро фаро гирад ва чун оёти Аллоҳ бар онон хонда шавад, имонашон афзун гардад**

ва бар Парвардигорашон таввакул мекунанд, ҳамон касон, ки намоз мегузоранд ва аз он чӣ рӯзияшон додаем, садақа мекунанд. (Сураи Анфол 2–3)

Ва чуноне дар ҳадисе, ки онро ҳазрати Абуҳурайра ﷺ аз Расулуллоҳ ﷺ ривоят мекунад, омадааст: «***Имон шасту чанд шоха дорад, беҳтарини он гуфтани Ла илаҳа иллаллоҳ ва камтарини он дур кардани ашёи зарарнок аз роҳ ва ҳаё шохае аз имон мебошад***». (Бухорӣ ва Муслим)

Дар инҷо мақсад аз имон тамоми дин мебошад ва ҳамчунин агар ислом ба танҳоӣ зикр гардад дар он сурат имони ботинӣ низ дохил мегардад.

Дар ҳамин асос мегуем, ки имон иқрор ва амал мебошад.

Мурод аз тасдиқи қалб эътиқод буда ва иқрори забон гуфтани калимаи шаҳодат аст.

Амали қалб: Ният, ихлос ва монанди инҳо буда, амали аъзои бадан намозу закот ва ғайра мебошад.

Зиёд ва кам шудани имон

Имон зиёд ва кам мегардад, яъне бо тоъату ибодат зиёд гашта, бо анҷоми маъсияту гуноҳ кам мегардад ва далели мо ба ин гуфтаҳо оят ва ҳадисест, ки дар бораи шохаҳои имон дар боло зикр шуданд.

Ҳукми анҷомдиҳандаи гуноҳи кабира

Шохаҳои имон бисёр ҳастанд ва чуноне дар ҳадиси дар болозикршуда баён шуд бо заволи баъзе аз ин шохаҳо имон

ҳам зоил мегардад, монанди шохаи шаҳодат, вале бо завол баъзе шохаҳои дигараш имон зоил намегардад монанди зоил гаштани шохаи дур кардани ашёи зарарнок аз роҳ. Байни шохаи шаҳодат ва шохаи дур кардани ашёи зарарнок аз роҳ, шохаҳои гуногуни зиёде вуҷуд доранд, ки баъзеи он ба шохаи шаҳодат наздиканд ва баъзе дигари он ба шохаи дур кардани ашёи зарарнок аз роҳ ва ҳар як шохаи имон, имон ба шумор меравад, чуноне, ки ҳар як шохаи куфр, куфр мебошад.

Ба ҳамин хотир аҳли суннат гуноҳонро ба ду гуруҳ, яъне гуноҳони бузург ва хурд ҷудо кардаанд, чуноне Аллоҳи Мутаъол мефармояд:

— **Агар аз гуноҳони бузурге, ки шуморо аз он манъ кардаанд, парҳез кунед, аз дигар гуноҳонатон дармегузарем ва шуморо ба маконе некӯ дармеоварем**. (Сураи Нисо 31)

Гуноҳони кабира ду дараҷа доранд: Гуноҳони кабирае, ки мусулмонро аз дин хориҷ мекунанд, монанди куфри бузург ва ширки бузург ва гуноҳоне, ки аз дин хориҷ намесозанд, монанди зино, дуздӣ ва нӯшидани шароб ва ғайра.

Вақте ба таври умум гуноҳи кабира гуфта мешавад, дар он сурат мақсад дараҷаи дуюми гуноҳи кабира мебошад, ки ҳукми муртакибаш дар мазҳаби аҳли суннат мусулмони ноқисулимон ва ё бо имонаш муъмин ва ба сабаби анҷоми гуноҳи кабира фосиқ ба ҳисоб меравад. Дар дунё бо чунин шахс ба андозаи имонаш дӯстӣ мешавад ва дар охират зери машиати Аллоҳ мебошад, ки агар хоста бошад ба сабаби амали солиҳи худаш ва ё ба сабаби дуоъову шафоъати дигарон ва ё бо фазлу карамаш гуноҳонашро мебахшад ва агар хоста бошад бо адлу ҳикматаш азобаш мекунад, вале дар дузах абадӣ боқӣ намемонад.

Далели боқӣ мондани имон дар шахси муртакиби гуноҳи кабира ин фармудаи Аллоҳи Мутаъол мебошад, ки мефармояд:

— …**Пас ҳар кас, ки аз ҷониби бародари худ афв гардад…** (Сураи Бақара 178)

Аллоҳ Таъоло қотил ва соҳиби мақтулро бародар хондааст.

Ва далели дигар фармудаи Расулуллоҳ ﷺ дар бораи шаробнӯш мебошад чуноне мефармояд: «***Алайҳи бародаратон шайтонро кӯмак накунед***». (Имом Бухорӣ ин ҳадисро аз ҳазрати Абуҳурайра ؓ ривоят намудааст.)

Дар замони Расулуллоҳ ﷺ аз баъзе мусулмонон гуноҳони кабира монанди шаробнӯшӣ, зино ва дуздӣ содир гашта буд, вале Расулуллоҳ ﷺ онҳоро ҳукми муртад накард ва мусулмононро аз дӯстӣ бо онҳо манъ накард, балки ҳудуди шаръиро бар онҳо иҷро намуд.

Далели онки дар рӯзи қиёмат зери машиати Аллоҳ қарор доранд ин фармудаи Аллоҳи Мутаъол мебошад.

— **Албатта, Аллоҳ гуноҳи касонеро, ки ба Ӯ ширк оваранд, намебахшад ва гуноҳони дигарро барои ҳар кӣ бихоҳад, меомурзад**. (Сураи Бақара 48)

Далели инки дар оташи ҷаҳаннам абадӣ боқӣ намемонад ин фармудаи Расулуллоҳ ﷺ мебошад, ки мефармоянд: «***Ҳар касе шаҳодат диҳад, ки нест маъбуди барҳаққе, ки лоиқи ибодат бошад ба ғайр аз Аллоҳ ва бо ҳамин эътиқод бимирад вориди биҳишт мешавад, агарчӣ зино ва дуздӣ карда бошад***». (Имом Бухорӣ ва Муслим ин ҳадисро аз ҳазрати Абузар ؓ ривоят намудаанд)

Инчунин ин фармудаи Расулуллоҳ ﷺ: «***Аҳли биҳишт вориди биҳишт мегарданд ва аҳли дузах вориди дузах ва Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «ҳаркиро дар қалбаш миқдори донаи испанд имон бошад аз оташ берун кунед***». (Ин ҳадисро имом Бухорӣ ва Муслим аз Абусаъиди Худрӣ ؓ ривоят намудаанд)

Ҳуқуқи аҳли байт ва асҳоби Расулуллоҳ ﷺ

Аҳли байт ва асҳоби Расулуллоҳ ﷺ ҳуқуқе доранд, ки бояд риоя шаванд, пас моро лозим аст аҳли байти Расулуллоҳ ﷺ-ро дар асоси итоъати ин фармудаи Аллоҳ дӯст бидорем ва аз онҳо дифоъ намоем.

— **Бигӯ**: «**Бар он таблиғи Қуръон музде аз шумо ҷуз дӯст доштани хешовандон намехоҳам**». (Сураи Шуро 23)

Ва инчунин дар асоси ин ҳадиси Расулуллоҳ ﷺ, ки мефармояд: «***Дар бораи аҳли байтам аз Аллоҳ битарсед***». (ривояти Муслим аз Зайд ибни Арқам ؓ)

Расулуллоҳ ﷺ моро амр намудааст, то ба худаш ва ба аҳли байташ якҷо салавоту дуруд фиристем, чуноне мефармояд: ***Бигуед***: «***Аллоҳумма салли ало Муҳаммадин ва оли Муҳаммад… (Бори Илоҳо бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад дуруд фирист…***)». (Бухорӣ ва Муслим)

Аҳли байташ касоне ҳастанд, ки закот ба онҳо ҳаром гардонда шудааст ва аз ҷумлаи аҳли байташ занҳояш мебошанд, ки дар дунё ва охират ҳамсаронаш ҳастанд.

Инчунин асҳоби Расулуллоҳ ﷺ — ро дӯст медорем, аз Аллоҳ бароямон ризоят мехоҳем ва эътиқод ба адолаташон дошта, ҳар ончӣ дар Қуръону Сунат дар бораи фазилаташон омадааст қабул дорем ва гувоҳӣ ба биҳиштӣ будани онҳое

медиҳем, ки Расулуллоҳ ﷺ онҳоро башорат ба биҳишт додааст.

Имон дорем, ки ҷонишини Расулуллоҳ ﷺ ҳазрати Абубакр ؓ, сипас ҳазрати Умар ؓ, сипас ҳазрати Усмон ؓ ва чаҳорум ҳазрати Алӣ ؓ мебошад ва фазилати онҳо низ бо тартиби хилофаташон мебошад.

Дар мавриди онҷӣ байнашон гузаштааст худдорӣ намуда, вориди он ҳодисаҳо намешавем ва эътқод дорем, ки онҳо беҳтарини ин уммате мебошанд, ки беҳтарини умматҳост.

Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Шумо беҳтарин уммате ҳастед аз миёни мардум падид омада**». (Сураи Оли Умрон 110)

Инчунин Аллоҳи Мутаъол мефармояд: «**Аз он гурӯҳи нахустин аз муҳоҷирин ва аҳли Мадина, ки пешқадам шуданд ва онон, ки ба некӣ аз паяшон рафтанд, Аллоҳ хушнуд аст ва эшон низ аз Аллоҳ хушнуданд**». (Сураи Тавба 110)

Расулуллоҳ ﷺ мефармояд: «***Беҳтарин асрҳо асри ман аст, сипас касоне, ки баъд аз онҳо меоянд, сипас касоне, ки баъд аз онҳо меоянд***». (Ин ҳадисро имом Бухорӣ ва Муслим аз теъдоде аз саҳобагон ривоят намудаанд)

Инчуни Расулуллоҳ ﷺ мефармоянд: «***Ёрони маро дашном надиҳед, қасам ба Зоте, ки ҷони ман дар дасти Ӯст агар яке аз шумо монанди куҳи Ӯҳуд тилло садақа намояд миқдори як каф ва нисфи каф садақаи онҳо арзиш надорад***». (Бухорӣ ва Муслим)

Он бадиҳое, ки ба саҳобагон дар баъзе китобҳо нисбат дода мешаванд, аксари он дурӯғ мебошанд, ки душманонашон ба онҳо нисбат додаанд ва гоҳе дар он умур чизҳое зиёд шудааст ва ё кам шудааст ва ин ҳодисаҳоро аз маҷрои дурусти худ тағйир додаанд. Аммо онҷӣ аз онҳо гузаштаааст маъзур дониста мешаванд, зеро амалкардашон аз руи иҷтиҳодашон будааст, ки дар он ба ҳақ расидаанд ва ё хато намудаанд ва ё баъд аз хато кардан тавба намудаанд, зеро онҳо маъсум намебошанд ва имкони содир шудани гуноҳ

аз онҳо вуҷуд дорад. Онҳо дар умури хайр бисёр устувор будаанд ва фазоили зиёде доштаанд, ки сабаби бахшиши ин хатогиҳояшон мегарданд ва хатогиҳое, ки аз онҳо бахшида мешаванд аз дигарон бахшида намешаванд, зеро асбоби мағфират барои онҳо бисёртар аз дигарон аст. Ба ҳар ҳол он камбудиҳое, ки аз эшон содир шудааст чизи андаке дар баҳри фазоилашон мебошад, ки қобили ёдоварӣ нестанд.

Аз Аллоҳи Поку Бузург талаб менамоем, ки моро аз ҷумлаи онҳое бигардонад, ки баъд аз муҳоҷирону ансор онҳоро ёдовар шудааст.

— **Касоне, ки аз паси онҳо омадаанд, мегӯянд: «Эй парвардигори мо, мову бародарони моро, ки пеш аз мо имон овардаанд, биёмурз ва кинаи касонеро, ки имон овардаанд, дар дили мо ҷой мадеҳ. Эй Парвардигори мо, ҳаройна, ту мушфиқу меҳрубон ҳастӣ!»** (Сураи Ҳашр 10)

Ҳамду сано Парвардигори оламиёнро ва дуруду салом бар Пайғамбарамон ва ёрону пайравонаш то рӯзи қиёмат.

ФЕҲРЕСТ

МУҚАДДИМА 3

Амали қалб-асоси ибодатҳост 7

Анвоъи амалҳои дил 9

ИМОН БА АЛЛОҲ 17

Тавҳиди рубубият
Аллоҳро дар парвардигор буданаш якка
ва ягона донистан 19

Тавҳиди номҳо ва сифатҳо
(Аллоҳро дар номҳо ва сифатҳояш
яккаву ягона эътиқод намудан) 24

Тавҳиди Улуҳият
(Аллоҳро дар ибодат ва бандагӣ якто донистан).. 40

Калимаи Тавҳид
Гувоҳӣ додан ба инки нест маъбуди барҳаққе ғайр
аз Аллоҳ — «Ла илаҳа иллаллоҳ» 44

Шартҳои калимаи тавҳид 46

Аркон (пояҳои) ибодат 52

Ширк, куфр ва нифоқ 55

Куфр чист? 62

Анвоъи нифоқ 64

ИМОН БА МАЛОИКАҲО 66

Дараҷоти фариштаҳо 69

ИМОН БА КИТОБҲО 71

ИМОН БА ПАЙҒАМБАРОН 73

Соҳибони азму ирода (Улул-ъазм) 75

Умумӣ будани рисолати пайғамбари мо ҳазрати Муҳаммад ﷺ 76

Ҳазрати Муҳаммад ﷺ — охирин пайғамбар 78

ИМОН БА РӮЗИ ҚИЁМАТ 81

Вақти барпо гаштани қиёмат 87

Марг ва ончи дар қабр мегузарад 89

Манзараҳои баъд аз марг 97

ИМОН БА ТАҚДИР 109

МАРТАБАҲОИ ИМОН БА ТАҚДИР 110

Масоили вобаста ба имон 115

Ҳукми анҷомдиҳандаи гуноҳи кабира 116

Ҳуқуқи аҳли байт ва асҳоби Расулуллоҳ ﷺ 119